## СУХАНИ ПЕШВО



Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод.

Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Барои иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони бонангу номуси кишвар дар се соли охир беш аз 20 миллиард сомонӣ хароҷот карда шуд.

Корҳое, ки дар ин самт анҷом дода шуданд, ба таъмин гардидани нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва пешрафту ободии шаҳру деҳоти мамлакат мусоидат намуданд.

Дар доираи нақшаи зикргардида дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне, муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Дар ҳамаи ин корҳои хайри ободонӣ саҳми соҳибкорон ва сокинони мамлакат бисёр бузург мебошад.

Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва кулли мардуми Тоҷикистон барои дастгирии ташаббусҳои Ҳукумат ва саҳмгузорӣ дар ободиву пешрафти мамлакат сипосу миннатдории самимӣ баён мекунам.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расид.

Яъне, нишондиҳандаи мазкур 3 баробар зиёд гардида, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Танҳо дар асоси пешниҳоди Паёми соли гузашта аз аввали соли 2024-ум маоши хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 40 фоиз баланд бардошта шуд.

Аз моҳи июл маоши хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, стипендияҳо 40 фоиз ва андозаи нафақа 30 фоиз зиёд карда шуд.

Тавассути амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани таваррум таъмин гардида, соли 2024-ум 3,6 фоизро ташкил дод.

Хотирнишон менамоям, ки дар панҷ соли охир маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ чор маротиба (солҳои 2020, 2022, 2023, 2024) ва дар маҷмуъ, ба андозаи 100 фоиз зиёд карда шуд.

Дар ин муддат, яъне, дар панҷ соли охир сатҳи таваррум ё баландшавии нархҳои истеъмолӣ ҳамагӣ 29 фоизро ташкил кард.

Яъне, дар ин давра маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум бамаротиб зиёд гардиданд, ки бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии мардуми кишвар мусоидат намуданд.

Бо вуҷуди пешравиҳои зикргардида, Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои саривақтиву босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида ва дар ин замина рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025-ум дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

Илова бар ин, дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Ҳамчунин, идоракунии самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва таъсис додани ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат таъмин карда шавад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои пешбинигардида, то охири соли 2025-ум лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 – 2030»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Дар ҳуҷҷати зикршуда ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла, дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон чораҳои судмандро амалӣ созанд.

Ҳамчунин, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро ҳарчи зудтар таъмин намоянд.

Дар ин раванд, то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шаванд.

Дар бисёр кишварҳо нишондиҳандаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80-90 фоизро ташкил медиҳад.

Ин яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани шаффофияти амалиёти хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ ва пешгирии коррупсия мебошад.

## СУХАНИ ПЕШВО

Бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ дар панҷ соли охир аз ҷониби низоми бонкии кишвар беш аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст.

Ҷиҳати идома додани ин раванд ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ супориш дода мешавад, ки ҳаҷми пешниҳоди қарз ба иқтисодиётро ҳамасола зиёд намоянд.

Нишондиҳандаи мазкур то охири соли 2027 бояд ба беш аз 100 миллиард сомонӣ расонида шавад.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои боз ҳам баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҷалби бештари пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти низоми рақамии хизматрасониҳои бонкиву молиявӣ бояд чораҷӯйӣ намоянд.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати таъсис додани филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, зиёд кардани пешниҳоди қарзҳо бо фоизи нисбатан паст ва таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ, бахусус, дар ноҳияҳои дурдасти мамлакат тадбирҳои мушаххас андешанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ - ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти кибериии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Бо ин мақсад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамоти алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо фароҳамсозии асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Ба вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки барои тасдиқи нақшаи мукаммали пайванди инноватсия бо истеҳсолот санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон бо ин, дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад.

Дар ин раванд, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад.

Дар робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад.

Ба ин донишгоҳ мақоми пойгоҳи асосии тайёр кардани мутахассисони самти мазкур дода, илова бар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар факултаю кафедраҳои дахлдор таъсис дода шаванд.

Вазорати маориф ва илм ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, дигар вазорату идораҳои марбута дар муҳлати чор моҳ лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро доир ба ин масъала таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

**Вакилони муҳтарам!**

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст.

Татбиқи ислоҳот дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор имкон дод, ки то имрӯз шумораи мақомоти санҷиш аз 31 то ба 23 ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016-ум то 42 ҳазор дар соли 2024-ум кам гардад.

Аз ҷумла, муқаррароти дар Кодекси андоз доир ба роҳандозии санҷишҳои андоз тибқи низоми идоракунии хавфҳо имкон дода истодаанд, ки шумора ва муҳлати гузаронидани онҳо маҳдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад.

Тибқи маълумот соли 2023 нисбат ба соли 2014 шумораи санҷишҳои андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ду баробар кам гардидааст. Вале маблағҳои дар натиҷаи санҷишҳо ошкор ва пардохтшуда чор баробар афзоиш ёфтаанд.

Танҳо дар 11 моҳи соли 2024 аз ҳисоби санҷиши 1150 андозсупоранда ба буҷети давлат иловатан 1 миллиарду 640 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Чунин ҳолат гувоҳи риоя нагардидани қонунгузории андоз аз ҷониби баъзе субъектҳои хоҷагидор ва сатҳи пасти фарҳанги андозсупории онҳо мебошад.

Бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва даврияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад.

Пешниҳод менамоям, ки дар давраи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар мақомоти марбута дар муҳлати як моҳ лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба амалисозии ин пешниҳод таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намояд.

Ҳамзамон бо ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ бо зикри маълумоти мушаххасу дақиқ оид ба захираву имкониятҳои мавҷуда, соҳаҳои афзалиятнок ва самтҳои асосии беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар дар муҳлати се моҳ Стратегияи ҷалби сармояро барои давраи то соли 2040 таҳия намояд.

Масъалаи истифодаи соҳибкорону сармоягузорон аз имтиёзи андоз аз фоида ҳангоми бунёди корхонаи нав низ таҷдиди назарро талаб менамояд.

Ҳоло имтиёзи зикршуда на аз оғози фаъолияти истеҳсолии корхона, балки аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ҷорӣ мегардад.

Дар чунин ҳолат қисми зиёди муҳлати имтиёзӣ ба давраи бунёд ва таҷҳизонидани корхонаи нав, яъне, то ба даст овардани фоида рост меояд ва соҳибкорону сармоягузорон аз ин имтиёз пурра бархурдор намешаванд.

Аз ин рӯ, Вазорати молия, Кумитаи дав-

латии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки оид ба такмил додани механизми татбиқи имтиёзи андоз аз фоида барои корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии навро ба роҳ мондаанд, дар муҳлати ду моҳ санадҳои дахлдорро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати мамлакат солҳои охир аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон бунёди иншооти таъиноти иқтисодиву иҷтимоӣ вусъат ёфта истодааст.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ба сифати сохтмон ва санъати баланди меъмории иншооту биноҳои бунёдшаванда, ки бояд ба зебо гардидани симои шаҳру ноҳияҳо мусоидат карда, ба мардум садсолаҳо хизмат намоянд, аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад.

Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд.

Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст.

Суръати миёнасолонаи рушди соҳа дар ин давра дар сатҳи 15 фоиз таъмин гардид, ки бо дарназардошти имконияту иқтидорҳои мавҷуда барои ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ҳанӯз нокифоя мебошад.

Хотирнишон месозам, ки суръати рушди соҳа ҳар сол на кам аз 20 фоиз бояд таъмин карда шавад.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти саноатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Инчунин, ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Тақвияти корҳо доир ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногуннавъии истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур мебошад.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомоти марбута ҷиҳати коҳиш додани содироти ашёи хом ва зиёд намудани содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда бояд тадбирҳои судманд андешад.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳукумати мамлакат бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина, таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз» мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст.

Ҳоло корҳои таҷдиду азнавсозӣ дар неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 6 миллиарду 900 миллион сомонӣ ва сохтмони неругоҳи «Себзор» ба маблағи 700 миллион сомонӣ идома доранд.

То имрӯз ду агрегати неругоҳи «Норак» ва се агрегати неругоҳи «Қайроққум» пурра навсозӣ карда шуд.

Соли 2025 бо таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар дар неругоҳи «Қайроқум» иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд гардида, ба 174 мегаватт мерасад.

Инчунин, як агрегати дигар дар неругоҳи

«Норак» таҷдид шуда, иқтидори он 40 мегаватт зиёд мегардад ва сохтмони неругоҳи «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт ба анҷом расонида мешавад.

Яъне, иқтидорҳои мавҷудаи энергетикии мамлакат дар соли 2025 танҳо аз ин ҳисоб 180 мегаватт зиёд мегарданд.

Дар баробари ин, соли 2025 дар вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иқтидори 200 мегаватт оғоз мегардад.

Имрӯзҳо бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун» бо суръати баланд идома дошта, дар ду соли охир ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 9 миллиард сомонӣ харҷ гардидааст.

То имрӯз беш аз 50 фоизи корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сари вақт маблағгузорӣ намудани сохтмони ин иншооти стратегӣ мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст.

Дар ин ҷода бо як қатор созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ҷалби маблағҳои имтиёзнок дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ (ё 3 миллиард доллар), аз ҷумла 12,5 миллиард сомонӣ грант (ё 1 миллиарду 150 миллион доллар) идома доранд.

То имрӯз созишномаҳои маблағгузории иншооти неругоҳ бо 6 созмон дар ҳаҷми умумии 10 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 3,8 миллиард сомонӣ грант ба имзо расонида шуда, соли 2025 маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо оғоз мегардад.

Аз ҷумла, 17-уми декабри соли ҷорӣ Шӯрои директорони Бонки Умумиҷаҳонӣ дар хусуси дар марҳалаи аввал ҷудо намудани 3,8 миллиард сомонӣ грант барои сохтмони неругоҳи «Роғун» қарор қабул кард.

Инчунин, аз ҷониби Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ дар ҳаҷми 2,9 миллиард сомонӣ, Бонки исломии рушд 1,6 миллиард сомонӣ, Фонди Саудии рушд 1,1 миллиард сомонӣ, Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ 272 миллион сомонӣ ва Фонди Кувайтии рушди иқтисодии арабӣ 180 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидаанд.

Барои таваҷҷуҳ ва ҳамкориҳо ба ҳамаи созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд миннатдории мардуми Тоҷикистонро баён менамоям.

Аз моҳи майи соли 2027-ум аз ҳисоби истеҳсоли неруи барқ дар «Роғун» ва силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш норасоии неруи барқ дар кишвар пурра бартараф ва Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад.

Бинобар ин, Сарвазири мамлакат, муовини Сарвазир – сарпарасти соҳа, вазири энергетика ва захираҳои об, дигар вазорату идораҳои дахлдор, роҳбарони Ҷамъияти саҳҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун», ширкатҳои соҳа ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳо вазифадоранд, ки доир ба татбиқи саривақтии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии соҳа, аз ҷумла, лоиҳаҳо дар самти паст кардани талафоти барқ тадбирҳои муассир андешанд.

Дар робита ба ин, дар соли 2025-ум лоиҳаи «Барномаи рушди соҳаи энергетикаи барқӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурии соҳа, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод карда шаванд.

Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имкониятҳои транзитии он ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар пазируфта шудааст.

Соли 2024-ум дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Аз ҷумла, роҳҳои мошингарди «Роғун – Обигарм – Нуробод» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ ба дарозии 76 километр ва «Бохтар – Левакант – Лолазор – Данғара» – 69 километр ба маблағи 800 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шуданд.

Соли 2024-ум таҷдиду азнавсозии роҳҳои

мошингарди «Дангара – Гулистон» – 50 километр ва «Гулистон – Фархор» ба дарозии 33 километр оғоз гардид.

Соли 2025 дар худуди вилояти Суғд бунёду барқарорсозии 52 километр роҳҳои мошингарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта ва дар мавзеи Барсеми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4,5 километр роҳ, 550 метр долонҳои зидди тарма, пул бо дарозии 82 метр аз болои дарёи Шорф ва пул аз болои дарёи Ғунд бо дарозии 200 метр ба анҷом расонида мешавад.

Солҳои охир таъмиру сохтмони роҳҳои маҳаллӣ вусъат пайдо карда, танҳо дар соли 2024-ум аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ва мардуми Тоҷикистон ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ зиёда аз 2 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ таъмиру таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 23 пул ба анҷом расидааст.

Бо таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ аз рӯи нишондиҳандаи сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда аз зинаи 50 ба 44-ум баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид.

Дар баробари ин, Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати татбиқи сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сари вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир амалӣ намудани бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Ҳукумати мамлакат рушди соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ мешуморад.

Шумораи сайёҳоне, ки соли 2024-ум ба Тоҷикистон омадаанд, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2019-ум 12 фоиз афзудааст. Вале нишондиҳандаи мазкур ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ нест. Дар баробари ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Кумитаи рушди сайёҳӣ якҷо бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, хусусан, бунёди инфрасохтори зарурӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ ва беҳтар таъмин гардидани талаботи истеъмоливу саноатии кишвар мусоидат карда истодаанд.

Нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 39 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расидааст, яъне, дар панҷ сол 1,9 баробар афзудааст.

Бо вуҷуди ин, моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем.

Ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ барномаи амнияти озуқавории кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд.

Бар замми ин, бо дарназардошти афзоиши аҳолии мамлакат, барномаи азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ дар мамлакат таҳия ва татбиқ карда шавад.

Инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаб замин, беҳтар гардонидани

вазъи соҳаҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд.

Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сиёсати давлати Тоҷикистон мақоми хос дошта, барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад.

Соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар ин замн, Ҳукумати мамлакат дар самти таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва стипендияҳо, инчунин, зиёд намудани даромади пулии аҳолӣ мунтазам тадбирҳои зарурӣро амалӣ карда истодааст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам, ки аз 1-уми сентябри соли 2025:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;

– маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, аз 1-уми сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне, индексатсия карда шавад.

Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа медиҳад.

Бо вуҷуди корҳои то имрӯз дар соҳаи маориф амалигардида, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакону наврасон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Яъне, дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд.

Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар панҷ соли оянда, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман бунёд кардани як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамоянд.

Ҳамчунин, бо ин мақсад дар соҳа 11 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,6

миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсею гимназия, яъне, муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд.

Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард.

Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст.

Имрӯз дар кишвар 65 литсейи касбҳои техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 23 500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12 000 хонанда, инчунин, 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо бо 106 000 донишҷӯ фаъолият доранд.

Илова бар ин, дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд.

Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд.

Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи таҳсилот ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ доир ба ин масъалаҳо бояд тадбирҳои муассир андешида, рушди босуботу устувори муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар солҳои наздик таъмин намоянд.

Мусаллам аст, ки рушди маориф бо пешрафти соҳаи илм пайванди ногусастанӣ дорад.

Мо соли 2024-ум бо аҳли илм ва маорифи кишвар ду маротиба мулоқот карда, мушкилот ва дурнамои соҳаро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намудем ва барои ислоҳи вазъ дастуру супоришҳои қатъӣ додем.

Ҳоло амалисозии онҳо тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда бомаром идома дорад.

Илова бар ин, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбутаро зарур аст, ки «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021 - 2030»-ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд.

Бинобар ин, зарур аст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда шавад.

Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати таҷдиди назар кардани стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимӣ, ворид намудани воҳидҳои нави кории омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, таҳияи маводи муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, усулҳои навини омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон чораҳои қатъӣ андешад.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи

пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад.

Масалан, ман як кишвареро медонам, ки чандон бузург нест, вале аз лиҳози иқтисодӣ ва технологӣ бисёр пешрафтаву неруманд аст.

Зеро ин давлат ҳар сол фақат аз фурӯши идеяҳо ва кашфиёту ихтироот, ки маҳсули ақли шаҳрвандони он мебошанд, 35 миллиард доллар фоидаи соф ба даст меорад.

Саҳми хонандагони мактабҳои миёна дар ин дастовард, яъне, ихтироот 1 миллиард долларро ташкил мекунад.

Харидорони ин идеяҳо асосан ширкатҳои бузургтарини дунё мебошанд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад.

Яъне, то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд.

Аз ин лиҳоз метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад.

Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад.

Маҳз барои ҳамин ман аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаи илму маориф эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа медиҳам.

**Вакилони муҳтарам!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Иқдомоти дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа такони бузург бахшиданд.

Дар робита ба ин, бори дигар таъкид мекунам, ки фарҳанг ҳастии миллат аст.

Агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод.

Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд карда шуд, ки имрӯз ҳамаи онҳо ба мардуми Тоҷикистон хизмат карда истодаанд.

Танҳо дар се соли охир дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ 167 иншооти фарҳангу фароғат бунёду азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Имрӯзҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ сохтмон ва барқарорсозии 14 муассисаи соҳаи фарҳанг идома дорад.

Аз ҷумла, сохтмони бинои Вазорати фарҳанг ва Театри миллӣ дар пойтахти мамлакат босуръат идома дорад ва мо ният дорем, ки онҳоро дар рӯзҳои ҷашни 35-умин солгарди истиқлоли давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

То имрӯз мо Китобхонаи миллӣ сохтем, шабакаҳои махсуси телевизионӣ ташкил намудем, беш аз 100 ёдгории таърихиву фарҳангии дараҷаи миллӣ ва байналмилалиро таъмиру азнавсозӣ кардем, Агентӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ таъсис додем ва бисёр корҳои дигарро ба анҷом расонидем.

Ман ин корҳоро барои он гуфта истодаам, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ибрат гиранд ва андеша кунанд.

Муассисаҳои соҳаи фарҳанг бояд дар маркази диққати онҳо қарор дошта бошанд.

Зеро фарҳанги миллӣ, ки заиф шуд, ҷояшро фарҳанги бегона пур мекунад.

Бо вуҷуди корҳои амалигардида, ҳоло дар кишвар 75 муассисаи садамавӣ ва 368 муассисаи таъмирталаби соҳаи фарҳанг вуҷуд дорад, ки ин масъала ҳалли фавриро тақозо менамояд.

Ба Вазорати фарҳанг ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода мешавад, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ камбудиву

мушкилоти ҷойдоштаи соҳаро пурра бартараф намоянд.

Роҳбарони шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар ин муддат дар маркази ҳар як шаҳру ноҳияи мамлакат барои истеъдодҳои наврасу ҷавон як мактаби мусиқӣ сохта, ба истифода диҳанд.

Назорати иҷрои дастури мазкур ба зиммаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат вогузор карда мешавад.

Мо дар соҳаи фарҳанг истеъдодҳои зиёде дорем, ки гулчин ва тарбия кардани онҳо вазифаи мову шумост.

Дар шаш сол дар озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 21 ҳазору 500 нафар иштирок карда, қариб 500 нафари онҳо соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд.

Дар озмунҳои дигар, аз ҷумла, «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон-оинаи таърихи миллат» низ то имрӯз 2 миллиону 60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар, хусусан, наврасону ҷавонон иштирок карда, қариб 1000 нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардидаанд.

Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ медиҳад.

Моро зарур аст, ки ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати худ ва муаррифии боз ҳам бештари онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем.

Бо ин мақсад, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг маводи заруриро вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани фаъолияти босамари муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида истодааст.

Дар соли 2025-ум барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4,3 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 840 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи чанд соли охир мо бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро, ки кормандони он дар шароити бисёр номусоид фаъолият мекарданд, инчунин, биноҳои ду муассисаи бузурги таҳсилоти олии тиббӣ – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи давлатии тиббӣ дар вилояти Хатлонро бо беҳтарин шароит бунёд карда, ба истифода додем.

Инчунин, даҳҳо беморхона ва дигар муассисаҳои тиббиро, ки 70 – 80 сол пеш сохта шуда буданд, таҷдиду азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудем.

Умуман, дар 33 соли соҳибистиқлолӣ, ғайр аз таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо 3076 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд.

Бо вуҷуди корҳои амалигардида, ба роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Тайёр намудани мутахассисон ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва афзалиятноки соҳаи тандурустӣ мебошад.

Ман зимни вохӯриҳои худ масъалаҳои норасоии мутахассисон, паст будани сифати доруворӣ ва истифодаи самараноки таҷҳизоти ҳозиразамони тиббиро борҳо таъкид карда будам.

Роҳбарону масъулони соҳа вазифадоранд, ки барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, таъмин намудани рушди бомароми соҳа ва тарбияи кадрҳои баландихтисос тадбирҳои зарурӣ андешида, хизматрасонии босифати тиббӣ ва фаъолияти босамари муассисаҳои тиббиро таъмин намоянд.

## СУХАНИ ПЕШВО

**Ҳамватанони азиз!**

Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян гардидааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсису барқарор карда шудааст.

Бо мақсади танзими самараноки бозори меҳнат зарурати таҳияи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ ва механизмҳои самарабахши ташкиливу иқтисодии бунёди ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба миён омадааст.

Аз ин рӯ, бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегӣ бояд зери таваҷҷуҳи доимии тамоми сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дода шавад.

Дар ин замина, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки тамоми имкониятҳоро барои дар панҷ соли оянда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсис додани беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории нав сафарбар созанд.

Илова бар ин, дар муҳлати ду сол барои пурра ба кор даровардани корхонаҳое, ки аз фаъолият бозмондаанд, чораҷӯйӣ карда, оид ба корҳои анҷомдодашуда ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот диҳанд.

Аз ҳисоби ҷавонон омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бо ҷойи кор таъмин кардани онҳо яке аз вазифаҳои муҳим мебошад.

Барои ҳалли ин масъала вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, дигар вазорату идораҳои марбута бояд барномаи миёнамуҳлати барои соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисосро аз ҳисоби ҷавонон таҳия ва амалӣ намоянд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон таъсис дода, то имрӯз дар онҳо беш аз 700 ҳазор шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар ин давра зиёда аз 1 миллиону 100 ҳазор нафар сокинони кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Илова бар ин, имрӯз дар 54 муассисаи касбомӯзии калонсолон 80 000 шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар машғул мебошанд.

Танҳо дар як соли охир 4 маркази касбомӯзию хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки фаъолияти онҳо дар соҳибкасб гардонидани шаҳрвандон ва бо сертификатҳои байналмилалӣ таъмин кардани касбомӯзон нақши муҳим хоҳад дошт.

Ҳоло сохтмони боз ду марказ идома дошта, соли оянда ба истифода дода мешавад.

Марказҳои зикршуда метавонанд дар як сол беш аз 8000 нафар сокинони мамлакатро ба касбомӯзӣ ва забономӯзӣ фаро гиранд.

Ин раванд, бо дарназардошти ҳамасола афзоиш ёфтани шумораи аҳолии қобили меҳнат, бояд тақвият дода шавад.

Бо мақсади соҳибкасб намудани аҳолии кишвар ва рақобатнок гардонидани қувваи корӣ Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои сераҳолии кишвар таъсис додани марказҳои касбомӯзиву хизматрасонӣ ва рушди малакаҳоро таъмин намоянд.

Таълим дар ин марказҳо мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда, ҳар сол дар онҳо фаро гирифтани на кам аз 120 ҳазор нафар шаҳрвандон таъмин карда шавад.

Илова бар ин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар панҷ соли оянда ба 210 ҳазор нафар расонидани омодасозии мутахассисони касбу кори гуногунро бо сифати баланд дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъмин намояд.

Яъне, дар панҷ соли оянда дар ҳамаи му-

ассисаҳои зикргардида беш аз як миллион шаҳрвандон бояд ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шаванд.

Бо дарназардошти равандҳои муосир, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо ҷиҳати ҳалли масъалаи гуногунсамти муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар масъалаҳои дар ин самт мавҷуда тадбирҳои судманд андешанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар қалби ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлату Ҳукумат мебошад.

Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт.

Мо ифтихор дорем, ки ҷавононамон нисбат ба Ватан меҳру муҳаббати самимӣ доранд, Ватанро сидқан дӯст медоранд, ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд, иродаи мустаҳкам доранд ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакатро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дастгирӣ мекунанд.

Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем.

Ҳоло 61 фоизи шумораи умумии кормандонро дар кишвар ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар хизмати давлатӣ 49 фоиз мебошад.

Мо минбаъд низ ба ҷавонон ҳамчун неруи боэътимод ва такягоҳи устувор таваҷҷуҳ хоҳем кард, зеро ояндаи миллату давлат аз онҳо вобаста мебошад.

Дар баробари ин, ҷаҳони пуртазоду нооромии муосир ҷавонони кишварро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад.

Бовар дорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо илму донишҳои замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва саъю талоши навҷӯёнаи худ барои рушди илму инноватсия ва боз ҳам таҳким ёфтани нуфузи кишварамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзишманд мегузоранд.

Мо ба хотири таъмини саломатии аҳолӣ, хусусан, наврасону ҷавонон, таблиғи тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ соҳаи варзишро низ ҳамчун самти муҳимми фаъолияти давлатдорӣ дастгирӣ менамоем.

Бо ин мақсад дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10 ҳазор иншооти соҳаи варзиш бунёд карда шуд, ки нисбат ба 70 соли сохти гузашта даҳҳо баробар зиёд мебошад.

Масъалаи нигоҳубин ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани онҳо бояд ҳамеша дар мадди назари роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва масъулини соҳа бошад.

Мо аз қабул гардидани пешниҳодамон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, тавассути қатъномаи махсус эълон доштани Рӯзи ҷаҳонии футбол ва дастовардҳои варзишгарони тоҷик дар Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж – 2024-ум ифтихор мекунем.

Инчунин, ҷаҳонӣ шудани гӯштини миллии тоҷикӣ низ боиси ифтихору шараф ва дар айни замон масъулияти мо дар самти муаррифии бештари он дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар фарҳангу тамаддуни мо – тоҷикон иззату эҳтироми зан – модар ҳамеша ҷойгоҳи

хос дорад. Вале бояд гуфт, ки мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафтааст.

Ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Имрӯз беш аз 110 ҳазор бонувону занони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 280 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне, соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Аз оғози ҷорӣ гардидани квотаи Президентӣ, яъне, дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро бо квотаи Президентӣ хатм кардаанд.

Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм карда, соҳибмаълумот шудаанд.

Ҳоло аз 214 ҳазор нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 90 ҳазор нафар ё 42 фоизро духтарон ташкил медиҳанд.

Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии бонувону духтарони тоҷик ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳоро идома медиҳем.

Соли ҷорӣ ман бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар мулоқоти махсус доир карда, вобаста ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа муфассал ва кушоду равшан ибрози назар намудам.

Дар мулоқоти зикршуда бори дигар андешаҳои худро оид ба мазмуну моҳият ва зарурату манфиати қабули қонунҳои миллӣ – «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» муфассал баён кардам.

Бовар дорам, ки бонувону занон ва модарону духтарони азизи мо дар амалисозии талаботу муқаррароти қонунҳои миллӣ, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, аз ҷумла, сару либос ва оинҳои барои мардуми мо бегона, ба камол расонидани наслҳои солим, таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии Ватан минбаъд низ саҳми арзишманди худро мегузоранд. Зеро онҳо эҳёкунандаву нигоҳдоранда ва тарғибкунандаву посдорандаи беҳтарин суннату анъанаҳои миллӣ ва расму оинҳои асилу бостонии халқамон мебошанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Мӯҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум ба охир мерасад.

Барои фаъолияти пурсамар ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон миннатдории худро изҳор менамоям.

Бо фармони Президенти мамлакат аз 4-уми декабри соли 2024 интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ рӯзи 2-юми марти соли 2025 таъйин гардид.

Интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад. Яъне, таъмин намудани амнияти давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти марбута дар ин самт тамоми чораҳоро меандешанд.

Аз ҷумла, ба масъалаҳои омода кардани мутахассисони ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯй барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва маҳорату малакаи онҳо, инчунин,

таҳкиму тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ минбаъд низ эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар ин ҷода, мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст.

Бо дарназардошти ин вазъ, моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид.

Дар ин ҳамоиш Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ иброз намуд.

Зеро ҳамоҳангии фаъолият дар миқёси байналмилалӣ ва минтақавӣ ба эҷоди механизми боэътимоди муборизаи муштарак бар зидди хавфу таҳдидҳои амниятӣ мусоидат менамояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Вазъи ноором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки пайомадҳои бӯҳронии сиёсиву иқтисодӣ доранд, ҳамоно боиси нигаронӣ мебошанд.

Гузашта аз ин, ҷомеаи байналмилалӣ ҳанӯз дар масири дарёфти роҳҳои муносиби ҳалли хавфу таҳдидҳои глобалии марбут ба тағйири иқлим қарор дорад.

Бо дарназардошти ин омилҳо, моро зарур аст, ки зимни пешбурди сиёсати хориҷӣ саъю талошамонро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷиҳати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба тақвият диҳем.

Иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои умдаи аҳли башар аз авлавиятҳоест, ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон роҳандозӣ мегарданд.

Моҳи июни соли ҷорӣ дар Душанбе Конфронси сеюми байналмилалӣ дар соҳаи об доир гардид.

Кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи байналмилалӣ доир ба пешбурди мавзуъҳои обу иқлим соли 2025-ум дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мизбони аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо хоҳад буд.

Мо бояд ҳамкориҳоро дар самти обу ҳифзи пиряххо, баррасии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда идома дода, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қолаби «Раванди оби Душанбе» тадбирҳои зарурӣ андешем.

Стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад.

Тоҷикистон тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ медонад.

Тоҷикистон дар заминаи сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» ва таҷрибаи ҳамкории беш аз се даҳсола бо кишварҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё омодагии хешро ҷиҳати идомаи таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо онҳо ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба изҳор мекунад.

Бо ин мақсад, мо аз тавсеаи робитаҳо, бахусус, дар самтҳои рушди «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, технологияҳои навин, ҷалби сармоя ва тиҷорат истиқбол менамоем.

Меҳоҳам махсус таъкид намоям, ки масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошанд.

Тоҷикистон ҳамкориҳои созанда ва қобили дурнаморо дар доираи созмонҳои байналми-

лаливу минтақавӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шариконн рушд густариш медиҳад.

Дар ин росто, кишвари мо робитаҳои худро бо Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дигар сохторҳои марбут ба равобити бисёрҷониба вусъат бахшида, ҷиҳати идомаи иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ ва қолабҳои гуногуни байналмилалӣ талош меварзад.

Мо минбаъд низ барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида ва тавсеаи ҳамкориҳои созандаву дарозмуддат бо ҳамаи кишварҳои олам ва шариконн байналмилалии худ тадбирҳои зарурӣ меандешем.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**
**Ҳамватанони азиз!**

Дар Паёми имрӯзаи Роҳбари давлат дастовардҳои ноилшудаи Тоҷикистон тайи вақтҳои охир, хусусан, дар панҷ соли гузашта баён гардиданд.

Ҳамчунин, вазифаҳо барои таҳким бахшидану афзун гардонидани онҳо ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳое, ки дар ҳаёти ҷомеа ва давлати мо мавҷуданд, мушаххас карда шуданд.

Мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилгардидаи мо, пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати мардуми шарифи кишвар мебошанд.

Бинобар ин, ба тамоми мардуми сарбаланду шарафманди мамлакат барои заҳмати аҳлона ва содиқонаву софдилона сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки иҷрои вазифаҳои гузоштаашуда ва бартараф намудани камбудиву мушкилоти мавҷуда аз тамоми халқи Тоҷикистон ва дар навбати аввал, аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё ва фаъолони ҷомеа заҳмату талоши боз ҳам бештарро тақозо мекунад.

Мо вазифадорем, ки ба хотири пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани аҷдодиамон ва мунтазам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии ҳар як хонадони мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳар рӯз ва ҳамеша саъю талош намоем.

Хусусан, мо бояд тамоми саъю талоши худро ба хотири амалӣ намудани корҳои ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пешбинигардида, яъне, ободии Ватанамон, пешрафти давлатамон ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии мардумамон равона созем.

Мо бояд мисли ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, онро соҳибӣ кунем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем ва доим дар фикри фарзандони худ, хушбахтиву осоиши онҳо, ободии Ватан, миллат ва давлати хеш бошем.

Ман ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон эътимоди комил дорам. Зеро ба иттиҳоду сарҷамъӣ, ваҳдати миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва саъю талоши хастагинопазири ҳар фарди ҷомеа эътимоду итминон дорам.

Хуб медонам, ки мо бо чунин мардуми ватандӯсту заҳматкаш тамоми нияту нақшаҳои некамонро дар солҳои наздиктарин амалӣ мегардонем ва Тоҷикистони азизамонро ба як кишвари пешрафтаву неруманд ва ободу сарсабз табдил медиҳем.

Дар ин ҷодаи пуршараф ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи шумо - ҳозирини гиромӣ тандурустӣ ва бародри кор орзу менамоям.

Бо истифода аз фурсат, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзиамон ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷмандро ба муносибати Соли нави мелодии 2025-ум, ки ҳоло мо дар остонаи он қарор дорем, самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар як хонадони мардуми фарҳангиву тамаддунсози тоҷик хушбахтӣ, хонаободӣ ва иқболи нек орзу менамоям.

Саломат бошед!

# АБДУЛЛО РАҲМОНЗОДА: «ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛӢ РИСОЛАТИ ТАЪРИХСОЗӢ ДОРАНД»



**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 28 декабри соли 2024 пешниҳод гардид, барои ҳар сокини бошарафи давлати соҳибистиқлоламон дастурамали роҳнамо дар ҷодаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ватандӯстию ватансозӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин масъала мақолаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдулло Раҳмонзодаро пешниҳоди хонандагон мегардонем.**

- Таърихи шаклгирии ҷомеа аз оғоз то имрӯз собит менамояд, ки инсоният дар ҳар давру замон, новобаста аз сатҳи ташаккули шуур ва рушду пешрафти ҷамъият ҳамеша ба раҳнамоӣ ниёз дошт ва аз ҳар чизе, ки бовар дошт қудрати фавқулода дорад, иршод мехост, то роҳи беҳтари зиндагониро ёфта, дар фурсати умр бо тай намудани он ба умеду ормонҳои худ бирасад. Маҳз ҳамин эҳтиёҷи фитрӣ боиси ба вуҷуд омадани боварҳои мухталифи динию равияҳои гуногуни сиёсӣ-идеологӣ гардида, ба ташаккули ҷомеаи инсонӣ ва пайдоиши роҳу воситаҳои нави мафкурасозӣ асос гардид. Дар меҳвари ин андеша омӯзиши нақши шахсиятҳое, ки ба сифати раҳнамои мардум шинохта мешаванд, ниҳоят муҳим мебошад. Тавре устод Лоиқ Шералӣ ишора намудаанд: **«Халқ бе фарзанди оламгир оламгир нест»**. Яъне, мавқеъ, нуфуз ва ҷойгоҳи ҳар халқу миллат дар арсаи ҷаҳонӣ ва рушду ободиҳои рӯзафзун дар дохили мамлакат аз қудрату манзалат ва иродаи сиёсии шахси роҳнамову роҳбар вобастагӣ дорад. Масалан, дар боварҳои устуравии Аврупо пайдоиши рӯшноиву оташ ва эҳёи тамаддуни нави инсонӣ аз Данко оғоз мeёбад, ки дили худро аз сина барканда, инсониятро аз торикию зулмот ба сӯйи рӯшноӣ раҳнамоӣ кардааст.

Дар таърихи куҳани тоҷикон пайдоиши оташ бо амри табиӣ – аз расиши санг бар санг тавассути шоҳ Ҳушанг оғоз шудааст, ки ба шарафи ин рӯйдоди ҳаётан муҳим ҳазорсолаҳо боз иди Сада ҷашн гирифта мешавад. Ҳамин Садаву Меҳргону Наврӯз ва дигар оину суннатҳои миллиамон буданд, ки тавассути онҳо миллати тоҷик давоми ҳазорсолаҳо асолати худро гум накард. Яъне, чи дар устура ва чи дар воқеияти рӯйдодҳои муҳимми башарӣ дар меҳвари он ҳамеша инсоне меистад, ки бо бархе вижагиҳо аз дигарон фарқ мекунад. Зеро чунин шахсон **РОҲНАМО** ва **РОҲБАР** ҳастанд ва барои тақдири халқу миллату давлати худ бо тамоми ҳастӣ масъулият эҳсос менамоянд. Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон мо воқеиятеро таҷриба кардем, ки аз асотир дида таъсираш бештар аст.

Тавре медонем, маҳз ҳисси баланди ватандӯстӣ, азхудгузарӣ ва иродаи мустаҳками шахсияти чунин Роҳбар боиси наҷоти Тоҷикистони соҳибистиқлол гардид, зеро дар он айём мамлакат дар вартаи нобудӣ ва мардуми он дар садади парокандагӣ қарор дошт. Маҳз қалби аз меҳри Ватан пурҳарорат ва шуълаваргаштаи Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси аз зулмот ба рӯшноӣ роҳ ёфтани миллати тоҷик гардид. Пешвои миллат бо иродаи барои дигарон ғайричашмдошт ва боварнокарданӣ масъулияти роҳбарию роҳнамоиро дар чунин шароити вазнин ба уҳда гирифтанд. Аз ҳамон давра аввалин роҳнамоиҳо ва паёмҳои Президенти Тоҷикистон ба халқ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шаклу қолабҳои гуногун пешниҳод мегардиданд.

Дар он шароите, ки сокинон даст бар гиребони ҳамдигар буданд ва аз ҳар гӯша садои талаби хунбаҳо баланд мегардид, аввалин роҳнамоиҳо роҳ ба сӯйи сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ буд, аввалин паём- паёми ҳамдигарбахшиҳо ва аввалин иқдоме, ки ин паёму роҳнамоиҳоро тақвият

бахшад, баргардонидани гурезаҳои ғарибафтода ба Ватан буданд. Чунин тасмимҳои ҷасурона паёме буданд ба олами беруна, ки Тоҷикистонро дигар қисмат карда наметавонанд, зеро халқи тоҷик аллакай роҳнамои худро ёфт, атрофаш муттаҳид гардид ва пояҳои давлатдориашро мустаҳкам менамуд. Аз он давра то имрӯз ва аз ҳоло то баъд барои миллати соҳибтамаддуни тоҷик, ки аз лиҳози таърихию сиёсӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ давоми ҳазорсолаҳо марҳилаҳои гуногуни давлатдориро аз сар гузаронидааст, паёмҳои ҳарсолаи Президенти Тоҷикистон ба сифати роҳнамои асосӣ ба сӯи ҳадафҳои таърихсоз хизмат менамоянд. Бо дарназардошти ташаккули тафаккури ҷомеа, рушди мамлакат, таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ, зиёд шудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ҷустани роҳҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз лиҳози тартиби пешниҳод ва сохтори таркибӣ шакл гирифта, ба сифати ҳуҷҷатҳои муҳимми сиёсӣ қабул гардидаанд. Ин ҳуҷҷати сиёсӣ ҳар сокини мамлакатро водор менамояд, ки вазифаҳои худро новобаста аз синну сол, вазъи иҷтимоӣ, мансабдорию бекорӣ ва вазъияту ҳолатҳои дигар дар ҳошияи он муайян намуда, дар роҳи давлатдорию ватансозӣ ва ташаккули шахсияти худ саҳм гузорад. Яъне, иҷрои дастуру супоришҳои пешниҳодшудаи Паём танҳо марбут ба мақомоти давлатӣ ва шахсони масъули ниҳодҳои алоҳида нест. Паёми Президенти Тоҷикистон аз замири халқ сарчашма гирифта, барои такон бахшидан ба ғаризаҳои худшиносию созандагии халқ равона гардида, соҳиби асосии он ҳам халқи сарбаланди Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Бахусус, дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 дар баробари масоили давлатдорӣ мо дар суханони Пешвои миллат ва мурочиатҳояшон ба мардуми мамлакат як навъ машварат ва насиҳати падаронаро ба фарзандон, яъне, насли ҷавони мамлакат эҳсос намудем. Дар суханронии Президенти Тоҷикистон самимияти бениҳоят зиёд нисбат ба халқи худ ва садоқати бениҳоят баланд ба давлату Ватан баръало эҳсос мегардид. Боварии комил дорам, ки ин эҳсоси бузург ба замири ҳар шунавандаи Паём роҳ ёфтааст.

Дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ тамоми самту соҳаҳои асосии ҷомеа таҳлилу масъалагузорӣ гардида, нуктаҳои дар он иброзшуда, дар маҷмуъ, ба се ҷанбаи ҳаётан муҳим равона шудаанд:

**- Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум аз роҳи рушди иқтисоди миллӣ бо истифода аз тамоми имконияти техникию технологии муосир;**

**- Баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеа аз роҳи таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба рушди иҷтимоӣ, махсусан, саводноккунии босифат, тарбия дар руҳияи эътиқод ба фарҳанги миллӣ ва тандурустию солимгардонӣ;**

**- Таҳкими амнияти миллӣ ва суботи ҷомеа дар ҳамкории созанда бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи идома додани сиёсати «дарҳои кушода» дар сиёсати хориҷӣ.**

Дар сарсухани Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ иброз гардидааст, ки «…мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд. Ин аст ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон!».

Воқеан ҳам, дар панҷ соли охир 7,7 фоизро ташкил додани суръати рушди иқтисоди миллӣ нишонаи он аст, ки Роҳбарияти олии давлат барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум аз ҳама имконоти мавҷуда истифода мебарад. Мо ҳангоме, ки ба матни Паём таваҷҷуҳ мекунем, дар он ба далелу рақамҳои зиёде вомехӯрем, ки рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар худ инъикос мекунанд. Махсусан, натиҷаҳои хушҳолкунандаи иҷрои нақшаҳои корҳои созандагию бунёдкорӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастгирии молиявии аҳолӣ (дар 4 соли охир то 100% зиёд шудани андозаи маошу нафақа ва дар айни замон ҳамагӣ 29%-ро ташкил додани таваррум), то 15% таъмин гардидани суръати миёнасолаи рушди саноат, бунёди роҳу пулҳо ва ғайра аз ҷумлаи чунин нишондиҳандаҳо мебошанд. Беҳтарин муждаи Пешвои миллат барои сокинони мамлакат ин буд, ки Тоҷикистон то соли 2027 ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад.

Президенти Тоҷикистон барои боз ҳам тақвият бахшидани иқтисоди миллӣ ба масъулин якчанд дастуру ҳидоятҳо доданд. Аз ҷумла, таҳким бахшидани пайванди илм бо истеҳсолот (махсусан, дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва сохтмону сайёҳӣ), рушди иқтисоди рақамӣ, истифодаи

васею бошуурона аз зеҳни сунъӣ ва ғайраро таъкид намуданд. Дар ин росто, се таклифи ниҳоят муҳимму саривақтӣ пешниҳод гардид:

**- Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон шудани солҳои 2025-2030 барои истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт.**

**- Таъсис додани Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб.**

**- Эълон кардани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум.**

Президенти Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ, ҳамзамон, вобаста ба дастгирии иҷтимоии ҷомеа, ки аз масъалаҳои марказӣ ба ҳисоб меравад, ибрози назар намуданд. Таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба рушди иҷтимоӣ дар айни замон ба баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеа низ мусоидат менамояд. Ба ин хотир, дар ин самт низ якчанд дастуру супориш ва таклифу пешниҳодҳо баён гардиданд. Тавре иброз гардид, танҳо соли 2024 19 миллиард сомонӣ ё 43%-и буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ нигаронида шуда буд, ки аз таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбарияти давлат дарак медиҳад. Ҳамзамон, дастур дода шуд, ки аз 1 сентябри соли 2025 андозаи маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ то 30% ва маоши вазифавии якчанд муассисаи иҷтимоии буҷетӣ ва стипендияҳо то 20% ва нафақаи заминавӣ то 10% зиёд карда шаванд. Воқеан ҳам, чунин ғамхориҳо шоистаи шукргузорӣ ва қадршиносӣ аз ҷониби ҳар яки мо мебошанд ва қадршиносии мо дар хидмати содиқонаю софдилонаамон ба Ватан ифода меёбад.

Президенти Тоҷикистон вобаста ба такмили барномаҳои таълимӣ, омода кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ, таҳкими инфрасохтори соҳаи маориф (дар 5 сол сохтани 800 кӯдакистон ва 1000 мактаб), таҷдиду барқарор ва бунёди муассисаҳои фарҳангӣ (дар маркази шаҳру ноҳияҳо ташкили камаш як мактаби мусиқӣ), пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ, ташкили ҷойҳои нави кор (дар 5 соли оянда беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории нав), ба касбомӯзӣ ҷалб кардани сокинон ва ғайра, махсус таъкидҳо намуданд.

Дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ба масъалаҳои марбут ба ҷавонон, занон ва рушди соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Мебинем, ки Президенти Тоҷикистон ба ҷавонон рӯ оварда, чунин таъкид намудаанд: «…ҷаҳони пуртазоду нооромии муосир ҷавонони мамлакатро водор месозад, ки аз таҳаввулоти босуръати сайёра ҳамеша огоҳ бошанд, худ ва ҳамсолонашонро аз таъсири мафкураи радикаливу ифротӣ ва хурофотпарастӣ эмин нигоҳ доранд, барои ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша омода бошанд. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба ҷомеа танҳо бадбахтӣ меоварад». Бо ишора ба боло рафтани мақому манзалати занону духтарон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат таъкид ва изҳори итминон карда шуд, ки «…занону духтарон ва модарону духтарони азизимон дар амалисозии талаботу муқаррароти қонунҳои миллӣ, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, аз ҷумла, сару либос ва оинҳои барои мардуми мо бегона, ба камол расонидани наслҳои солим, таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии Ватан минбаъд низ саҳми арзишманд мегузоранд».

Дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ иқдоми ниҳоят муҳимми Пешвои миллат дар самти мафкурасозии миллӣ ва муаррифии шоистаи миллати бостониамон-ин дастур бобати ба ЮНЕСКО содир намудани пешниҳод вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир мебошад. Боварӣ дорем, ки ин пешниҳод низ чун пешниҳодҳои қаблии ҷониби Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, боиси муаррифии миллати тамаддунофари тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мегардад.

Таъмини амнияти миллии на танҳо Тоҷикистон, балки кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат имрӯз аз раванди пешгирифтаи сиёсати хориҷии давлаташон вобастагӣ пайдо кардааст. Дар қисмати ниҳоии Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ низ таъкид гардид, ки тамоми муваффақияти бадастомада ва таҳкими рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат аз таъмини амнияти миллӣ вобастагии калон дошта, ин масъала дар

маҷмуъ, аз аҳаммияти аввалиндараҷа бархурдор аст. Ҳамзамон, мубориза бо экстремизму терроризм самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин ҷода ҳамкорӣ бо ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ муҳим дониста шудааст. Вобаста ба ин, Президенти Тоҷикистон бо ишора ба давом додани ташаббуси сиёсати «дарҳои кушода» дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамкории созандаро бо ҳама кишварҳои ҷаҳон- чи дар сатҳи дуҷониба ва чи дар қолабҳои бисёрҷониба қобили қабул шумориданд. Ҳамзамон, дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омодагии ҷониби давлати мо барои тавсеаи робитаҳо барои дарёфти роҳҳои муносиби ҳалли хавфу таҳдидҳои глобалӣ, рушди иқтисоди «сабз», ҳифзи муҳити зист, технологияҳои нав, ҷалби сармоя ва тиҷорат изҳор гардидааст. Чунин ишораҳо ба ҳамкории мутақобили судманд ифодаи ҳусни нияти Роҳбарияти Олии давлати мо ба оғози раванди сулҳ дар саросари ҷаҳон мебошад. Зеро қувваю қудрати инсоният бояд, асосан, ба бартараф кардани хатарҳои глобалии тағйирёбии иқлим равона карда шавад, на ба рақобатҳо дар афзун намудани яроқу аслиҳаи ҷангӣ ва захирасозии уран бо ҳадафи нобудсозии гӯшаҳои муайяни сайёра.

Мо, сокинони сарбаланди Тоҷикистони соҳибистиқлолро зарур аст, ки дар баробари баҳра бурдан аз нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ҳамзамон, вазифаҳои худро дар ростои дастуру ҳидоятҳои дар ин ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ иброзгардида муайян намуда, дар раванди иҷрои он вазифаҳо фаъолона иштирок намоем. Агар бо таваҷҷуҳ ба мазмуну муҳтавои Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ назар кунем, ҳар яки мо, новобаста аз самти кору масъулият ва роҳи интихобкардаамон дар зиндагӣ вазифаи худро хоҳем ёфт.

Ҳатто нафаре ҳам, ки дар ҷое ҳанӯз фаъолияти муайянеро интихоб накардааст, метавонад бо таваҷҷуҳ ба ин дастур ба касбомӯзӣ машғул шуда, ҷойи кори мувофиқ дарёфт кунад ё худаш ба манбаи корофаринӣ табдил ёбаду зиндагии худу пайвандонашро пеш барад. Бо дарназардошти ин зарур мешуморем ба якчанд вазифаҳои мо – аҳли ҷомеа барои амалӣ намудани нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора кунем:

**1. Барои расидан ба зиндагии шоиста ҳамеша дар талош бошем ва дар ин росто манфиатҳои давлату ҷамъиятро аз ҳама манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ боло гузорем. Зеро дар ниҳоди манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ манфиати ҳар яки мо низ нуҳуфтааст. Вале агар манфиатҳои давлату ҷамъиятро қурбони манфиатҳои шахсӣ намоем, дар ниҳоят манфиатҳои шахсӣ низ нобуд мешаванд.**

**2. Дар рушди иқтисоди миллӣ аз роҳи саҳм гузоштан дар корҳои созандагию ободонии маҳал, самаранок истифода бурдан аз обу замин ва таҷриба кардани гирифтани ҳосили сеюму ҷорум аз замин, саҳмгузорӣ дар рушди боғдорию чорводорӣ, эҷоди ҷойҳои нави корӣ тавассути рушди корҳои хонагӣ, сари вақт ва бовиҷдонона супоридани андозҳо ва пардохтҳои коммуналию иҷтимоӣ, самаранок истифода бурдан аз қарзҳо ва имтиёзҳои бонкӣ ва ғайра фаъол бошем.**

**3. Ҷавононро дар руҳияи садоқат ба Ватан, махсусан, ихтиёран рафтан ба хидмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвиқ намоем.**

**4. Барои таълиму тарбия гирифтани фарзандонамон пайваста талош варзем, иштироки онҳоро дар дарсҳо таъмину назорат намоем ва робитаи худро бо мактаб тақвият бахшем. Барои забономӯзӣ ва илмазхудкунии онҳо (махсусан, духтарон) тамоми тадбирҳои имконпазирро андешем ва аз имтиёзҳои давлатӣ (квотаю стипендияҳо…) самаранок истифода барем.**

**5. Ба арзишҳои миллӣ арҷ гузорем, ба қадри фарҳанги оламшумули аҷдодонамон, ки давоми ҳазорсолаҳо бо накди ҷон ҳифз карда, то ба мо овардаанд, бирасем ва наздикони худро аз гаравишу парастиши ақидаҳои бегонаву ифротӣ боз дорем.**

**6. Бо тамоми ҳастӣ кӯшиш намоем, ки обрӯю эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ бо рафтору кирдори хуб, фарҳангу маданияти баланд, илму дониш, маҳорати варзишӣ ва дигар истеъдодҳои фитриамон боло бардорем. Ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки Тоҷикистон хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё аст ва моро дар ҳеҷ куҷо, ба ғайр аз хонаи худамон интизор нестанд. Пас, бояд ҳар яки мо ба қадри ин Ватан бирасем ва дар роҳи ободию осудагии он ҷаҳду талош намоем.**

**Бознашр аз АМИТ "Ховар"**

**Умринисо НАҶМИДДИНОВА,**
**дотсенти кафедраи забонҳои ДБССТ**

# ШИНОХТ ВА МАВҚЕИ ШАХСИЯТҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Чанд андеша вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар сатҳи Юнеско**



Тоҷикон яке аз миллатҳои қадимаи дунё ва дорои таърихи беш аз 6000-сола буда, ҳанӯз аз давраҳои бостонӣ соҳиби саводу қалам, девону дафтар, илмдӯсту адабпарвар, давлатсозу давлатдор, меъмору шаҳрсоз, шаҳрдору шаҳрнишин, яъне, фарҳангиву тамаддунсоз ва ободкору созанда ба шумор меравaнд. Воқеан, Тоҷикистон, барҳақ, ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Меҳргон аст. Мо - тоҷикон мероси гаронбаҳову ҷовидонаи ҳанӯз беш аз ҳазор сол қабл ба ёдгор гузоштаи ниёгони худро ҳифз карда, барои тарбияи наслҳои навраси халқамон истифода мебарем ва намунаи арзишманди онро ба мардуми олам муаррифӣ мекунем. Халқи шарафманди тоҷик нангу номуси ватандорӣ ва ҳисси баланди миллӣ дорад ва бо чунин хислатҳои неку созандаи худ метавонад иқдомоти аз имрӯза ҳам бештарро амалӣ карда, Ватани муқаддаси худро ба кишвари ободу пешрафта ва ҳамқадами ҷаҳони муосир табдил диҳад. Дар Паёми навбатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҷлили бошукӯҳи 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар сатҳи Юнеско чун анъана аз гиромидошти чеҳраҳои таърихӣ дар кишвар ба масъулин дастуру супоришҳо доданд. Чун дигар шахсиятҳои таърихии тамаддуни тоҷику форс дар давлатдории Форс Куруши Кабир яке аз бузургтарин шахсиятҳои таърихи аҳди қадим ба шумор меравад. Тибқи маълумоти Ҳеродот дар империяи таъсисдодаи Куруш намояндагони зиёда аз 50 забону 70 халқияти гуногуни Осиёи Хурд ва Шарқи Наздик зиндагӣ мекарданд. Куруш шоҳи хирадманд, меҳрубон ва боирода буд. Куруш ҳангоми лашкаркашӣ қатлу ғорат намекард, эътиқодот ва муқаддасоти мағлубонро муҳтарам мешумурд, бо миллатҳо ба шафқат ва бо подшоҳон ва фармонравоён, ки аз ӯ шикаст хӯрда буданд, ба мадоро ва меҳрубонӣ рафтор мекард. Лаёқат дар сиёсат, ҷавонмардӣ дар ҷанг ва инсоният бо Эъломияи Куруши Кабир нахустин санади кафолати озодии мазҳабу эътиқоди динӣ ва эҳтироми ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ дониста мешавад. Роҳбари муаззами миллат ба хотири ошноии бештар аз ин санади ҳуқуқӣ бори дигар саҳифаҳои таърихи халқу миллатро дар шинохти як чеҳраи сиёсӣ дар мисоли Куруши Кабир ва Эъломияи башардӯстонааш кушоданд, ки ин нукта моро водор месозад, то ба мазҳари таърихию аҷдодии хеш дубора назар андозем. Эъломияи Куруши Кабир, ки аз 39 модда иборат аст, имрӯз нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар дар ҷаҳон эътироф гардидааст. Ин эъломия соли 1879 кашф гардида, дар музеи Британия ва нусхаи он дар Созмони Милали Муттаҳид нигаҳдорӣ мешавад. Дар Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир 50 афкори инсондӯстона, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ инъикос ёфтааст. Дар 30 моддаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар 44 мав-

риди он идеяҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар шаклу мазмуни дақиқи имрӯза омадаанд. Аз тафовут дар байни Эъломияи Куруши Кабир ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бармеояд, ки қонунҳо, дар баробари талаботи умумӣ, бояд махсусиятҳои ҷомеаи мушаххасеро низ ифода намоянд, ки барои он навишта мешаванд, бо истиснои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва аснοди дигари ҳуқуқи байналмилалие, ки дар замони мо барои давлатҳои узв аз тарафи СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ навишта ва қабул карда шудаанд. Бояд гуфт, ки қабули қонунҳо ва санадҳои дигари байналмилалӣ ва минтақавии ҳуқуқию меъёрии замони мо дар шакл ва усули дастаҷамъонаи намояндагони давлатҳои узви созмон сурат мегирад ва аз тасдиқу бақайдгирӣ дар мақомоти қонунгузор мегузаранд. Эъломияи ҳуқуқи башар аз тариқи андешаҳои Куруши Кабир дар сатҳи хеле баланди ғояҳои башардӯстона, содаю бо забони равон ва нақлӣ таҳия карда шуда, қариб ҳамаи он масъалаҳоеро инъикос кардааст, ки барои инсоният натанҳо дар Бобулу тамоми Шаҳаншоҳии Ҳахоманишиён ва аксарияти давлатҳои дунёи қадим, балки дар асрҳои миёна ва ҳатто, дар асрҳои нав ва замонҳои таърихи навину муосир ҳам хос ба назар мерасанд.

Дар ин раванд, Пешвои муаззами миллат дар нуктаҳои баррасишавандаи Паём дар бораи ҳифзи анъанаҳо, гиромидошти чеҳраҳои таърихӣ ҷойгузин нашудани фарҳанги бегона ба фарҳанги миллии мо, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва таъмиру нигоҳдории онҳо ва тавассути созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ муаррифӣ намудани мероси моддӣ ва ғайримоддии кишварамон ба аҳли олам изҳори назар карданд. Хотирнишон гардид, ки ин вазифаи ҳар як фарди ватандӯст, аз ҷумла, падару модарон, омӯзгорон, аҳли маориф, илм, зиёиёни кишвар, кормандони воситаҳои ахбори омма ва адибону олимони мамлакат аст, то дар ин кори дастаҷамъӣ ба хотири арзишҳои фарҳангию тамаддунӣ кӯшиши бевосита ба харҷ диҳем. Тоҷикон фарҳанги бисёр ғанӣ ва таърихи басо пурифтихори бостонӣ доранд. Арҷ гузоштан ба фарҳангу таърихи бостонии миллат ва омӯхтани он, инчунин, аз худ кардани мероси ҷовидонаи садҳо ва ҳазорон нафар фарзандони фарзонаи халқамон, яъне, шоирону адибон ва олимону мутафаккирони барҷастаи миллат вазифаи ҳар як соҳибватану соҳибмиллат мебошад. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин росто оид ба вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, сухан ронда, масъалаҳои таъмини амнияти кишварамонро аввалиндараҷа ҳисобиданд. Имрӯзҳо пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва ҷиҳати тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид, ки хоинони миллат то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд. Фаъолияти чунин равияҳои экстремистӣ, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро дар айни замон талаб менамояд.

Бояд гуфт, ки Куруши Кабир, дар сафи абармардони майдони сиёсат, аз қабили Исмоили Сомонӣ, Зардушт, Муқаннаъ, Спитамен, Восеъ, Темурмалик, Бобоҷон Ғафуров, Садриддин Айнӣ ва даҳҳо бузургон, хусусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳифаҳои таърих ҷойгоҳи хоссаи худро дорад. Пешвои миллат ҳамчун абармарди

дунёи сиёсат бахри ободӣ, сулҳу субот ва аз нав эҳё намудани як давлати бузург ва шахсиятҳои таърихию фарҳангии он, зимни ҳифзи арзишҳои миллӣ ҷаҳду талош намуда, бори дигар ҳиммату созандагии мардумро дар арсаи байналмилалӣ дар ҳайсияти як чеҳра-Куруши Кабир муаррифӣ хоҳанд кард. Бояд тазаккур дод, ки замина ва эҳёи дубораи сохтори давлатдории тоҷикон маҳз бо заҳматҳои бевоситаи Роҳбари давлат аст, ки ин талошҳо хусусият ва арзиши аслии таърихию мондагор дар наслҳои оянда дорад. Заҳматҳои беназири Сарвари кишвар чун корномаи бузургони мардони илму адаб, фарҳангу сиёсат ва маърифату ҳақшиносони гузаштагони мост, ки назираш дар тамаддуни ҷаҳон кам андар кам аст. Шахсиятҳои таърихсози тоҷику форс, дар мисоли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Шамси Табрезӣ, Имоми Аъзам, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Спитамен, Восеъ, Куруши Кабир, Садриддин Айнӣ, Зардушт, Исмоили Сомонӣ ва дигарон, ки барои дифоъ ва озодӣ, башардӯстию рафоқат, ҳамдилии халкҳои олам кӯшидаанд ва ба ин васила, бо ғояҳои мустаҳкаму инсондӯстии хеш дар таърихи башарӣ ҷовидонанд, намунаи олии шинохти аслияти таърихию фарҳангии мост. Пешвои миллати тоҷикон дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ тавонистанд, ки бо хоксорию ҷавонмардияшон чун яке аз чеҳраҳои асили дунёи сиёсат, бахри пойдории давлати миллӣ ва тамаддуни ориёӣ, сулҳу субот раҳоӣ аз парокандагӣ, ҳамбастагӣ, озодӣ, ҷаҳд намояд ва аслияти шахсиятҳои таърихии форсро дар як муддати кӯтоҳ ба ҷаҳониён муаррифӣ созад.

Аз оғози солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаҳои илму фарҳанг, ки таҷассумгари симои маънавии миллат, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлонию зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъана, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа маҳсуб мегардад, мақоми арзанда касб намуданд. Ба шарофати сулҳу оромӣ ба хотири фаъолияти пурсамари муассисаҳои илмию фарҳангии кишвар ва ҳаллу фасли маҷмуи мушкилоти мавҷудаи соҳа як силсила қонун ва барномаҳои давлатӣ қабул шуд, ки ба рушду такомули фарҳанги маънавиёти миллӣ такони бузург бахшид. Воқеан, саҳифаҳои таърихи миллат бозгӯи муборизаҳои дурударози мазҳабию фарҳангӣ бо аҷнабиён буда, ҷоннисориву фидокориҳои миллати моро дар роҳи озодӣ ва ҳифзи сарзамин, забону фарҳанг дар ҳар давру замон инъикос месозад. Ин миллат, миллати соҳибмаърифат ва дорои тамаддуни оламгир аст ва месазад, ки мо арзишҳои онро, мероси фарҳангӣ, таърихи куҳанбунёд, илму адабиёт ва ҳунари воло, истиқлол, ҳувияташро ҳифз ва эҳтиром намоем, зеро миллати мо дар ҳама давру замон соҳиби хирад, озодманиш, донишандӯзу сарбаланд чун кӯҳсорон буданд ва ба ин маъниҳо умри ҷовидона ёфтаанд. Хулоса, заҳматҳои Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои созандаашон дар роҳи эҷоди ваҳдати комили миллӣ бори дигар марзҳои ҷангу хушунат, бесарусомониро дар замони муосир бишикаст, муҳаббатҳоро миёни мо афзуд, ба ин васила, барои мустаҳкамии равобитҳои ҳасанаи кишварҳои дигар бо мо замина гузошт.

Иқдомҳои Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, анҷуманҳо, симпозиумҳои байналмилалии дар кишвар баргузоргардида, тарғиби робитаҳои илмию фарҳангӣ ва адабии судманд, шиносоии анъанаҳои миллии мо ба оламиён, ҳамкориҳо дар самти рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, озмунҳо, ҷашнвораҳо, ин ҳама танҳо ба хотири тақвияти дӯстию ҳамбастагии мардумони олам аст, то шароитро фароҳам ва машваратҳои дӯстонаро самар бахшад. Раиси тоҷикони ҷаҳон-Пешвои миллати кишвари тозаистиқлоли мо барои мову тоҷикони ҷаҳон номҳои Куруши Кабиру Зардушт ва Спитамену Восеъ, Турсунзодаю Айниро абадию ҷовидонӣ месозанд ва ба шахсиятҳои нотакрори таърихӣ арҷ мегузоранд.

Бо итминон метавон гуфт, ки Роҳбари давлати мо имрӯз чун Куруши Кабир воқеан, шахсияти ваҳдатсозу поягузори арзишҳои волои миллӣ ва ҳуқуқи башар дар таърихи тоҷикони ҷаҳон мебошанд.

**Маҳина БОБОЕВА,**
**мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, номзади илмҳои педагогӣ,**
**Малоҳат БОБОЁРОВА,**
**докторанти курси дуюми Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

# НАҚШИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК” ДАР РУШДИ МАЪРИФАТИИ ВОЛИДОН

Таълиму тарбияи фарзанд дар ҳамкории зичи се ниҳоди иҷтимоӣ: оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа сурат мегирад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки моҳи августи соли 2011 тасдиқ гардида буд, барои боз ҳам баланд бардоштани масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд заминаҳои воқеӣ фароҳам овард. Аҳли ҷомеа моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дарк намуда, дар самти таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус зоҳир намуданд. Дар татбиқи босамари қонуни номбурда ҳар як инсони худогоҳу худшинос, бахусус, падару модар бевосита саҳм мегирад.

Иҷро гардидани уҳдадорӣ, масъулияти падару модарон, дифоъ кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон, тарбиякунӣ, таълимдиҳӣ ва таъмин кардани инкишофи шахсияти ҳар як кӯдак, ба ҳаёту зиндагӣ омода кардани онҳо дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ бо таври умумӣ тасдиқ карда шудаанд. Ин ҳуқуқҳо дар «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» (1948), «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак»(1989) ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулкардаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон - “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), “Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1999) ва ғайра, таъкид гардидааст.

Аз рӯзҳои аввали қабул Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар афкори мардуми синнусол ва касбу кори гуногун такони ҷиддӣ ба миён оварда, нишон дод, ки аҳли ҷомеа ба тарбияи насли наврас, ки онҳо имрӯзу фардои кишваранд, бетараф буда наметавонанд. Дар суханронии ҷамъбастии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (18.01.2011) таъкид карда буданд: **“Ҳадафи асосӣ аз ин иқдом тарбияи насли солиму тарбиядида ва ба воя расонидани кадрҳое мебошад, ки ободии ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба дӯши онҳо гузошта мешавад”.**

Маълум аст, ки қонуни мазкур масъулияти волидонро дар тарбияи сифатҳои мусбати ахлоқӣ-инсонгароӣ, ватандӯстӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ афзун мегардонад. Дар моддаи 9-и қонун чунин омадааст: **“Падару модар ба фарзанди хурдсоли то 6-сола барои гирифтани донишҳои аввалия шароит фароҳам оваранд”.**

Дар амалӣ гардондани қонуни мазкур ҳамаи муассисаҳои таҳсилотӣ, аз ҷумла, муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи аввали таълиму тарбияи насли наврас ва амалисозии сиёсати давлат дар соҳаи маориф ҳиссаи сазовор мегузоранд. Ин амал дар асоси нақшаи пешакӣ, ки пайдарҳам, мунтазам иҷро гардидани вазифаҳои муайянро дар назар дорад, таъмин мегардад.

14 сол инҷониб дар муассисаҳои томактабӣ, новобаста ба шакли фаъолияташон, дар қатори дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа чораёни иҷрои қонуни мазкур ҷузвдонҳои алоҳида таш-

кил гардида, амалишавии он бо нақшаю чорабиниҳои дохилимуассисавӣ тасдиқ гардидааст.

Амалӣ гардидани қонун фаъолияти асосии ҳамаи кормандон ва махсусан, мудир, мушовир ва мураббии кӯдакистонҳо мебошад. Зарурияти банақшагирӣ ва амалӣ гардондани қонун аз инҳо бармеоянд:

**- Дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ, имконияту тавони кӯдак, ки ба натиҷаи тадқиқоти илмӣ такя менамоянд, кори таълиму тарбиявӣ ва муҳити инкишофдиҳандаи шахсияти кӯдаконро бояд таъмин гардонад;**

**- Мақсаду вазифаҳои корӣ, таълиму тарбияи муассисаҳои томактабӣ, оила ва мактаб ягона буда, таъмин намудани ягонагии талаботҳоро ба шахсияти кӯдак талаб мекунад.**

Мақсади банақшагирӣ ва амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъмин намудани якҷоягӣ, ҳамдастии тарбияи оилавӣ ва хусусиятҳои таҳсилотӣ мебошад. Он ба иҷро гардидани вазифаҳои зерин равона карда мешаванд:

**- Ёрӣ расондан ба волидон дар ташкил намудани раванди кори таълиму тарбия ва иҷро намудани вазифаҳои суннатӣ дар назди ҷомеа ва давлат;**

**-Вобаста ба синнусол, имкониятҳои фардӣ ва шавқу рағбати кӯдакон ба падару модарон фаҳмонда додани методҳои таъсиррасонии мақсаднок;**

**-Таъмин кардани ягонагии талаботҳо ба шахсияти кӯдакон дар хонавода ва кӯдакистон.**

Маълум аст, ки ҳамаи падару модарон мехоҳанд, фарзанди худро боистеъдоду бофарҳанг, тарбиядидаву пешрав дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт бинанд. Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳангоми кор бо волидон, баробари баҳисобгирии хоҳишҳои онҳо, инчунин, мақсаду вазифаҳои барномавии худро ба ҳисоб мегиранд ва ҳамкориро дар асоси чунин принсипҳои педагогии ахлоқӣ баркарор менамоянд:

**а) Инкишоф додани шавқу рағбат ва маҳорату қобилияти кӯдакон;**

**б) Эътироф намудани ҳар як кӯдак ҳамчун шахси арзишманд, нотакрор, инкишофёбанда;**

**в) Баркарор намудани муносибатҳои мусбати байниҳамдигарии ахлоқӣ бо кӯдакон;**

**г) Арзишманд ва афзалиятнок будани қоида ва меъёрҳои ахлоқи миллӣ ва умумибашарӣ дар раванди кори тарбиявӣ.**

Таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таҳсилотии тарбиявӣ нишон медиҳанд, ки аксари падару модарон дар давоми 14 соли амалишавии қонун ба масъалаҳои таълиму тарбияи фарзанд, омода намудани онҳо ба мактаб таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Бинобар ин, мудирони муассисаҳои таҳсилоти томактабии мамлакат дар кори банақшагирӣ ва амалӣ гардондани талаботи қонуни мазкур ва баланд бардоштани маърифати педагогии волидон ба натиҷаҳои муайян ноил гардидаанд.

Онҳо кӯшиш намудаанд, шакл ва роҳу усулҳои нави ҳамкорӣ бо оиларо интихоб намуда, фаъолияти худро дар самтҳои зерин ба нақша гиранд:

**1. Ба фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ мувофиқат кунонидани нақшаи кор бо волидон, ки онҳо дар шакли Ассотсиатсияи волидон амал менамоянд. Инчунин, бо шуъбаҳои нигаҳдории тандурустӣ (духтурони кӯдакона), намояндаи шуъбаи корҳои дохилӣ, Кумитаи волидони мактабҳои тахсилоти ҳамагонӣ ва ғайраҳо, ҳамкорӣ менамоянд, то ки аз ҳамдигар биомӯзанд, барои бартараф кардани камбудиҳо ба ҳамдигар мадад расонанд.**

**2. Омӯхтан ва дар кори худ истифода бурдан аз анъанаҳои миллӣ ва оилавӣ, ки онҳо барои таъмин кардани муҳити мусбати эмотсионалӣ-маънавӣ мадад мерасонад.**

**3. Дар таҳия, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ҷалб кардани волидон, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, намояндаи маҳалла, собиқадорони соҳа ва шахсони барӯманд.**

**4. Ба кори таълиму тарбияи кӯдакистон бештар ҷалб кардани на танҳо волидон, инчунин, бобою бибиҳо, собиқ тарбиягирандагон, ки ин амал ба зиёд шудани масъулиятшиносии аҳли хонавода, ҳамдигарфаҳмии кӯдакону калонсолон мадад мерасонад.**

Дар таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳси-

лоти томактабӣ чунин шаклҳои банақшагирии кори таълиму тарбия мавҷуданд, ки қисми таркибии онро кор бо волидон ташкил менамояд:

**1. Банақшагирии фаъолияти солонаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ вобаста ба қисматҳои барнома**

**2. Банақшагирии дурнамо, 3-моҳа**

**3. Банақшагирии тақвимӣ**

Бояд зикр кард, ки мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ аз вазъи тарбияи оилавӣ, муносибати волидон дар ташаккули камолоти кӯдак бештар маълумот гирд оварда, ҳангоми кӯдакро ба кӯдакистон овардан ва бегоҳ вақти ба хона бурдан, метавонанд атрофи масъалаҳои гуногун бо волидон суҳбат гузаронанд. Мураббӣ аз маҳорати касбии хеш истифода бурда, метавонад роҷеъ ба тарбияи кӯдакон ҳамкории зичи босамарро бо падару модарон ба роҳ монад.

Дар нақшаи солонаи кӯдакистонҳо вазъи кори таълиму тарбия, кор бо волидон дар соли гузашта таҳлил ва дар асоси он дар соли нав вазифаҳои нав муайян карда мешаванд. Ҳангоми банақшагирии кор бо волидон кӯдакони заифу бемор, имконияту талаботи махсуси таҳсилотидошта ба ҳисоб гирифта мешаванд, то ба волидон чорабиниҳои махсуси табобатию тандурустиро тавсия диҳанд.

Масъалаи баррасии нақшаҳои ҳамкории кӯдакистон ва гурӯҳи синнусолӣ бо волидон ва мактаб мавриди муҳокимаи Шурои педагогии муассиса мегардад ва барои беҳдошти кор маслиҳату тавсияҳои методӣ пешкаш карда мешаванд. Дар маҷлисҳои тиббӣ-педагогӣ, ки барои волидони кӯдакони гурӯҳҳои то 3-сола дар ҳар як семоҳа як маротиба гузаронида мешаванд, ба паҳн кардани донишҳои тиббӣ оид ба пешгирӣ кардани бемориҳо, обутобдиҳии ҷисми кӯдак, аҳамияти ташкили речаи рӯз, донишҳои педагогӣ-психологӣ дар бораи тарбияи одату малакаҳои гигиенӣ, мустақилиятнокӣ, пешгирӣ кардани нокисиҳои рафтор, одатҳои инҷиқию якравӣ ва ғайраҳо, маслиҳатҳо дода мешаванд.

Тибқи нақшаи солона ташкилу гузаронидани маҷлисҳои умумӣ ва дохилигурӯҳӣ бо волидон таъмин карда мешавад, ки дар онҳо ба фаҳмонда додани ҳуқуқу вазифаҳои волидайн дар тарбияи ҷисмонӣ, ақлию зеҳнӣ, ахлоқӣ- иродавии кӯдакон маълумот пешниҳод мешавад.

Дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар амалӣ гардонидани талаботи қонун воситаҳои аёнӣ дар шакли овезаҳо, ҷузвдонҳои сайёр, ташкили «Гӯшаи волидон» дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии кӯдакистон нақши муҳим доранд.

Волидони кӯдакони гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб (5-7-сола) ба кори таълиму тарбиявӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, бо онҳо доир ба речаи рӯзи кӯдакон, хусусиятҳои инкишофи ақлию зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳо, меъёрҳои омодагӣ ба мактаб, давраи гузариш аз як мавқеи иҷтимоӣ ба мавқеи дигари иҷтимоӣ-мактабхон шудан ва ғайраҳо, маълумот дода мешаванд.

Дар моддаи 16, банди 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» чунин омадааст: **«Муассисаи томактабӣ дар ҳамкорӣ бо оила кӯдаконро бояд ба мактаб тайёр намоянд».**

Баробари таъмин намудани омодагии психологӣ, ақлию зеҳнӣ, ахлоқӣ - иродавӣ ва ҷисмонию эмотсионалии кӯдакон ба мактаб муассисаҳои тахсилоти томактабӣ ба волидон дар бораи таъмин кардани шароит барои гузаштан аз як намуди фаъолияти пешбаранда - бозӣ ба фаъолияти дигари пешбаранда - донишомӯзӣ, таъмини шароит барои ба мактаб омода кардани кӯдакон, интихоби дурусти маводди хониш, либосу пойафзол, барқарор кардани муошират бо ҳамсолону омӯзгорон ва ғайраҳо, маълумот медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти Кумитаи волидон (он метавонад ном, шаклҳои гуногуни ташкили корӣ дошта бошад) дар амалӣ гардидани қонуни мазкур нақши муҳим дорад. Дар таҳия намудани нақшаи фаъолияти он мудири кӯдакистон фаъолона иштирок менамояд. Намояндагони Кумитаи волидон метавонанд дар муҳокима ва тасдиқи нақшаи солонаи кӯдакистон, ташкилу гузаронидани чорабиниҳои муштарак бо иштироки волидону муаллимон, намояндагони ҳифзи ҳуқуқ ва тандурустӣ, чорабиниҳои методӣ (рӯзҳои «Дарҳои кушод», Шурои педагогӣ, мизи мудаввар, машғулиятҳои кушод, семинарҳо, конференсияҳо), ҷамъомади назди мудири кӯдакистон, чорабиниҳои давраи солимгардонӣ, идҳо, дилхушиҳо, шанбегиҳо иштирок намоянд, ба вазъи тозагӣ, риоя гардидани қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ дар ошхона,

хонаҳои кӯдакон ва умуман, кӯдакистон назорат намоянд, фикру андешаи худро роҷеъ бо вазъи кори таълиму тарбия иброз кунанд.

Муассисаҳои томактабӣ таҷрибаи ташкили гузаронидани чорабиниҳо оид ба амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро доранд. Масалан, дар муассисаҳои томактабии шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав ва Рӯдакӣ ходимони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф семинар-машварат гузаронида, оид ба роҳу усулҳои самарабахши баланд бардоштани маданияту маърифати педагогии волидон суханронӣ карданд.

Аз ҷониби омӯзгори калони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Тӯтихон Девоншоева таъкид шуд, ки яке аз роҳҳои амалӣ гардонидани иҷрои қонуни мазкур ҳавасмандии волидон ба раванди кори таълиму тарбия мебошад. Мавсуф арзишманд будани истифодаи чунин роҳу усулҳои ҳавасмандгардонии волидонро ба кори таълиму тарбия таъкид намуд:

- **Бо даъватномаи махсус ба чорабиниҳо, идҳо, дилхушиҳо даъват кардани волидон,**
- **Ташкили вохӯрии кӯдакон бо бобою бибиҳои фаъол, шахсони барӯманди маҳалла ва шунидани нақлу ҳикояҳои онҳо,**
- **Пеш аз чорабиниҳои оммавӣ ташкил кардани намоиши корҳои амалии кӯдакон (расмкашӣ, суробсозӣ, гулмонӣ, меҳнати дастӣ), ки он ба волидон ҳам ҳаловатбахш аст.**
- **Дар асоси розигӣ ва ҳамкории тарафайн (волидон, мураббӣ тайёр кардани лавҳаҳо, рӯзномаҳои деворӣ бо истифодаи расмҳо бо номи «Оилаи мо») ва ғайраҳо.**
- **Ба воситаи "Гӯшаи волидон" изҳори миннатдорӣ ба волидони фаъол.**

Бояд зикр кард, ки дар гузаронидани озмунҳои тахассусии кормандони муассисаҳои томактабӣ - «Кӯдакистони сол», «Мураббии сол» дар доираи ноҳияҳо ва шаҳри Душанбе - «Мудири сол», ки яке аз шаклҳои маъмули омӯхтан, ҷамъбаст кардан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам мебошад, ба кори банақшагирӣ ва амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Ҳар як кӯдакистон имконияти ба худ хосси амалӣ гардонидани қонуни мазкурро дорад. Ба монанди ҷалб кардани равоншинос, дар назди кӯдакистону мактабҳо ташкили гурӯҳҳои кӯтоҳмуддати пешазмактабӣ, ки ба онҳо кӯдакони ба тарбияи кӯдакистонҳо фаро нагирифта гирд оварда мешаванд, истифода аз ахбори умум ва ғайраҳо. Дар бисёр ноҳияҳо марказҳои рушди кӯдакон дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, ки онҳо дар баробари фарогирии кӯдакон ба кори таълиму тарбия, инчунин, дар байни падару модарон оид ба зарурияти иҷрои қонун корҳои фаҳмондадиҳиро ташкил менамоянд.

Ҳар як қонун вобаста ба талаботи замон, пешрафти ҷомеа, тағйирёбии шуур ва фарҳанги ҳуқуқии одамон такмил меёбад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ соли 2024 такмил ёфта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” табдили ном кард. Ин қонун омили муҳимми баланд бардоштани масъулияти маънавӣ ва ҳуқуқии ҳар як фарди ҷомеа бояд гардад. Мардуми кишвар, кормандони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ иброз медоранд, ки ин қонун ба пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеа, махсусан, болоравии сатҳи фарҳанги педагогиву психологии волидон таъсири мусбат мерасонад.

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Душанбе. 2004.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Душанбе. 2011.
3. Б. Маҷидова «Педагогикаи томактабӣ», Душанбе. 2011.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, Душанбе. 2024

**Мухлиса МАДУМАРОВА,**
**омӯзгори факултети таҳсилоти ибтидоӣ**
**ва педагогикаи махсуси Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, вилояти Суғд**

# ТАШАККУЛИ ГУФТОРИИ КӮДАКОН: АСПЕКТҲОИ АСОСӢ ВА МЕТОДИКАҲО



Рушди нутқи кӯдакони синфи ибтидоӣ як равандест, ки ба рушди забонӣ, инчунин, ба рушди когнитивӣ, психоэмотсионалӣ ва иҷтимоии кӯдак таъсири бузург мерасонад. Давраи синфи ибтидоӣ бо омӯзиши фаъолонаи забон, афзоиши луғат ва омӯхтани қоидаҳои гуфторӣ хос аст. Дар ин мақола ҷанбаҳои асосии рушди гуфтории кӯдакони синфи ибтидоӣ, равишҳое, ки ба рушди маҳорати гуфторӣ таъсир мерасонанд, инчунин, нақши муаллимон ва волидон дар ин раванд, таҳлил мешаванд.

**1. Хусусияти гуфтории кӯдакони синфи ибтидоӣ**

Рушди нутқи кӯдакони синфи ибтидоӣ тавассути марҳилаҳои пай дар пай мегузарад, ки ҳар кадом хусусиятҳои худро доранд. Дар марҳилаи аввал (6-7-сола) кӯдакон танҳо қоидаҳои грамматикӣ, фонди луғавии худро васеъ карда, малакаҳои ибтидоии хондан ва навиштанро меомӯзанд. Дар ин давра бахшҳои овозии гуфтор рушд мекунанд, ки ба талаффузи дурусти овозҳо ва шунавоии овозӣ

алоқаманд аст. Дар ин давра кӯдакон малакаҳои асосии муоширатро, ки дар раванди муносибат бо волидон ва муҳити атроф доранд, ташаккул медиҳанд. Аммо то омадан ба мактаб, гуфтор ҳанӯз на ҳамеша бо меъёрҳои забони адабӣ мувофиқ аст. Масалан, кӯдакон аксаран таъбироти ифодакунандаи норозигиро истифода мебаранд ва ибораҳоеро ба кор мебаранд, ки барои калонсолон фаҳмиданашон душвор аст.

Кӯдакон вақте ба мактаб меравaнд, онҳо шуруъ мекунанд, ба омӯзиши синтаксис ва морфология (сарфу наҳв). Албатта, савол ба миён меояд, ки то замони ба мактаб рафтан нутқи онҳо чӣ гуна ташаккул меёбад? Гуфтан мумкин аст, ки дар доираи оила, вале дар ин марҳала нутқи кӯдак мураттаб ташаккул намеёбад, зеро падару модар ва атрофиён саъй менамоянд, ки то тамом кардани сухани он ба додаш бирасанд. Ин боис мешавад, ки ӯ ҷумлаҳои худро аксаран тамом накунад. Аммо дар марҳалаи аввали мактабхонӣ муҳити гурӯҳӣ сабаб мешавад, ки ӯ нутқи хешро мураттаб намояд. Истифодаи сохторҳои имлоӣ бошад, акнун бештар хусусияти хушдоршаванда мегирад, аммо дар ин давра дар сохти ҷумлаҳои мураккаб, истифодаи ҳиссаҳои нутқ ва ташкили номҳо хатогиҳо рух медиҳанд. Омӯзгорон бояд рушди гуфтории кӯдаконро бо истифодаи усулҳои гуногуне, ки истифодаи дурусти имлоро дастгирӣ мекунанд, пеш баранд.

**2. Рушди нутқи дар контексти рушди когнитивӣ**

Ниёзи кӯдакон ба омӯхтани сохторҳои грамматикӣ ва қоидаҳои забонӣ ба таври фаъол бо рушди қобилиятҳои маърифатии онҳо алоқаманд аст. Ба андешаи равоншиноси машҳур Жан-Пиаже, дар марҳилаҳои аввали синфи ибтидоӣ, кӯдакон робитаи байни забон ва фикрро шиносоӣ мекунанд. Онҳо ба таври фаъолона аз воситаҳои гуфторӣ барои ҳал кардани масъалаҳои мухталиф истифода мекунанд, ки ба таҳкими раванди маърифатнокӣ кумак мекунад.

Барои ҳамин, дар синфи ибтидоӣ кӯдакон на танҳо қоидаҳои грамматикӣ, инчунин, омӯзишро барои фарқ кардани мафҳумҳои мушаххас ва истифодаи дурусти калимаҳоро дар мувофиқат бо матн оғоз мекунанд. Раванди шиносоии маънои калимаҳо талаб мекунад, ки истифодаи расмии раванди когнитивӣ - хотира, дарк, таҳлил ва синтезро дар бар гирад.

**3. Марҳилаҳои рушди гуфтории кӯдакон**

Рушди гуфтории кӯдакон дар синфи ибтидоӣ тавассути чандин марҳилаҳо гузаронда мешавад, ки дар онҳо малакаҳои гуфтории онҳо, аз қабили талаффуз, фаҳмидани гуфтор, сохтани матнҳои пайваста ва истифодаи гуфтор дар шароити гуногун ташаккул меёбанд:

а) Аз 6-7 солагӣ - дар ин марҳила кӯдакон на танҳо овозҳо ва фонемаҳоро, балки сохторҳои синтаксисиро низ омӯхта, ба онҳо имкон медиҳанд, ки ҷумлаҳои мураккаб созанд. Малакаи шунавоии гуфтор фаъол мешавад, кӯдакон шуруъ мекунанд, ки қоидаҳои талаффузро дарк кунанд ва калимаҳоро дар гуфтор истифода баранд.

б) Аз 7 то 9 солагӣ - дар ин марҳила, гуфтор ба сохтори мураккабтар табдил меёбад, кӯдакон истифодаи намудҳои гуногуни ҷумла, аз қабили ҷумлаҳои пайванд ва пайванди мураккабро меомӯзанд. Омӯзгорон бояд кӯшиш кунанд, ки кӯдаконро ба сохтани сохторҳои пайваст ва ташаккули малакаҳои устувори гуфторӣ раҳнамун созанд.

в) Аз 9-10 солагӣ - дар ин марҳила кӯдакон малакаи навиштани матнҳои мураккабро меомӯзанд, ки ба рушди гуфтории навиштаи кӯдакон кумак мекунад. Онҳо шуруъ мекунанд, ки фикрҳои худро дуруст баён кунанд, малакаи таҳлили матнҳои хондашударо ба даст меоранд ва фарқияти байни гуфтори шифоҳӣ ва хаттиро дарк мекунанд.

**4. Усулҳо ва равишҳои рушди гуфтор**

Рушди гуфтории кӯдакон дар синфи ибтидоӣ аз усул ва равишҳои корбурдашуда, ки омӯзгорон истифода мебаранд, вобаста аст. Муҳим аст, ки дарсҳо гуногун ва эҷодӣ бошанд, ки кӯдаконро ба равандҳои муошират ҷалб намоянд. Усулҳо ва равишҳои асосие, ки ба рушди гуфтории кӯдакони синфи ибтидоӣ кумак мерасонанд, аз инҳо иборатанд:

Истифодаи бозиҳои гуногуни нақшдор кумак мекунад, ки кӯдакон забонро дар контекстҳои гуногун истифода баранд. Бозиҳои нақшдор малакаи изҳори фикр, сохтани пайвандҳои мантиқӣ ва истифодаи гуногуни воситаҳои гуфториро рушд медиҳанд.

Кӯдакон метавонанд, нақши қаҳрамонони гуногуни асарҳои бадеиро бибозанд, ки ин ҳолат ба онҳо ёрӣ мекунад, ки намудҳои гуногуни гуфторро омӯзанд, ҳисси дарки худро рушд диҳанд.

Хондани матнҳо бо овоз як ҷузъи муҳими раванди омӯзиш мебошад. Ин на танҳо ба рушди талаффуз ва шиносоии фонематикӣ ёрӣ мерасонад, балки захираи луғавии кӯдаконро низ васеъ мекунад. Муаллимон метавонанд, ҳангоми хондан саволҳое гузоранд, ки барои фаҳмиши маънои асар кумак мекунад.

Дар ин ҷараён омӯзгор бояд саъй намояд, ки матнҳои пешниҳоднамудаи ӯ чандон маънии амиқу мармуз надошта бошанд. Баракс содаву равон ва фаҳмо бошанд, то кӯдак тавонад, дар атрофи он изҳори ақида кунад. Агар матни пешниҳодшуда мармуз бошад, кӯдак на танҳо ба дарки он намеравад, балки пиромуни он чизе ҳам намегӯяд. Ин дар ҳолест, ки ҳадафи аслӣ дар ин марҳала ташаккули нутқи кӯдак аст, на маърифати он.

Вожаҳои тасвири объектҳо, ҳодисаҳо ва тасвирҳо ёрӣ мекунанд, ки кӯдакон матнҳои пайваста ва мантиқӣ созанд. Кӯдакон тарзи талаффузи дурусти калимаҳоро меомӯзанд ва зарур аст, ки сифати ишораҳоро истифода баранд, қисмҳои гуногуни забонро барои сохтани ҷумлаҳо ба кор гиранд. Тасвир кардан ёрдам мекунад, ки на танҳо гуфтор, балки диққат, хотира ва дарк низ рушд ёбад. Дар марҳилаи ибтидоӣ кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки матнҳои кӯтоҳ созанд ва ин ҳолат онҳоро ба фикрҳои эҷодкорона ташвиқ мекунад. Ин на танҳо малакаҳои имлоӣ ва луғатиро рушд медиҳад, балки мадад мекунад, ки кӯдакон дар истифодаи забон бештар ҳушёр бошанд. Раванди мазкур ёрӣ мерасонад, ки кӯдакон фикрҳои шахсии худро ташаккул диҳанд ва андешаи худро дуруст ва муртаттаб баён намоянд.

Баъзе кӯдакон дар рушди гуфтор мушкилот доранд. Ин метавонад ноҳинҷории гуногун, ба монанди вайрон будани талаффузи садо ва ё шунавоӣ аз тариқи системаи асаб ва монанди инҳо бошад. Дар чунин ҳолат, муҳим аст, ки кор бо логопедҳо ва дигар мутахассисон барои дуруст кардани камбудиҳои гуфтор анҷом дода шавад. Машғулиятҳои логопедӣ шомили машқҳо барои рушди шунавоии фонематикӣ, талаффузи дурусти овозҳо, рушди гуфтори пайваста ва савод мебошад.

**Нақши оила дар рушди гуфтор**

Нақши оила дар рушди гуфтории кӯдакони синфи ибтидоӣ бисёр муҳим аст. Кӯдаконе, ки аз хурдсолӣ бо волидон гуфтугӯ мекунанд, китоб хонда, дар бозиҳои рушдкунанда иштирок мекунанд, луғати бештар ва маҳорати гуфтории беҳтар доранд. Волидон бояд фаъолона дар раванди таълим иштирок кунанд, мадад кунанд, ки кӯдакон муҳтавои китоби хондаро муҳокима ва бо кӯдакон дар бозиҳое иштирок кунанд, ки боиси рушди гуфтории кӯдакон мегардад.

Дар маҷмуъ, рушди гуфтории кӯдакони синфи ибтидоӣ як раванди мураккабу бисёрҷабҳа буда, аз омӯзгор ва волидон талаб мекунад, то ба ин марҳила диққати махсус диҳанд. Муҳим аст, ки таълим танҳо бо машғулиятҳои қолабӣ маҳдуд нашавад, балки ба фаъолияти эҷодкорона ва бозиҳо, ки кӯдаконро ба гуфтор фаъолона шомил мекунанд, дохил шавад. Зеро рушди воситаҳои забонӣ дар синфи ибтидоӣ нақши муҳимме дар раванди таълим ва рушди иҷтимоии кӯдак мебозад, ки барои фаъолияти ояндаи таълимӣ ва шахсиятии кӯдак асос мегузорад.

**Адабиёт:**

1. Абдуллоев С.Ҳ. Психологияи инкишофи кӯдакон. Душанбе 2020
2. Шарипов М.А. Омӯзиши луғавӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, 2019
3. Баҳриддинов М. Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе. 2018.
4. Иброҳимов Ш. Методикаи таълими нутқ. Душанбе. 2015.

**Хуршед ШАРИФОВ,**
**омӯзгори физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистон - Россия**



# ТАҶРИБАҲОИ НАМОИШИИ ОДӢ ДАР РАВАНДИ ДАРС

Дар шароити имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ, ки имкони мустақилона интихоб кардан, гузоштан ва амалӣ намудани мақсад ва худбаҳодии муносиб вуҷуд дорад, масъалаи ташаккули шахсият яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Иштироки фаъолонаи хонандагон дар фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ на танҳо гарави самаранокии таълим, балки дараҷаи баланди инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ ва шахсии онҳост.

Ташаккули шахсият дар системаи маориф тавассути ташаккули фаъолияти универсалии таълимӣ ба даст меояд. Дар ин бобат, барои ба мақсад расидан ба мо ташкили дарсҳои дорои мушкилот, дарсҳои тадкиқотӣ, гузарондани таҷрибаҳои намоишӣ ёрӣ мерасонад.

Мушкилоти асосии имрӯза, ки муаллим ҳангоми тайёр кардани дарс дучор мешавад, набудани тавсияҳои методӣ аз физика ва набудани таҷҳизот барои гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ дар баъзе аз мактабҳо мебошанд.

Барои ҳалли ин мушкилот дар мақолаи зерин чанд номгӯи таҷрибаҳои намоишии одиро бо тавсифашон овардаем, ки ба муаллимони физика ҳангоми таълими ин фан ёрӣ мерасонад. Аслан, чунин таҷрибаҳоро метавон аз ҳамаи қисмҳои физика ба хонандагон нишон дод. Таҷрибаҳои овардашудаи ин мақоларо ҳангоми таълими қисмҳои зерини физика метавон истифода бурд: механика, энергияи гармӣ, гидростатика, ҷараёни электрикӣ, мавҷҳои механикӣ ва оптика.

| | |
|---|---|
| **1. Номи таҷриба: Суръати ҷисми афтанда аз массаи он вобаста аст?** Тартиби гузаронидан (таҷрибаи Галилео Галилей): аз баландии якхела ҷисмҳои массаашон гуногунро мепартоем (масалан, тӯбчаи резинии бозии рӯимизӣ ва тӯби волейбол), вақти афтиши онҳоро бо сониясанҷ чен мекунем. |  |
| **2. Номи таҷриба: Муҳаррики реактивӣ.** Тартиби гузаронидан: дар шишаи калони пластикӣ 1,5 л спиртро рехта, даҳонашро сахт маҳкам карда, якчанд сония омехта мекунем, то ки буғҳои он зиёд шавад. Аз мобайни даҳонаки он сӯрох карда, дар болои фарш ё мошинчаи кӯдакона гузошта оташ мезанем. |  |

| | |
|---|---|
| **3. Номи таҷриба: Инертнокӣ.**<br>Тартиби гузаронидан: ду ҳалқаи қоғазиро дар риштаҳои борик овезон карда, дар байни онҳо чӯби борикро мегузорем ва ду маротиба бо навбат бо зарбаҳои суст ва тез мезанем. Маълум, ки ҳангоми тез зарба задан чӯб мешиканад ва ҳалқаҳо соз боқӣ мемонанд. |  |
| **4. Номи таҷриба: Моеи ғайри Нютонӣ.**<br>Тартиби гузаронидан: аз крахмал ва об бо мувофиқати ҳаҷми 1:1 маҳлул тайёр менамоем. Ҳангоми зарбаи сахт моеъ ба ҳолати сахтӣ мегузарад. |  |
| **5. Номи таҷриба: Чӣ тавр аз об хушк бароем?**<br>Тартиби гузаронидан: дар лаълича камтар об рехта, дар байни он шамъро гузошта, оташ мезанем ва тангаи 1 сомониро дар зери об мегузорем. Шамъро бо истакон маҳкам мекунем. Дар натиҷа, фишори дохили он кам шуда, об ба даруни истакон медарояд ва танга дар беруни он хушк мемонад. |  |
| **6. Номи таҷриба: Фишори атмосферӣ.**<br>Тартиби гузаронидан: дар болои шиша дастмоли коғазиро камтар тар намуда, дар байнаш шамъи фурӯзонро мегузорем. Болои онро бо истакон маҳкам мекунем. Дар натиҷа истакон ба шиша мечаспад ва онро гирифтан мушкил мешавад. |  |
| **7. Номи таҷриба: Пахш намудани зарфи алюминӣ.**<br>Тартиби гузаронидан: дар зарфи алюминӣ камтар об рехта, онро гарм мекунем. Ҳангоме ки об ҷӯшид, онро ба дохили оби хунук мегузорем (рӯяшро ба тарафи поён равона мекунем). Дар натиҷа зарфи алюминӣ таҳти таъсири фишор пахш мешавад. |  |
| **8. Номи таҷриба: Об дар халтаи селофанӣ ва оташ.**<br>Тартиби гузаронидан: дар халтаи селофании дуқабата об гирифта, онро бо оташи шамъ гарм мекунем. Маълум, ки халта намесӯзад. |  |

| | |
|---|---|
| **9. Номи таҷриба: Манбаи ҷараён аз картошка.**<br>Тартиби гузаронидан: панҷ дона картошкаро гирифта, ба ҳар яки онҳо дутогӣ мехро даровварда, онҳоро пай дар пай ба воситаи ноқилҳо пайваст намуда, нугҳои охири ноқилҳоро бо лампаи диодӣ мепайвандем. Дар натиҷа лампа фурӯзон мешавад. |  |
| **10. Номи таҷриба: Ноқил додани ҷараён тавассути ҳаво (трансформатор).**<br>Тартиби гузаронидан: ду ғалтаки дорои печакҳои гуногунро тайёр намуда, ғалтаки якумро ба лампаи диодӣ ва дуюмро ба манбаи ҷараён пайваст мекунем. Ҳангоми наздик овардани ин ғалтакҳо лампа фурӯзон мешавад. |  |
| **11. Номи таҷриба: “Ксилофон” аз истаконҳо.**<br>Тартиби гузаронидан: чанд истакони холиро гирифта, дар як қатор мегузорем ва бо навбат ба онҳо об мерезем. Ба истакони якум камтар, ба истакони дуюм зиёдтар ва ба истакони сеюм аз он зиёдтар ва ғайра. Бо чӯбча бо навбат ба истаконҳо мезанем ва ҳар яки онҳо садоҳои гуногун мебароранд. |  |
| **12. Номи таҷриба: Об ва лазер.**<br>Тартиби гузаронидан: ба воситаи лазер метавон падидаи инъикоси пурраро нишон дод. Маълум, ки ҳангоми кунҷи афтиши зиёд рӯшноӣ дар сарҳади ду муҳит пурра инъикос меёбад. |  |
| **13. Номи таҷриба: Масофаи фокусӣ.**<br>Тартиби гузаронидан: дар варақи тоза ду тирчаи ба як тараф равонашударо кашида, дар пушти истакони шаффоф мегузорем. Ҳангоми рехтани об ба истакон самти тирчаҳо дар назар баръакс намоён мешаванд. |  |

Ҳамин тариқ, чунин таҷрибаҳои намоишии одӣ шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯхтани физика зиёд мекунанд, малакаҳои кор бо дастгоҳҳои гуногунро ташаккул медиҳанд ва фаъолияти универсалии таълимро инкишоф медиҳад. Бо нишон додани чунин корҳои амалӣ мо метавонем, қисмҳои назариявӣ ва амалии физикаро мустаҳкам кунем. Ин таҷрибаҳо ҳарчанд сода ба назар расанд, вале барои наврасону омӯзандагони наврох фазои мусоиди ташаккулро ба вуҷуд меоранд.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**омӯзгори математикаи Литсейи равияи табиӣ-риёзии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Машраб ШАРИФЗОДА,**
**ходими илмии Институти математикаи АМИТ**



# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАНТИҚӢ БО ЁРИИ ЗАРФҲО

Ҳоло мо татбиқи геометрияро дар ҳалли масъалаҳое меорем, ки дар назари аввал гӯё бо геометрия иртиботе надоранд. Дар шарти онҳо таъкид карда мешавад, ки як миқдори муайяни моеъ (об, шир, керосин ва ғайра) дода шудааст. Талаб карда мешавад, ки бо ёрии зарфҳои холии ғунҷоишашон муайян ин миқдор моеъ ба қисмҳои (ҳиссаҳои) пешакӣ муайян ҷудо карда шавад. Доир ба ғунҷоиши зарфҳо ҳаминро гуфта метавонем, ки дар деворҳои онҳо дар бораи чи қадар моеъ ғунҷониданашон қайд карда нашудааст. Вале маълум аст, ки ҳар як зарф миқдори муайяни моеъро ғунҷонида метавонад. Онҳо кӯзаҳое мебошанд, ки ғунҷоишашон маълуманд. Барои ҳалли ин гуна масъалаҳо мо «координатаҳои сехатта», ба истилоҳи дигар мафҳуми «координатаҳои триангулятсионӣ»-ро ворид месозем.

Одатан, барои қайд кардани нуқтаҳо, агар координатаҳояшон дар шакли декартӣ дода шуда бошанд, аз коғазҳои ба миллиметрҳо тақсимшуда ё варақҳои ба катакҳо ҷудошуда истифода мебаранд. Барои иҷрои ин мақсад моро лозим аст на аз координатаҳои росткунҷа, балки аз координатаҳои «сехаттаи ҳамвор» истифода барем. Яъне, аз коғазхое истифода мебарем, ки шакли секунҷа доранд ва бо воситаи хатҳои рости параллел ба секунҷаҳои баробартараф ҷудо карда шудаанд.

Дар коғаз секунҷаи баробартарафи ABC-ро, ки тарафҳояш аз хати ин катакҳо мегузаранд, тасвир мекунем. Дар расмҳои 1-6 ин секунҷаи баробартараф бо порчаҳои хатҳои рости бо тарафҳояш параллел ба катакҳои шакли секунҷачаҳои дорои баробартараф ба катакҳо ҷудо шудаанд. Барои нуқтаи дилхоҳи ҳамворӣ (P) ададҳоеро муайян мекунем, ки ҳамчун масофаҳо аз ин нуқта то хатҳои рости тарафҳои секунҷа BC, CA ва AB-и секунҷаи ABC хидмат мекунанд. Бо ин вуҷуд, барои ҳамаи хатҳо масофаро мусбат меҳисобем, агар нуқтаи P ва секунҷаи ABC аз хати рост дар як самт бошанд. Агар нуқтаи P ва секунҷаи ABC аз хатти рости гирифташуда дар самтҳои гуногун бошад, координатаҳои P-ро манфӣ меҳисобем.

Чунин сегонаи ададҳои x,y,z -ро минбаъд координатаҳои сехаттаи нуқтаи P нисбат ба секунҷаи ABC меномем. Қайд кардан ҷоиз аст, ки барои нуқтаҳои дохили секунҷаи ABC ҳар се координатаи номбурда мусбатанд. Ба ғайр аз ин, агар $a$ дарозии тарафи секунҷаи ABC ва h-баландии он бошанд ($h = \frac{a\sqrt{3}}{2}$), он гоҳ $\frac{1}{2}$ $(ax + ay + az) = S_{PBC} + S_{PCA} + S_{PAB} = S_{ABC} - \frac{1}{2}ah$ мебошад. Аз ин ҷо $x + y + z = h$.

Координатаҳои сехатта барои навишти ҳолате, ки дар он се бузургии тағйирёбанда суммаи доимӣ доранд, хеле мувофиқ мебошанд. Агар яке аз тағйирёбандаҳо x, y ё z доимӣ монда, дутои дигарашон тағйир ёбанд, нуқтаи (x, y, z) аз рӯйи хати рости бо яке аз тарафҳои секунҷаи ABC параллел ҷой иваз мекунад. Аз ҷумла, хатҳои росте, ки дар онҳо тарафҳои BC, CA ва AB ҷойгиранд, бо воситаи муодилаҳои зерин ифода карда мешаванд: x = 0 ( барои тарафи BC ); y = 0 (барои

тарафи CA) ва $z = 0$ (барои тарафи AB). Дар ин маврид қуллаҳои секунҷаи ABC дорои координатаҳои зерин мегарданд: A(h, 0 , 0); B (0, h, 0); C(0, 0, h).

Ҳангоми айнан h литр моеъро ба се зарф холӣ кардан; ба зарфи якум x литр, ба зарфи дуюм y литр ва ба зарфи сеюм z литр, раванди мунтазам (муттасил) холӣ кардани моеъ аз зарфи дуюм ба зарфи сеюм бо ҳаракати нуқтаи координатаҳояш сехаттаи P(x,y,z) нисбат ба секунҷаи ABC-и баландиаш h аз рӯйи хати рости $x = const$ ба самти камшавии x ва зиёдшавии z мувофиқ меояд.

Агар ғунҷоиши зарф ҳамагӣ h литр бошад (ин ҳолатро мо бо $[h; h, h, h]$ ишора мекунем), он гоҳ ҳар яке аз координатаҳои x,y,z, аз фосилаи 0 то h қимати дилхоҳ кабул мекунад ва маҷмуи нуқтаҳое, ки ба онҳо дар натиҷаи бо ягон тарз рехтани моеи ягон зарф ба зарфи дигар ба амал меояд (мо инро соҳаи амалиёт меномем) бо воситаи нобаробариҳои зерин дода мешаванд: $0 \le x \le h$ ; $0 \le y \le h$; $0 \le z \le h$. Ҳангоми тағйирёбии x, y, z ин маҷмуа айнан бо секунҷаи ABC ҳамҷоя меафтад.

Ҳолати зарурии мо бо $[h; a, b, c]$ ишора карда мешавад. Дар ин ҷо се зарфи ғунҷоишҳояшон, мувофиқан *a,b,c* литрӣ мавҷуданд, ки барои онҳо $h \ge a > b > c$ аст.

**Масъала**: Бо тарзи аз як зарф ба зарфи дигар рехтани моеъ, дар яке аз зарфҳо миқдори муайяни *d*-литр моеъро ҳосил кардан лозим аст; бо вуҷуди ин иҷозат дода мешавад, ки танҳо яке аз зарфҳо пурра аз моеъ холӣ карда шавад ё ин ки зарфи дигаре то канорҳояш аз моеъ пур карда шавад. Ҳатто мавриди рӯй додани ҳарду ҳолати баёншуда низ ҷой дошта метавонад. Ҳамин тавр, соҳаи амалиётро акнун бо воситаи нобаробариҳои зерин навиштан мумкин аст: $0 \le x \le a$ ; $0 \le y \le b$; $0 \le z \le c$.



**Расми 1**



**Расми 2**

Ин маҷмуа чун қоида шашкунҷаи мунтазам ё шашкунҷаи номунтазамеро ифода мекунад, ки бо шаш хати зерин маҳдуд шудааст: $x = 0$, $x = a$, $y = 0$, $y = b$, $z = 0$, $z = c$. Вале дар ҳолати ҷузъ ин соҳа метавонад панҷкунҷа, трапетсия, параллелограмм бошад ё тавре пештар дидем, метавонад бо тамоми секунҷаи ABC ҳамҷоя афтад. Мо чунин мешуморем, ки ҳамаи ададҳои додашудаи *a ,b, c, d, h* - ададҳои бутун мебошанд. Дар расмҳои 1 ва 2 ҳолати $[8; 7, 6, 3]$ шарҳ дода шудааст. Мувофиқи он 8 литр моеъ бо ягон тарз ба зарфҳои ғунҷоишашон 7 л, 6 л ва 3 л рехта шудааст. Дар ин маврид соҳаи амалиёт аз шашкунҷаи $0 \le x \le 7$; $0 \le y \le 6$; $0 \le z \le 3$, ки он бо хатҳои рости $x = 7$, $z = 0$, $y = 6$, $x = 0$, $z = 3$, $y = 0$ маҳдуд мебошад, иборат аст.

Координатаҳои сехаттаи қуллаҳои шашкунҷа нисбат ба секунҷаи баробартарафи баландиаш h=8 чунинанд: (7, 1, 0), (2, 6, 0), (0, 6, 2), (0, 5, 3), (5, 0, 3), (7, 0, 1).

Фарз мекунем, ки дар зарфи якум 3 л моеъ ва дар зарфи дуюм низ 3 л мавҷуд аст. Он гоҳ дар зарфи сеюм ҳамагӣ 2 л моеъ боқӣ мемонад. Ба чунин тақсимоти моеъ дар зарфҳо нуқтаи (3, 3, 2) мувофиқ меояд. Шаш самти аз ин нуқта бароянда ба шаш имконияти амалиёти «гардон-гардон» ишора менамоянд. Самти аз нуқтаи (3, 3, 2) ба

нуқтаи (5, 3, 0) равона ба холишавии зарфи сеюм мувофиқ аст; моеи дар он буда, ба зарфи якум рехта мешавад; ба самти нисбат ба (3, 3, 2) муқобил, - яъне, ба нуқтаи (2, 3, 3) раванди пуршавии зарфи сеюм аст, ки ба он аз зарфи якум моеъ рехта мешавад. Самти аз нуқтаи (3, 3, 2) ба нуқтаи (0, 6, 2) раванди холишавии зарфи якумро ифода менамояд. Мувофиқи он миқдори моеи зарфи якум ба зарфи дуюм холӣ карда мешавад; бо вуҷуди ин зарфи дуюм то пур шудан бо моеъ пур карда мешавад.

Бигузор аз мо талаб карда шавад, ки дар яке аз зарфҳо 4л моеъ ҳосил кунем. Пеш аз ҳама, қайд мекунем, ки ҳангоми рехтани якуми моеъ мо аз нуқтаи дохилии соҳаи амалиёт (дар мавриди мо аз нуқтаи (3, 3, 2)) ба нуқтаи сарҳадии секунҷа мегузарем. Инро шарти гардонидани моеъ талаб мекунад. Масалан, хати шикастаи ранги сурхи дар расми 2 тасвиргардида яке аз имкониятҳои гузаришро аз нуқтаи (3, 3, 2) ба нуқтаи (4, 4, 0) ифода менамояд. Ин маънои онро дорад, ки 8л моеъ ба ду қисми баробар ҷудо карда шудааст. Бо осонӣ дидан мумкин аст, ки узвҳои хати шикаста ҳамеша ба тарафҳои секунҷаи ABC параллел буда, бо вуҷуди ин хати шикаста танҳо ҳамон вақт «тоб мехӯрад», ки агар ба сарҳади соҳа расад. Дар ҳолати умумӣ мо дер ё зуд метавонем ба ҳамаи нуқтаҳои сарҳадии секунҷаи ABC расем. Яъне, тақсими 8л моеъ ба се зарф чӣ гунае сурат нагирад, барои «иловакунӣ» ё «холикунӣ» ба он оварда мерасонад, ки дар ҳар яке аз зарфҳо миқдори бутуни литрҳои моеъ ҳосил карда шавад.




**Расми 3**




**Расми 4**

Дар расми 3 ҳолати $[10; 8,7,6]$ тасвир карда шудааст. Яъне, 10л моеъ дар зарфҳои ғунҷоишашон, мувофиқан 8л, 7л ва 6л рехта шудааст. Соҳаи амалиёт дар ин ҳолат ҳам шашкунҷа мебошад. Дар ин маврид, ҳангоми 10 л моеъро бо тарзи дилхоҳ ба се зарф ҷойгир кардан, бо осонӣ d = 1, 2, 3, 4, 6, 7, 8 ва 9 литр моеъ ҳосил кардан мумкин аст. Вале, агар дар аввал дар ҳеҷ яке аз зарфҳо 5 литр моеъ мавҷуд набошад, мо ин 5 литрро ҳеҷ гоҳ ҳосил карда наметавонем, чунки роҳи аз нуқтаҳои (0, 5, 5) ,(5, 0, 5),(5, 5, 0) гузаранда сарбаста аст ва ягон роҳи дигар имкон надорад.

Ҳамин тавр, ба чунин хулоса меоем: агар $h = 2d \geq a > b > c > d$ бошад, дар мавриди $[h; a, b, c]$ бо тарзи аз як зарф ба дигараш рехтани моеъ, агар дар аввал дар ягонтои зарфҳо $d$ литр моеъ рехта нашуда бошад, дар яке аз зарфҳо ҳосил шудани $d$ литр моеъ аз имкон берун аст. Боз баргашта ҳолати $[10;\ 8,\ 6,4]$–ро меомӯзем. Дар он талаб карда мешавад, ки миқдори ҷуфти (10 литр) моеъ бо воситаи зарфҳои ғунҷоишашон ҷуфт (8л, 6л, 4л) тақсим карда шавад. Дар чунин маврид соҳаи амалиёт панҷкунҷа мебошад (Расми 4). Аз расми 4 аён аст, ки агар дар аввал дар ҳар зарф миқдори ҷуфти литрҳои моеъ рехта шуда бошад, нуқтаи охирин (интиҳо), масалан бо координатаҳои ҷуфти (6, 2, 2) мавҷуд аст ва мо ҳеҷ гоҳ миқдори тоқи литрҳоро ҳосил карда наметавонем.




**Расми 5**




**Расми 6**

Масъалаҳои намуди $[h; a, b, c]$, ки дар онҳо h = $a$ = 2d = $b$ + $c$ аст, маъмултаранд. Дар ин маврид амалиёт параллелограмми куллаҳояш нуқтаҳои (0, 0, 0), ( c, $b$, 0), (0, $b$, c), ($b$, 0, c) мешавад. Дар расмҳои 5 ва 6 ҳалли чунин масъалаҳо нишон дода шудаанд, ки ба ҳолати $[8; 8, 5, 3]$ бо натиҷаи ниҳоии тақсимоти моеъ – (8, 0, 0) мувофиқ омадааст. Дар ин масъала талаб шудааст, ки мо бояд 4 литр моеъ ҳосил кунем.

Бо сухани дигар: ду чӯпон ният доранд, ки 8 литри шири дар кӯзаи ғунҷоишаш 8 литраро бо ёрии кӯзаҳои холии ғунҷоишҳояшон 5 литр ва 3 литрӣ ба ду қисми баробар тақсим кунанд. Тарзи якум аз он иборат аст, ки онҳо метавонанд, аввал зарфи 5 литраро тавре дар расми 5 нишон дода шудааст, аз шир пур кунанд ё ки кӯзаи ғунҷоишаш 3 литраро тавре дар расми 6 аст, пур кунанд. Пас аз ин ҳар вақте, ки хати шикаста ба яке аз тарафҳои параллелограмми мо - хатҳои рости y = 0, y = 5, z = 0, z = 3 мерасанд, мо ин тарафи параллелограммро ҳамчун оина тасаввур мекунем. Қоидаи инъикоси оинагӣ аз он иборат аст, ки ҳар як порчаи хати шикаста, ки бо яке аз тарафҳои секунҷаи додашуда параллел ҷойгир аст, ба амали рехтани моеъ аз як зарф ба зарфи дигар мувофиқ меояд, аммо зарфи сеюм дар ин маврид дар амалиёт иштирок намекунад. Ҳамин тавр, мо ҳалли зеринро ҳосил мекунем: (8, 0, 0) → ( 3,5,0) → ( 3,2,3) → ( 6,2,0) → ( 6, 0, 2) → ( 1, 5, 2) → ( 1,4,3) → ( 4,4,0). Ҳалли дигари ҳамин масъала низ мавҷуд аст ва он чунин шакл дорад: (8, 0, 0) → ( 5,0,3) → ( 5,3,0) → ( 2,3,3) → ( 2, 5, 1) → ( 7,0,1) → ( 7, 1, 0) → ( 4,1,3) → ( 4,4,0). Маълум мешавад, ки дилхоҳ шумораи бутуни литрҳои моеъро дар мавриди $h = a = b + c$ будан танҳо дар ҳамон ҳолат ҳосил карда метавонем, агар ададҳои $a$ ва $b$ байни ҳам сода бошанд.

Барои хоҳишмандони ҳалли масъалаҳо аз олимпиадаҳо якчанд адад масъалаеро пешниҳод мекунем, ки ба тақсим кардани моеъҳо алоқа доранд ва баъзеи онҳоро бо ёрии усули дар боло баёншуда ҳал кардан мумкин аст. Чунин масъалаҳо дар олимпиадаҳои солҳои қаблӣ зуд-зуд дучор меомаданд. Пеш аз ҳалли онҳо ба шарҳи зерин диққат диҳед:

Дар шарти масъалаҳо сухан дар бораи ба ҳиссаҳои муайян ҷудо намудани миқдори додашудаи моеъ меравад. Барои чен кардани миқдори моеъ, асосан, ду ченак: литр ва сатил истифода мешавад.

Агар дар шарти масъала таъкид наёбад, фарз мекунем, ки моеъҳо якҷинса буда, дар ҳолати муътадили ҳарорат омӯхта мешаванд. Зарфҳои дар шарт омада, аз ғунҷоишҳои муқарраршуда бештар моеъ ғунҷонида наметавонанд. Дар шарти баъзе масъалаҳо истилоҳи «гардон-гардон» дучор меояд. Ин истилоҳ маънои аз як зарф ба зарфи дигар ва ба зарфи аввала холӣ намудани миқдори муайяни моеъро дорад.

Барои мухтасар овардани ҳалли масъалаҳо ишораҳо қабул шудаанд. Ишораи

(, , , ) барои се зарф ва (, , , ,) барои чор зарф истифода бурда мешаванд. Дар ҳамин ҷо навишти (A,B,C) маънои онро дорад, ки дар ҳамин лаҳза дар зарфи калон A, дар зарфи миёна B ва дар зарфи хурд C воҳид миқдори моеъ мавҷуд аст. Дар навишти (A,B,C,Д) низ ҳарфҳо ҳамин маъниро медиҳанд. Ҳамин тавр, зарфҳо қатъиян бо тартиби камшавии ғунҷоишҳояшон ҷойгиранд ва бо ҳамин тартиб омӯхта мешаванд.

Раванди аз як зарф ба зарфи дигар рехтани моеъ бо тирчаи самтдор ⇸ ишора карда мешавад. Масалан, навишти $(a,b,c) \to (a,0,b)$ маънои онро дорад, ки аз зарфи ғунҷоишаш миёна ба зарфи ғунҷоишаш хурд ягон миқдори моеъ рехта шудааст. Агар рафту ягон миқдори муайяни моеъ бевосита ба замин рехта шавад, дар ҷои ҳарфи мувофиқ ишораи адади 0 ва дар ҷои тирча ишораи ↓ навишта мешавад. Агар дар шарти масъала ба сифати зарфи нисбатан калон ягон манбаи калони обнигоҳдорӣ, аз ҷумла, **водопровод,** истифода бурда шавад, дар ҷои аввали ишораи қабулшуда ҳарфи P навишта хоҳад шуд.

**1.** Чалаки 10-литра аз оби минералӣ пур аст. Оё бо ёрии зарфҳои холии ғунҷоишҳояшон 6 л, 7 л, 8 л аз он расо 5 л оби минералӣ гирифтан мумкин аст?

**2.** Зарф 18 л об дорад. Аз зарфҳои хурди ғунҷоишашон 11 л ва 5 л истифода бурда, обро ба ду ҳиссаи баробар ҷудо намоед.

**3.** Дар зарфе 9 л равған аст. Аз зарфҳои холии ғунҷоиши 3 л ва 5 л истифода бурда, дар ҳарду зарфи 3 л ва 5 л расо 1 литр равған ҳосил намоед.

**4.** Дар зарф на камтар аз 13 л об мавҷуд аст. Аз он бо воситаи зарфҳои холи ғунҷоишҳояшон 5 л ва 9 л айнан 8 л об гиред.

**5.** Бочкаи ғунҷоишаш 12 сатил аз керосин пур аст. Аз зарфҳои холии ғунҷоишҳояшон 5 сатил 8 сатил истифода бурда, керосинро ба ду ҳиссаи баробар ҷудо намоед.

**6.** Ду чалаки даҳлитра аз равған пур карда шудааст. Дар назди чалак ду дегчаи сирдори ғунҷоишҳояшон мувофиқан 4л ва 5л мавҷуд аст. Аз ҳамин чор зарф истифода бурда, бо роҳи гардон-гардон, дар ду дегчаи сирдор расо 2 литрӣ равған ҳосил намоед.

**7.** Ним стакан чой ва ним стакан шир мавҷуданд. Аз стакани чойдор як қошуқ чойро ба стакани ширдор рехта, онро хуб омехта намуданд. Сипас, аз ширчойи ҳосилшуда як чумчаашро гашта ба стакани чойдор холӣ намуданд. Дар натиҷаи ин амалиёт шир дар стакани чойдор зиёдтар шуд ё чой дар стакани ширдор?

**8.** Ду зарф мавҷуд аст. Зарфи якум 1 литр об дошта, дуюмаш холӣ аст. Аз зарфи якум нисфи обро ба зарфи дуюм рехта, пас аз он нисфи оби дар зарфи дуюм ҳосилшударо гашта ба зарфи якум холӣ намуданд. Пас аз ин боз нисфи оби зарфи якумро ба зарфи дуюм холӣ намуданд. Пас аз 100 маротиба такрор ёфтани ин гардон-гардонҳо дар зарфи якум чӣ миқдор об боқӣ монд?

**9.** Сатил 5 л об дорад. Аз он 1 л обро ба замин рехта, ба ҷояш ба сатил 1 л шир холӣ намуданд. Баъд, маҳлули ҳосилшударо хуб омехта намуда, аз сатил 1 литрашро рехтанду ба ҷояш ба сатил 1 л шир ҳамроҳ намуданд. Маротибаи сеюм низ маҳлули сатилро хуб омехта намуда, аз он 1 литрашро алоҳида рехтанду ба ҷояш 1 литр шир андохтанд. Дар натиҷаи ин амалиёт дар сатил чӣ қадар об боқӣ монд?

**10.** Дар се зарфи ғунҷоишҳояшон,7 л 6 л ва 3 л мувофиқан 3 л, 3 л ва 2 л равған мавҷуд аст. Оё бо роҳи аз як зарф ба дигараш рехтани равған дар зарфҳои ҳафтлитра ва шашлитра 4 литрӣ равған ҳосил намудан мумкин аст?

**11.** Дар зарфҳои 4 л, 6л ва 7л мувофиқан 4л, 4л ва 2л квас рехта шудааст. Оё бо роҳи аз як зарф ба дигараш рехтани квас дар яке аз ин зарфҳо расо 5л квас ҳосил намудан мумкин аст?

**12.** Бочка 18 л бензин дорад. Ду зарфи холии ҳафтлитраву зарфи холии чорлитра мавҷуданд. Аз ин се зарф истифода бурда, бензинро ба 3 ҳиссаи баробар (шашлитрӣ) ҷудо намоед.

**13.** Зарфи ғунҷоишаш 24л пурри об аст. Аз зарфҳои холии ғунҷоишҳояшон 5л, 11л ва 13л истифода бурда, обро ба се ҳиссаи баробар тақсим намоед.

**14.** Дар се зарфи ғунҷоишҳояшон аз 50 литрӣ зиёд, мувофиқан 12л, 14л ва 22 моеъ мавҷуд аст. Талаб карда мешавад, ки бо роҳи аз як зарф ба дигараш рехтани моеъ, миқдори моеи ҳар се зарф баробар карда шавад. Бо вуҷуди ин, бояд миқдори моеи ба ягон зарф рехташаванда аз адади бутуни литрҳо иборат буда, ба миқдори моеи дар ин зарф мавҷуда баробар бошад ва ҷунин рехтанҳо аз се маротиба беш такрор наёбад.

### Ҳалҳо, ҷавобҳо, нишондод

**1.** Ҷавоб: Не. Бо ёрии зарфҳои додашуда 1 л, 2 л, 3 л, 4 л, 6 л, 7 л, 8 л, 9 л оби минералӣ ҳосил намудан мумкин, вале ҳеҷ гоҳ 5 л ҳосил намудан мумкин нест. Умуман, агар ягон миқдори ҷуфти литрҳои моеъ, масалан, 2k л дар се зарфи ғунҷоишҳояшон *a* л, *b* л ва *c* л бо ягон тарз рехта шуда бошад, $2K \geq A > B > C > k$ дар натиҷаи аз як зарф ба дигараш рехтани он ҳеҷ гоҳ дар яке аз зарфҳо айнан К л моеъ ҳосил намудан мумкин нест. (Бо шарте ки пешакӣ дар ин зарфҳо К литрӣ моеъ рехта нашуда бошад). Дар мисоли мо К=5, ***a* =8, *b*=7, *c* =6.**

**2.** Масъала ду ҳал дорад.
Яке аз ҳалҳо оварда мешавад:
$(18,0,0) \to (7,6,5) \to (13,0,5) \to (13,5,0) \to (8,10,0) \to (3,10,5) \to$
$\to (3,11,4) \to (14,0,4) \to (14,4,0) \to (9,4,5) \to (9,9,0)$

**3.** Ҳал.
$(9,0,0) \to (1,3,5) \to\downarrow (0,5,3) \to (3,5,0) \to (3,2,3) \to (6,2,0) \to$
$\to (6,0,2) \to (1,5,2) \to (1,4,3) \to (1,4,0) \to (1,1,3) \to\downarrow (1,1,0)$

**4.** Ҳал. Бигузор бочка дар аввал А л об дошта бошад. Он гоҳ:
$(A,0,0) \to (A-9,9,0) \to (A-9,4,5) \to (A-4,4,0) \to$
$\to (A-4,0,4) \to (A-13,9,4) \to (A-13,8,5) \to (A-8,8,0)$.

**5.** $(12,0,0) \to (4,8,0) \to (4,3,5) \to (9,3,0) \to (9,0,3) \to (1,8,3) \to (1,6,5) \to (6,6,0)$

**6.** $(10,10,0,0) \to (5,10,5,0) \to (5,10,1,4) \to (9,10,1,0) \to (9,10,0,1) \to (4,10,5,1) \to$
$\to (4,10,2,4) \to (8,10,2,0) \to (8,6,2,4) \to (10,6,2,2) \to\downarrow (0,0,2,2)$

**7.** Миқдори шири стакани чойдор ба миқдори чойи он стакани ширдор баробар мешавад.

**8.** Аз се ду ҳиссаи литр.

**9.** Ба ҳалли масъалаи №8 монанд аст.

**10.** Бале. $(3,3,2) \to (5,3,0) \to (5,03,) \to (7,0,1) \to (7,1,0) \to (4,1,3) \to (4,4,0)$.

**11.** Ҷавоб. Не. Умуман, агар бо ягон тарз миқдори ҷуфти литрҳои моеъ дар се зарфи ғунҷоишҳояшон ададҳои ҷуфт рехта шуда бошад, дар натиҷаи аз як зарф ба дигараш рехтани моеъ ҳеҷ гоҳ миқдори тоқи литрҳоро ҳосил кардан мумкин нест.

**12.** Ҳал: $(18,0,0,0) \to (4,7,7,0) \to (4,7,3,4) \to (8,3,3,4) \to (12,6,0,0) \to$
$\to (5,6,7,0) \to (5,6,3,4) \to (9,6,0,3) \to (2,6,7,3) \to (2,6,6,4) \to (6,6,6,0)$

**13.** Ҳал: Аввал зарфҳои панҷлитра ва ёздаҳлитраро пур мекунем. Дар зарфи калон 8л об боқӣ мемонад. Пас аз ин 16 л оби дар ду зарф ҷамъшударо бо ёрии зарфи сездаҳлитра ба ду ҳиссаи баробар ҷудо мекунем:
$(24,0,0,0) \to (8,0,11,5) \to (8,11,0,5) \to (8,13,0,3) \to$
$\to (8,13,3,0) \to (8,8,3,5) \to (8,8,8,0)$

**14.** Ҳал: $(22,14,12) \to (8,28,12) \to (8,16,24) \to (16,16,16)$.

**Саидвалӣ САЙДАЛИЗОДА,**
**дотсенти факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои биологӣ**



# ТАЪСИРИ ИОНҲО БА ФАЪОЛНОКИИ СИСТЕМАҲОИ ОКСИДАНТӢ ВА АНТИОКСИДАНТӢ ДАР БАРГҲОИ РАСТАНИИ КАРТОШКА

Ифлосшавии муҳит бо металлҳои вазнин дар натиҷаи сӯзондани сӯзишворӣ, фаъолияти саноати кӯҳӣ, партофтани партовҳои обӣ ва пошидани нуриҳо ба хок ба амал меояд. Металлҳои вазнин ба растанӣ тавассути системаи реша аз хок ва камтар аз баргҳо дохил мешаванд. Суръати воридшавии металлҳо ба растаниҳо аз хок ба қимати pH-и маҳлули таркиби хок, миқдори моддаҳои органикии таркиби хок ва консентратсияи дигари ионҳо вобастагӣ дорад [7].

Қисми асосии растаниҳои олӣ аз металлҳои вазнин бештар зарар мебинанд, лекин бисёри растаниҳо дар узвҳои рӯйизаминӣ миқдори зиёди металлҳои вазнинро ҷамъ мекунанд. Ин растаниҳоро растаниҳои захиракунанда меноманд, ки дар ҷараёни эволютсия дар хокҳои аз нуктаи назари геохимиявӣ аномалӣ инкишоф ёфта, механизмҳои конститутивии устуворӣ ба металлҳои вазнинро ҳосил кардаанд. Чунин намуди растаниҳоро барои тозакунии биологии муҳитҳои ифлос ба таври васеъ истифода мебаранд.

Металлҳои вазнин дар бештари ҳолатҳо азхудкунии ҳам катион ва ҳам анионҳоро боз медоранд. Фурӯбарии макро ва микроэлементҳо бо сабаби рақобати металлҳои вазнин барои пайвастшавӣ ба интиқолдиҳандаҳо суст мегардад.

Сабаби дигари вайроншавии гомеостази ионӣ дар ҳуҷайраҳо тағйир ёфтани фаъолнокии ферментҳои мембранавӣ ва вайроншавии мембранаҳои ҳуҷайраҳои реша таҳти таъсири металлҳои вазнин мебошанд, ки дар натиҷа интиқоли ионҳо аз реша вайрон мегардад. Дар растаниҳои гуногун реаксия метавонад, якхела набошад. Масалан, тибқи маълумотҳо, захираи мис дар решаҳои ҷуворимакка, карам, себарга ҳангоми мавҷудияти кадмий паст мешавад, лекин дар решаҳои шолӣ зиёд ва дар решаҳои кадуву бодиринг бошад, миқдори мис бетағйир боқӣ мемонад [7].

Ҳамин тавр, қариб ҳамаи ҷараёнҳои физиологӣ дар растанӣ ба таъсири манфии металлҳои вазнин гирифторанд. Ба он нигоҳ накарда растаниҳо дар муҳитҳои металлҳои вазниндошта қобилияти инкишоф ёфтан доранд, онҳо барои инкишоф дар заминҳои металлҳои вазниндошта механизмҳои адаптативии хосро истифода мебаранд.

Таъсири омилҳои стресси абиотӣ ба растаниҳо инкишоф додани стресс-реаксияро дар бар мегиранд, ки ба вайроншавии мувозинати системаи про- ва антиоксидантии танзимкунандаи оксидшавии пероксидии липидҳо алоқаманд мебошад. Фаъолнокии антиоксидантҳо яке аз нишондиҳандаҳои устувории растаниҳо ба стрессорҳо: хушкӣ, шӯрӣ, металлҳои вазнин, ҳарорати пасту баланд ва ғайра мебошад. Омӯзиши системаҳои про ва антиоксидантии картошка, ки яке аз маҳсулоти муҳимтарини ғизоӣ мебошад, хеле муҳим аст. Вобаста ба ин мо таъсири металлҳои вазнин (микроэлментҳо)-ро ба системаи антикосидантии картошка чун нишондиҳандаи фаъолнокии физиологии ҳуҷайраи растанӣ дар шароити стресс таҳлил намудем [6].

Таъсири металлҳо ба растаниҳо, ки боздорандаи равандҳои физиологӣ ва биохимиявӣ мебошанд, яке аз масоили ҳалталаби замони

муосир ба шумор меравад. Металлҳои вазнин дар растаниҳо ба миқдори зиёд дар раванди ҳосилшавии шакли фаъоли оксиген (ШФО) иштирок мекунанд [4]. ШФО сохтори мембранаи ҳуҷайраҳо, кислотаҳои нуклеинӣ, сафедаҳо ва хлорофиллҳоро вайрон мекунад [12; 17]. Захирашавии ШФО бо вайроншавии мувозинати байни суръати ҳосилшавии ШФО ва фаъолияти системаи ҳимоявии антиоксидантӣ, ки ферментҳои супероксиддисмутаза (СОД), каталаза, пероксидаза ва сквинҷерҳо –бартарафкунандагони ШФО (аскорбатҳо, каротиноидҳо, глутатионҳо, пролин ва ғайра)-ро дар бар мегирад, оварда мерасонад.

Рӯҳ ва бор барои равандҳои физиологӣ-биохимиявии растаниҳо, хусусан, дар шароитҳои ногувори стрессӣ муҳимтарин микроэлементҳо мебошанд ва ҳамзамон, худи онҳо стрессор ба ҳисоб мераванд. Рӯҳ ва бор дар заминҳои шӯр ва оҳакдор бештар дида мешаванд ва ҳангоми пурзӯршавии стресси иқлимӣ миқдори онҳо ба маротиб зиёд мешавад. Тахмин меравад, ки миқдори намак дар таркиби хок пас аз 30 сол то ба 0,8-1% ва мутаносибан миқдори бор низ дар таркиби хок зиёд шуда, ба растаниҳои хоҷагии қишлоқ зарар мерасонад.

Нишон дода шудааст, ки растаниҳои дорои қобилияти баланди мутобиқатшавӣ ба норасоии рӯҳ, тариқи фурӯ набурдани бор ва дар решаҳо пайдо шудани асари боздории фурӯбарӣ нисбат ба ин микроэлемент устуворӣ нишон медиҳанд [13; 14]. Ошкор карда шудааст, ки рӯҳ бевосита экспрессияи генҳо ва синтези сафедаҳоро пурзӯр мекунад [10; 13]. Захрнокии бор ва механизми ҳимоявии рӯҳ дар бисёр растаниҳо, аз ҷумла, дар ҷав, гандум, помидор ва ғайра, муайян карда шудааст [4; 13]. Нишон дода шудааст, ки ҳангоми таъсири хлориди натрий ва металлҳои вазнин лактини спирилия дар решаҳои гандум ба миқдори пролин таъсири мусбат мерасонад [1; 2]. Инчунин, ҳангоми истифодаи якҷояи микроэлементҳо ва лактин бо мақсади баланд бардоштани устувории ангур ба сардӣ, чунин асари он зоҳир мегардад [3].

Ҳамзамон, омӯзиши реаксияи ҷавобии растанӣ ба стресси оксидшавӣ дар зери таъсири металлҳои вазнин то ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Ин гуна таҳқиқотҳо метавонанд, роҳҳои асосии устувории растаниҳоро ба таъсири стресс ошкор намоянд. Ҷойи махсусро дар танзими системаҳои антиоксидантӣ металллҳои дорои валентҳои тағйирёбанда, ба монанди Cu++, Co++, Zn++, Fe++ ва ғайра, ишғол мекунанд. Вобаста ба шӯршавии заминҳо, тағйирёбии глобалии иқлим ва дар алоқамандӣ бо ин омилҳо зиёдшавии бор то дараҷаи захрнокӣ, гузаронидани таҳқиқотҳо дар ин самт мубрамияти махсус пайдо мекунанд. Ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф кардани равандҳои оксидшавии дар зери таъсири бор баамалоянда, боиси гузаронидани таҳқиқоти мо дар ин самт гардид.

Рӯҳ чун муҳимтарин микроэлемент барои муътадил гузаштани равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растаниҳо зарур мебошад. Рӯҳ дар метаболизми карбогидратҳо, синтези сафедаҳо, фаъолгардии ферментҳо (чун кофактор) ва синтези фитогормонҳо (КИУ) иштирок мекунад ва консентратсияи баланди он боиси боздории функсияҳои физиологии растаниҳо мегардад [8].

**Мавод ва методҳои таҳқиқот**

Таҳқиқот дар растаниҳои Solanum tuberosum L., навъи нави ба шӯрӣ устувор - "Тоҷикистон", ки дар Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст, гузаронида шудааст. Картошкаи навъи "Тоҷикистон" ҳосили хуб дошта, ба як қатор бемориҳо, аз ҷумла, бемориҳои вирусӣ тобовар мебошад. Растанӣ-регенерантҳои навъҳои зикршудаи картошка бо усули Назарова Н.Н. [Назарова Н.Н., Алиев ва дигарон, 2015] солим гардонида шудаанд. Таҷрибаҳо бо усулҳои қабулшудаи озмоишгоҳӣ ва саҳроӣ бо истифодаи таҷҳизотҳо ва маводҳои замонавӣ гузаронида шудаанд.

**Муайян кардани пероксиди гидроген ($H_2O_2$)**

Барои муайян кардани пероксиди гидроген аз усули Wolff S. [Wolff S., 1994] истифода кардем.

**Муайян кардани фаъолнокии каталаза**

Фаъолнокии каталаза бо усули Aebi H.

[Aebi H., 1983] муайян карда шуд. Миқдори пролини озодро мувофиқи тавсияи Bates L.E. [Bates L.E., 1973] муайян кардем.

**Муайян кардани фаъолнокии аскорбатпероксидаза**

Фаъолнокии ферменти аскорбатпероксидазаро бо истифода аз усули Verma S. [Verma, S., 2003] аз рӯйи суръати таҷзияи пероксиди гидроген бо ёрии фермент бо ҳосилшавии об ва дегидроаскорбат муайян намудем.

**Муайян кардани оксидшавии пероксиди липидҳо**

Миқдори диалдегиди малониро бо усули Hodges D.M. [Hodges D.M. et all 1999] муайян намудем.

**Натиҷа ва муҳокимаи таҳқиқот**

Натиҷаи муайян кардани миқдори $H_2O_2$ дар растании картошка дар расми 1 оварда шудааст. Эҳтимол, микроэлементҳои дорои валентҳои тағйирёбанда ва фитогормонҳо на танҳо ба шурӯъшавии равандҳои маҳсулнокӣ, балки ба хуб фаъолият намудани системаҳои про ва антиоксидантӣ оварда мерасонанд.

Натиҷаҳои расми 1 аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар варианти якуми таҷрибавӣ – ҳангоми ба хок ба миқдори 30 мг/кг илова намудани бор ҳолати дар баргҳои картошка ба таври ногаҳонӣ пурзӯршавии раванди ҳосилшавии $H_2O_2$ ба амал меояд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба 5,73 мкмол/г варианти назоратӣ, ба 19,52 мкмол/г вазни тари растанӣ баробар мебошад. Ба хок илова намудани руҳ ҳосилшавии $H_2O_2$-ро то 11,05 мкмол/г ва дар ин варианти таҷрибавӣ, дар натиҷаи ба таври якҷоя ба хок илова намудани руҳ ва бор то 8,27 мкмол/г паст мегардад.




***Расми 1. – Миқдори умумии преоксиди гидроген дар баргҳои Solanum tuberosum L. таҳти таъсири ионҳои B, Zn и Zn+B.***

Муайян кардани ДАМ нишон дод, ки илова кардани бор (B) ҳосилшавӣ ва захирашавии ДАМ-ро дар баргҳои растанӣ бештар менамояд. Пас аз коркарди растаниҳо бо рӯҳ (варианти B + Zn) миқдори ДАМ то ба дараҷаи варианти назоратӣ паст мегардад (расми 2).

Миқдори зиёди $H_2O_2$ ҳосилшуда ҳангоми мавҷудияти бор боиси ҳосилшавии миқдори зиёди ДАМ мегардад, ки дар натиҷаи пурзӯршавии оксидшавии пероксидии липидҳо захира мешавад ва натиҷаҳои бадастомада низ аз ин шаҳодат медиҳанд (расми 2). Шояд ило-

ва кардани рӯҳ мембранаи ҳуҷайраи растаниро барқарор кунад, ки ин вазъ ба пастшавии назарраси миқдори ДАМ дар варианти Zn + B оварда мерасонад.




***Расми 2. – Миқдори диалдегиди малонӣ (ДАМ) дар баргҳои Solanum tuberosum L. таҳти таъсири ионҳои B, Zn ва Zn+B***

Баландшавии миқдори $H_2O_2$ ва ДАМ ба эҳтимолияти дар варианти якуми таҷрибавӣ ба амал омадани боздории фаъолнокии ферментҳои антиоксидантӣ таҳти таъсири ин микроэлемент ишора мекунад. Фаъолнокии каталаза бошад, дар зери таъсири бор якбора паст мегардад (Расми 3).

Ҳамин тавр, фаъолнокии каталаза дар варианти назоратӣ 1,95 мкмол/г-ро ташкил намуд. Пас аз коркарди растанӣ бо рӯҳ ё ин ки дар варианти Zn + B фаъолнокии каталаза то ба дараҷаи варианти назоратӣ зиёд шуд.

Фаъолнокии каталаза дар зери таъсири бор паст шуда, 1,24 мкмол/г вазни тарро ташкил мекунад. Боздории фаъолнокии каталаза ҳангоми мавҷудияти бор 36%-ро ташкил менамояд.




***Расми 3. – Фаъолнокии каталаза дар баргҳои растании картошка ҳангоми таъсири ионҳои B, Zn ва Zn + B***

Муайян кардани фаъолнокии ферменти аскорбатпероксидаза (АПО) нишон дод (расми 4), ки бор ба фаъолнокии фермент таъсири назаррасе надорад ва фаъолнокии фермент дар варианти назоратӣ 272 мкмол /г ва дар варианти таҷрибавӣ 268 мкмол/г вазни тарро ташкил дод. Ҳангоми ба муҳити кишт илова кардани рӯҳ фаъолнокии фермент нисбатан баланд мегардад.

Микроэлементи бор (B) ба фаъолнокии

ферменти АПО таъсири назаррас намерасонад (Расми 4). Микроэлементи рӯҳ бошад, фаъолнокии АПО-ро ба тарзи назаррас (то 23%) пурзӯр мегардонад.




***Расми 4. – Фаъолнокии аскорбатпероксидаза дар баргҳои растании картошка таҳти таъсири ионҳои B, Zn ва Zn + B***

Ҳамчунин, рӯҳ дар варианти таҷрибавии Zn+B боиси бартараф гардидани асари бемории микроэлементи бор (B) мегардад. Дар ин шароитҳо фаъолнокии АПО нисбат ба варианти дорои микроэлементи бор (B) хеле баланд мебошад. Ин натиҷаҳо бо маълумотҳои таҳқиқотҳои Танак “Na+/H+ - антипортер дар ҳуҷайраҳои растанӣ интиқоли Na+ -ро бо воситаи мембранаи вакуолавӣ таъмин намуда, дар ҳосилшавии устувории растанӣ ба стресси ионӣ, яъне, NaCl иштирок мекунад ва барои нигоҳдории консентратсияи оптималии он дар ҳуҷайра муҳим мебошад, мувофиқат мекунад.

Аломатҳои осеббинии картошка, ки дар натиҷаи оксидшавии бор пайдо шуда буданд, ҳангоми илова кардани рӯҳ бартараф мегарданд. Тахмин меравад, ки рӯҳ аз ҳисоби пурзӯр кардани фаъолнокии системаи ферментҳои антиоксидантии ҳуҷайра, масалан, фаъолнокии ферменти супероксиддисмутаза таъсири заҳролудкунандаи борро бартараф мекунад. Дар таҷрибаҳои мо рӯҳ фаъолнокии каталаза ва аскорбатпероксидазаро дар баргҳои растании картошка пурзӯр намуд. Ин маълумотҳоро натиҷаҳои бадастовардаи як қатор олимон тасдиқ мекунанд [4].

Таҳлили натиҷаҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дараҷаи устувории растании картошкаи навъи "Тоҷикистон" ҳадди ақал аз фаъолнокии дараҷаи баланди системаҳои антиоксидантӣ вобаста аст ва ин фаъолнокӣ бо илова кардани рӯҳ (Zn) ба муҳити кишт пурзӯртар шуда, боиси паст гардидани асари заҳролудкунандагии бор (B) мешавад.

Фаъолнокии ферментҳои системаи антиоксидантии растании картошкаи навъи "Тоҷикистон" дар шароити ногувор, ки таҳти таъсири консентратсияи баланди бор ба амал оварда шуда буд, ба устувории ин навъ нисбат ба ҳолатҳои стрессӣ ишора мекунад. Картошкаи навъи зикршуда доим ҳосили хуб дорад ва ба як қатор бемориҳо, аз ҷумла, ба бемориҳои вирусӣ устувор буда, дар тамоми минтақаҳои картошкапарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон батаври васеъ кишт карда мешавад.

Натиҷаи кори иҷрошуда имкон медиҳад, ки масоили мутобиқшавии растаниҳо ба шароитҳои стресси экологӣ амиқтар омӯхта шавад ва дар оянда растаниҳои мадание ҳосил карда шаванд, ки зери таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба шӯрие, ки боиси зиёдшавии бор дар таркиби хок мегардад, бештар мутобиқ бошанд. Дар чунин шароитҳо коркарди самтҳои дар оянда муҳими физиология ва биохимияи растаниҳо, аз ҷумла, танзими мутобиқшавии растаниҳо бо истифодаи омилҳои экзогенӣ: фитогормонҳо, танзимкунандагони инкишофи растаниҳо, микроэлементҳои дорои

валентҳои тағйирёбанда ва пурзӯркунандаи маҳсулнокӣ ва устувории растаниҳо аҳаммияти махсусро касб хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои бадастомадаи мо нақши махсуси рӯҳро дар танзими устувории растании картошка ба шароити ногувор ошкор намуд ва ин маълумотҳо метавонанд, барои ҳимоя ва устувор шудани растаниҳо дар шароити ногувори тағйирёбии иқлим нақш бозанд. Маълумотҳои бадастомада нишон доданд, ки ба хок илова кардани бор боиси оксидшавии пероксидии липидҳо гардида, дар натиҷа зиёдшавии миқдори пероксиди гидроген ($H_2O_2$)-ро дар растании картошкаи навъи "Тоҷикистон" суръат мебахшад ва илова кардани рӯҳ бошад, боиси бартараф гардидани аломатҳои заҳролудшавии дар натиҷаи таъсири бор баамаломада мегардад. Зиёдшавии миқдори ДАМ бевосита ба зарарёбии мембрана аз ҳисоби оксидшавии пероксидии липидҳо ишора мекунад. Ҳангоми ба хок илова кардани бор сатҳи диалдегиди малонӣ хеле баланд мегардад ва ин ҳолат ҳангоми коркарди растанӣ бо рӯҳ бартараф карда мешавад.

### Адабиёт:

1. Аленокина, С.А. Влияние лактинов азоспираля на содержание пролина в корнях проростков пшеницы при воздействии тяжелых металлов / С.А. Аленокина, В.Е. Никитина. // Физиология растений , - 2018. - С. 64 - 67.

2. Башмакова, Е.Б. Изменение функционального состояния глутатионовой системы у растений Mumulus guttatus DC. в ответ на совместное действия сульфатов цинка и никеля / Е.Б. Башмакова, П.П. Пашковский. - 2018. - С. 118-122.

3. Великсар, С.Г. Роль комплекса микроэлементов в реализации потенциала зимостойкости технических сортов винограда / С.Г. Великсар// Физиология растений, - 2018. – С. 185-189.

4. Гунес, А. Цинк снимает вызванный бором окислительный стресс у растений фасоли / А. Гунес, А. Инал, И.Г. Багси // Отделение почвоведения и питания растений, Агрономический факультет, Университет Анкары. - Анкара, Турция, – 2009. - № 4. - с. 555-562. - т.56.

5. Назарова, Н.Н. Биотехнология растений: культура столонов - новый способ оздоровления растений картофеля / Н.Н. Назарова, К. Алиев, А.Ф. Салимов //– Душанбе: Издательство «Дониш», – 2015. – 114 с. тир. 500.

6. Сайдализода, С.Ф. Равандҳои физиологӣ ва биохимиявии растании Solanum Tuberosum L. дар шароитҳои абиотикӣ / Сайдализода С.Ф., Қиёмзода З.С. // Монография. Душанбе: - 2022. 128 с.

7. Сайдализода, С.Ф. Экофизиологияи стресс/ Сайдализода С.Ф. // Дастури таълимӣ. Душанбе: - 2024. – 113 с.

8. Юан, К.Х. Физиологический и пропеомный анализ Alternanthera philoxeroids в условиях цинкового стресса / К.Х.Юан, Ж.К. Ши, Ж. Жао, Х. Шань, К.С. Ху // Физиология растений. - 2009. - №4. - С. 546-554. - Т.56.

9. Aebi, H. Catalase in Methods of Enzymatic Analysis / H. Aebi // ed. H.U. Bergmeyer, 3rd ed. Weinheim: Verlag. Chemie. – 1983. – P. 273 – 286.

10. Gunes, A. Effect of zinc on the Alleviation of boron toxicity in tomato / A.Gunes, Alpastan, Y. Cikili, H. Orcan // Plant. Nutr. - 1999. - V.22. - P. 1061-1068

11. Hodges, D.M. Improving the thiobarbituric acid-reactive-substances assay for estimating lipid peroxidation in plant tissues containing anthocyanin and other interfering compounds / D.M. Hodges, J.M. Delong, C.F. Forney, P.K. Prange // Planta. - 1999. - V. 207. - P. 604-611.

12. Mitter, R. Oxidative stress. Antioxidants and stress tolerance / R. Mitter // Trends plant sci. – 2002. – V.7. – P. 405 – 410.

13. Singh, J.P. Boron uptake and toxicity in relation to Zinc supply / J.P. Singh, D.J. Daniyan, R.P. Nawai // Nutr. Cyc. Aroec. – 1990. – V.24. – P. 105 – 110.

14. Torun, A. Effects of Zinc Fertilization on Grain Yield and Shoot Concentrations of Zinc, Boron, and Phosphorus of 25 Wheat Cultivars Grown on a Zinc Deficient and Boron-Toxic Soil / A. Torun, I. Gultekin, M. Kalayci, A. Yilmaz, S. Eker, I. Cakmak // J. Plant Nutr. - 2001. - V. 24. - P. 1817-1829.

15. Verma, S. Lead toxity induces lipid peroxidation and alert the activities of antioxidant enzymes in grooving rice plants / S. Verma, R.S. Dubey // Plan. Sci. - 2003. -Vol. 164. -P. 645-655.

16. Wolff, S. Ferrous ion oxidation in presence of ferric ion indicator xylenol orange for measurement of hudroperoxides / S. Wolff // Metodes enzimol. – 1994. – V.233. – P. 182 – 189.

17. Yu, Q. Micronutrient deficiency influences plant growth and activities of superoxide dismutase in narrow – leafed lupines / Q. Yu, Z. Rengel // Ann. Bot. - 1999. - V.83. - P. 175 – 182.

**Некрӯз АКБАРОВ,**
**омӯзгори технологияҳои иттилоотии мактаби №42-и ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд**



# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ОМӮЗИШИ МАФҲУМИ МОДЕЛИРОНӢ

**Моделиронӣ -** ин усули маърифати буда, аз бунёди модел ва таҳқиқи онҳо иборат аст. Ҳар як объект дорои миқдори хеле зиёди хосиятҳои гуногун мебошад. Ин объекти ба таври сунъӣ сохташуда, дар намуди схемаҳо, формулаҳои математикӣ, шаклҳои физикӣ, дастаи маълумотҳо ва алгоритми коркарди онҳо ва ғайра мебошад. Дар раванди сохтани модел хосиятҳои асосӣ, аз ҳама муҳим ҷудо карда мешаванд.

**Мақсади таълими моделиронӣ**

Омӯзиши моделиронӣ бояд донишҳои асосиро дар бораи назарияи моделсозӣ, масолеҳ, технологияҳои сохтмон ва барномаҳои компютерӣ фаро гирад. Инкишофи малакаҳои амалӣ: хонандагон бояд малакаҳои кории амалиро бо асбобҳо ва масолеҳ, инчунин, қобилияти истифодаи барномаҳои компютериро барои сохтани моделҳо омӯзанд. Омӯзиши моделиронӣ ба рушди тафаккури фазоӣ, тасаввуроти эҷодӣ, ҳалли мушкилот ва қобилияти кори дастаҷамъона мусоидат мекунад. Омӯзиши моделиронӣ метавонад заминаи хубе барои интихоби касб дар соҳаҳои муҳандисӣ, меъморӣ, тарроҳӣ ва ғайра, бошад.

**Принсипҳои методикаи таълим**

Омӯзиши моделиронӣ бояд фаъол бошад, ки дар он хонандагон на танҳо ба назария гӯш медиҳанд, балки дар раванди сохтани моделҳо фаъолона ширкат мекунанд. Омӯзиш бояд аз содатарин моделҳо оғоз шуда, тадриҷан ба моделҳои мураккаб гузарад. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки тадриҷан дониш ва малакаҳои худро инкишоф диҳанд. Истифодаи моделҳои омода, расмҳо, видеоҳо ва дигар воситаҳои визуалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки назарияро беҳтар дарк кунанд.

**Истифодаи технологияҳои муосир**

Барномаҳои компютерии моделсозӣ, принтерҳои 3D ва дигар технологияҳои муосир ба омӯзиш ҷолибияти бештар мебахшанд ва имкониятҳои навро фароҳам меоранд.

**Супориши амалӣ**

Супориши амалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дониши худро дар амал татбиқ намоянд, малакаҳои худро инкишоф диҳанд ва масъулияти худро барои натиҷаи кор эҳсос кунанд.  Кор дар гурӯҳҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки малакаҳои ҳамкорӣ, муоширати ва ҳалли мушкилотро инкишоф диҳанд.

**Равиши дарс**

Ҳар як хонанда дорои хусусиятҳои хоси худ аст. Омӯзгор бояд ба сатҳи дониш, манфиатҳо ва талаботи ҳар як хонанда таваҷҷуҳ зоҳир намояд ва усулҳои таълимро мувофиқи интизориҳо ва дониши онҳо мутобиқ созад.

**Усулҳои таълим**

**Баёни мавзуъ:** омӯзгори фаннӣ мавзуи навро баён мекунад ва ба хонандагон барои ба пурраагӣ мавзӯи навро қабул кардан мисолҳо меорад.

**Намоиш:** Омӯзгор раванди сохтани моделро нишон медиҳад.

**Корҳои амалӣ:** Хонандагон бо роҳбарии омӯзгор моделҳо месозанд.

**Лоиҳаҳо:** Хонандагон баъди супориши амалиро ба иҷро расонидан, бояд дар гурӯҳҳо лоиҳаҳои мураккабтарро таҳия ва амалӣ кунанд.

**Саволҳо ва муҳокимаҳо:** Омӯзгор ба хонандагон саволҳо медиҳад ва муҳокимаҳо мегузаронад, то дарки мавзуъро тафтиш намояд.

**Натиҷагирӣ:** яке аз равишҳои тарзи гузариши дарс бо методи салоҳиятнок ин натиҷа-

гирӣ мебошад, ки барои кори омӯзгор хеле шарт, зарур ва муфид мебошад.

Омӯзиши моделиронӣ метавонад ба хонандагон имкониятҳои васеъро фароҳам оварад, аз ҷумла, ташаккули донишҳои асосӣ, инкишофи малакаҳои амалӣ, рушди тафаккури фазоӣ ва мантиқӣ, инчунин, омодагӣ ба фаъолияти касбӣ. Методикаи самараноки таълим бояд фаъол, ҷолиб, мутобиқшаванда ва ба талаботи хонандагон мувофиқ бошад. Бо истифодаи усулҳои гуногун ва воситаҳои таълими муосир, омӯзгор метавонад раванди таълимро самаранок ва ҷолибтар созад.

Модели назарӣ бояд мантиқан ба фактҳои ҷойдошта мувофиқат кунад. Дар ҳақиқат, ҳар гуна илм ин модели назарии қисми муайяни олами воқеӣ ба ҳисоб меравад. Аксар вақт дар ҷараёни идрок объекти реалӣ О-ро бо дигар объекти идеалӣ, хаёлӣ ва ё материалии М, ки хусусиятҳои муҳимми объекти О-ро дар бар мегирад, иваз мекунанд ва онро модел ном мебаранд. Минбаъд бо модел таҷриба мегузаронанд, яъне, ба он бо ҳар гуна қувваҳо таъсир мерасонанд, параметрҳои онро тағйир медиҳанд ва чӣ тавр иваз шудани ҳолати онро ошкор месозанд. Дар мавриди мусбат анҷом ёфтани натиҷаи таҷриба бо объекти М онро ба объекти О интиқол медиҳанд. Ҳамин тарик, модел-ин объекти материалӣ ва ё идеалӣ буда, тасвири содакардашудаи объекти реалӣ, ягон раванд ва ё ҳодиса ба шумор меравад.

**Мақсадҳои асосии моделиронӣ инҳоанд:**

**► дарк намудани моҳияти объекти таҳқиқшаванда;**

**► омӯхтани идоракунии объект ва муайян сохтани тарзи беҳтарини идоракунӣ;**

**► пешгӯии оқибатҳои система дар шароити нав дар зери таъсири омилҳои беруна;**

**► ҳалли масъалаҳои амалӣ, оптимизатсияи фаъолияти системаи таҳқиқшаванда.**

**Намудҳои гуногуни моделҳо**

Моделҳои мавҷудбуда бениҳоят гуногунранганд. Таҳлили системавӣ талаб менамояд, то онҳоро тасниф ва ба системаи муайян ворид кунем.






**Намунаи 1. Моделиронии ададӣ.**

Сохтани модели компютерии бо тарзи аналитикӣ ва графикӣ ҷудокунии решаи муодилаҳои алгебравӣ ва транстсендентӣ.

Дар амалия аксар вақт бо муодилаҳое дучор мешавем, ки онҳоро бо тарзи муқаррарӣ ҳал кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, усулҳои ёфтани ҳалли тақрибии муодилаҳо ва баҳодиҳии саҳеҳнокии онҳо мавқеи хосро ишғол мекунанд. Пеш аз он ки модели компютерии тарзи ҷудокунии решаи муодилаҳоро тартиб диҳем, моро лозим аст, ки сараввал модели математикии онро омӯзем.

Бигузор, муодилаи зерин дода шуда бошад f (x) = 0, (1), ки дар ин ҷо f (x) функсияи дар ягон интервали маҳдуд ва ё номаҳдуди a<x<b муайян ва бефосила аст. Ҳар гуна қимати x= c, ки дар он қимати функсия ба сифр баробар мегардад f (c) = 0, решаи муодилаи (1) ва ё нули функсияи f (x) номида мешавад. Барои ёфтани решаи ҳақиқии муодилаи (1) ду қадами зеринро иҷро намудан лозим аст:

1). Ҷудо намудани решаҳои муодила, яъне, чунин соҳаи хурди порча [a,b]-ро ёфтан лозим аст, ки дар он якто решаи муодила мавҷуд бошад.

2). Ёфтани реша бо саҳеҳии додашуда.

Барои иҷрои қадами якум ду тарзи ҷудокунии решаҳои муодилаҳо мавҷуд мебошад: аналитикӣ ва графикӣ. Теоремаи зеринро дида мебароем.

**Теорема.** Агар функсияи бефосилаи f (x) дар охирҳои порчаи [a,b] аломатҳои гуногунро қабул кунад, яъне, нобаробарии f (a).f (b) < 0 ҷой дошта бошад, он гоҳ дар дохили ин порча ақаллан якто ҳалли муодилаи f (x) = 0 мавҷуд аст. Илова бар ин, агар ҳосилаи тартиби якуми ин функсия дар дохили порча аломаташро иваз накунад, он гоҳ ин ҳал ягона мебошад.

Раванди ҷудокунии решаҳо аз муайян кардани аломати қимати функсияи f (x) дар нуктаҳои сарҳадии x=a, x=b-и соҳаи мавҷудияти он оғоз мегардад. Сипас, аломати қимати функсияро дар як қатор нуктаҳои мобайнии порча , ,... 1, 2 x = a ҳисоб мекунем, ки интихобе кадоме хос ба функсияи

f (x) мебошад.

Акнун раванди сохтани барномаи компютерии ҷудокунии реша ва то саҳеҳии додашуда аниқ ёфтани онро дида мебароем:

```
Imports System.Math
Public Class Form1
Dim f() As Single
Dim p(10) As Single, m As Byte
```

```
Private Sub Button1_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim i, n As Integer
Dim a, b As Integer, h, x As Single
a = InputBox("a=") : Label2.Text = "a=" & a
b = InputBox("b=") : Label3.Text = "b=" & b
h = InputBox("h=") : Label4.Text = "h=" & h
n = (b - a) / h + 1
ReDim f(n)
i = 0 : ListBox1.Items.Clear()
For x = a To b Step h
i = i + 1
f(i) = Round(5 ^ x - 6 * x - 3, 3)
ListBox1.Items.Add(i & ") x=" & x & Space(5) & "f(x)= " & f(i))
Next x
For i = 1 To n - 1
If f(i) * f(i + 1) < 0 Then
m = m + 2
p(m - 1) = a + (i - 1) * h
p(m) = a + (i) * h
ListBox2.Items.Add(p(m - 1) & " " & p(m))
End If
Next
End Sub
Private Sub Button2_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button2.Click
End
End Sub
Function rewa(p1 As Single, p2 As Single) As Single
Dim e, c As Single
e = InputBox("То сахехии e=") : Label5.Text = "e=" & e
Do
c = (p1 + p2) / 2
If (5 ^ p1 - 6 * p1 - 3) * (5 ^ c - 6 * c - 3) < 0 Then p2 = c Else p1 = c
Loop While p2 - p1 > e
rewa = c
End Function
Private Sub Button3_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button3.Click
ListBox2.Items.Add(rewa(p(1), p(2)))
ListBox2.Items.Add(rewa(p(3), p(4)))
End Sub
End Class
```






**Асадулло НУРИЛЛОЕВ,**
**омӯзгори химияи мактаби №57-и шаҳри Истаравшан,**
**Бобоҷон ҲАЙДАРОВ,**
**омӯзгори химияи мактаби №45-и ноҳияи Айнӣ, вилояти Суғд**

# ИСТИФОДАИ ЧИСТОНҲО ДАР ДАРСҲОИ ХИМИЯ

Чистон мафҳуме мебошад, ки дар он фикру матлабе пинҳон аст. Дар чистон хусусияту аломатҳои гуногуну рангоранги ашёҳо, ҳодисаҳо, унсурҳои химиявӣ, ҳодисаҳоро дар шакли маҷозӣ тасвир кардан мумкин аст. Истифодаи чистон дар дарси химия шавқу ҳавас ва фаҳмиши хонандагонро афзун гардонида, ҷаҳонбинии онҳоро фарох мегардонад. Омӯзгорон дар раванди таълими химия вобаста ба мавзуъҳои гуногун аз чистонҳо бомақсад ва самарабахш истифода карда метавонанд.

Мо вобаста ба мавзуъҳои гуногуни илми химия чистонҳои химиявиро манзур менамоем, ки дар рафти дарсҳо, шабнишиниҳо, мусобиқаҳо истифода бурдани онҳо чорабиниҳо рангорангу шавқовар мегардонанд.

Элементи заҳрнок аст,
Ҳам беҳад хавфнок аст.
Аз дасти оксиди он,
Ҳама мушҳо ҳалок аст.

**Ҷавоб: Оксиди арсен - $As_2O_3$**

Маънои он “ишқор” аст,
Унсури нотакрор аст.
Он филизи ишқорӣ,
Ба дил хеле даркор аст.

**Ҷавоб: Калий - K**

Он унсури ҳаёт аст,
Фоидааш зиёд аст.
Агар ки вай набошад,
Дунё ҳам нообод аст.

**Ҷавоб: Гелий - He**

Маънои унсур “нур” аст,
Вай сафеду булур аст.
Бахри бемории пӯст,
Бовар кунед, зарур аст.

**Ҷавоб: Радий Ra**

Маънои унсур “моҳ” аст,
Рангаш каме сиёҳ аст.
Ҳар асбоби оптикӣ,
Бе ӯ ҳолаш табоҳ аст.

**Ҷавоб: Селен Se**

Ӯ “зарди сабзмонанд” аст,
Бар ҳама кас писанд аст.
Обро кунад безарар,
Мардум аз он хурсанд аст.

**Ҷавоб: Хлор - CI**

Ӯ “оксиди ҳаёт” аст,
Дунё зи ӯ обод аст.
Бар ҳамаи махлуқот,
Фоидааш зиёд аст.

**Ҷавоб: Об - $H_2O$**

Дар мағозаҳо бисёр,
Таркибаш дорад хлор.
Ҳамаи кадбонувон,
Бо ӯ доранд сару кор.

**Ҷавоб: Намак - NaCI**

Маънояш “нофаъол” аст,
Оксидшавиаш нол аст.
Барои филизсозӣ,
Унсури безавол аст.

**Ҷавоб: Аргон - Ar**

Унсур маънояш “санг” аст,
Сабуки сафедранг аст.
Касе онро надонад,
Бовар кунед, гаранг аст.

**Ҷавоб: Литий - Li**

Маънояш унсур “ранг” аст,
Сохташ хокистарранг аст.
Металли нофаъол аст,
Касе наёфт, гаранг аст.

**Ҷавоб: Хром - Cr**

“Бӯйи ширинтоб” дорад,
Ҳалшавӣ дар об дорад.
Касе онро бӯй кашад,
Хандида пас хоб дорад.

**Ҷавоб: Оксиди нитроген - $N_2$**

**Аслиддин Насрудинзода,**
**унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ШАКЛҲОИ ГУНОГУНИ ТАЪЛИМ ВА ВУСЪАТ БАХШИДАНИ САТҲИ ҶАҲОНБИНИЮ МАЪРИФАТИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ




Бояд зикр кард, ки гуногунии шаклҳои таълими забони англисӣ яке аз намудҳои фаъолияти омӯзгор мебошанд ва ин раванд аз педагог эҷодкорона муносибат карданро тақозо дорад. Вобаста ба ҳар мавзуи дарсҳои забони англисӣ шаклҳои гузаронидани он ҳам тағйир меёбанд. Шаклҳои таълимии раванди машғулиятҳои забони англисӣ мухталиф мебошанд ва дар ин навишта мо чанде аз онҳоро номбар намуда, шарҳ медиҳем.

## МАСТЕР-КЛАСС

Мастер-класс як омӯзиши кӯтоҳмуддат оид ба мавзуи пешниҳодгардида мебошад. Чунин дарсҳо метавонанд, дар мавзуъҳои гуногун баргузор карда шаванд. Дар чунин дарсҳо вакт ва чой ба эътибор гирифта намешавад. Дар оғози дарсҳои мастер-класс маълумоти ҷолиб ва мувофиқ оид ба мавзуъ ба хонандагон пешниҳод мегардад. Дар мастер-классҳо педагог метавонад аз аксҳо, видеоҳо ва ашёи аёнӣ истифода барад. Дарсҳои мастер-класс аз дигар

шаклҳои таълим бо ҳамкории мутақобилаи хонандагон ва омӯзгор, ҷалби фаъолонаи ҳарду ҷониб, муносибатҳои инфиродии хонандагон, ғояҳои ҷолиб ва имкони баёни андешаҳо фарқ мекунад.

## КЕЙС-ТЕХНОЛОГИЯ

Кейс-технология омӯзиш, дарк, таҳлил ва ҳалли мушкилот ё ҳолатҳои мушаххасро дар бар мегирад. Ин шакли фаъолияти педагогии муосир, то андозае дар шароити кунунии муассисаҳои таълимӣ маъмул нест. Тавассути шакли таълимии кейс-технология як қисми ҳаёти воқеӣ ба раванди машғулияти англисӣ ворид карда мешавад, ки хонандагони синфҳои болоӣ бояд онро муҳокима карда, ҳалли асосноки масъаларо пешниҳод кунанд. Истифодаи технологияи кейс дар дарсҳои забони англисӣ  ду ҳадафи иловагиро дорад:

**- такмили салоҳияти коммуникатсионии хонандагон;**

**- салоҳияти забонӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ.**

## САВОЛУ ҶАВОБ ВА БАҲОГУЗОРӢ

Дар мактабҳои муосир айни замон низоми баҳогузории панҷбала арзи ҳастӣ дорад. Ҳангоми баҳогузорӣ ба хонандагон дар раванди дарсҳои забони англисӣ  ба эътибор гирифтани андешаи дигарон нисбат ба баҳои мувофиқ ба шахси мушаххас муҳим арзёбӣ мегардад. Ва худи арзёбии одии шифоҳӣ аксар вақт барои хонанда арзишманд ва муҳим мебошад, зеро фикри омӯзгор ё ҳамсинфон нисбат ба баҳои додашуда дар гурӯҳ муҳокима карда мешавад, ки ин маромнокии дигар хонандагонро бедор мекунад. Саволу ҷавоб кардани хонандагон дар дарсҳои забони англисӣ ду намуд мешавад: инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

Саволу ҷавоб кардан бо як хонанда ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дар бораи дараҷаи азхудкунии мавзуи дарс, сатҳи ҷаҳонбинӣ, нутқи бурро ва тафаккури ӯ маълумоти мушаххас ба даст орад. Аммо, ин раванд норасоии назаррас низ дорад. Яъне, дар ҷараёни саволу ҷавоби инфиродӣ дигар хонандагон ба машғулият фаро гирифта намешаванд. Дар давоми дарс танҳо як хонанда ба саволи омӯзгор ҷавоби инфиродӣ медиҳад ва боқимонда камфаъол мемонанд. Аз ин рӯ, омӯзгорро мебояд, шакли машғулиятро каме тағйир дода, саволе пешниҳод намояд, ки ҳамаи хонандагонро фаъол гардонад. Дар чунин ҳолат хонандагон метавонанд, ба саволи омӯзгор дар радифи ҷавоби ҳамсинфон тарзи дурусти ҷавоби худро пешниҳод кунанд ё хатоҳои ҳангоми ҷавоб додан ба саволи пешниҳодгардида аз ҷониби ҳамсинфашон содиршударо ислоҳ кунанд. Чунин шакли фаъолияти педагогӣ хонандагонро машғули дарс намуда, шавқу рағбатро ба дарсхонӣ ва ҷанбаҳои маърифатӣ, ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги муоширати онҳоро ташаккул медиҳад.

## ҲУҶУМИ ЗЕҲНӢ

Шакли таълимии ҳуҷуми зеҳнӣ яке аз намудҳои оҷилонаи ҳалли масъалаи муайян буда, ба ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии хонандагон асос ёфтааст. Ҳадафи асосии ҳуҷуми зеҳнӣ рушди тафаккури эҷодӣ, тахайюлӣ ва инфиродии хонандагон мебошад. Ҳангоми ҳуҷуми зеҳнӣ аз ҷониби омӯзгор хонандагон ҳама гуна тарзҳои ҳалли масъаларо пешниҳод мекунанд ва аз онҳо танҳо ҳамон ғояе интихоб мегардад, ки дар амал истифода мешавад. Чунин шакли таълимӣ дар муддати 1 то 5 дақиқа идома меёбад.

Тибқи андешаи муҳаққиқон С.С. Конторусова, А.М. Устинов, Т.Д. Тарасов ва Б.И. Степанов ҳуҷуми зеҳнӣ ба қонуниятҳои психологию педагогии фаъолияти коллектив асос ёфтааст. Ҳуҷуми зеҳнӣ василаи бартараф кардани монеаҳои фикрӣ мебошад. Ба истилоҳ ҳуҷуми зеҳнӣ мубоҳисаест, ки барои озод баён кардани андеша ва нишон додани неруи эҷодии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунад. Ба воситаи он ва тавассути ворид кардани шахсон ба муошировати интерактивӣ роҳҳои ҳалли мушкилоти мушаххас ошкор карда мешавад.

Ҳуҷумҳои зеҳнӣ бо истифода аз бозиҳои дидактикӣ дар раванди дарсҳои забони ан-

глисӣ ҷараёни дарсро тақвияти дучанд мебахшанд. Масалан: Ба хонандагони синфҳои болоӣ зарбулмасалҳо бо забони англисӣ пешниҳод намуда, талаб мекунем, ки ба мавзуи дарс мувофиқ ва ҳамзамон, зарбулмасалҳои ба онҳо монандро ёбанд:

1. Actions speak louder than words – Парандаро бо парвозаш баҳо диҳанд, одамро ба кораш.
2. A friend in need is a friend indeed – Дӯсти ҳақиқӣ дар сафар шинохта мешавад.
3. All's well that ends well –Ҳама кор хуб аст, агар ба хубӣ анҷом ёбад.
4. Ask no questions and you'll be told no lies – Аз сухани беҷо хомӯшӣ беҳтар аст.
5. Better late than never – Дер ояду шер ояд.
6. Haifa loaf is better than no bread – Аз оғили холӣ гови шохзан беҳтар аст.
7. Like mother, like daughter – Себ дар таги дарахти зардолу намеафтад.
8. Bad news travels fast – Мусибат пойи дароз дорад.
9. No smoke without fire – Дуд бе оташ намешавад.

## ҲАРАКАТИ БЕТАРТИБОНА

Чунин шакли таълим ҳаракати хонандагонро дар тамоми синф бо мақсади ҷамъоварии маълумот ва ҷавоби мушаххас ба саволи пешниҳодгардида дар бар мегирад. Дар ин шакли таълим омӯзгор метавонад, саволро ба таври хаттӣ пешниҳоди хонандагон гардонад ва онҳо барои пайдо кардани ҷавоби мувофиқ ба назди ҳамдигар, мисли «ҳаракати бетартибона» раванд.

Хонандагон, ки озодии комил дар синфро доранд, бо ҳамсинфон муколама ва мубоҳисаҳои хурд ташкил намуда, кӯшиш мекунанд, ки барои саволи пешниҳодгардидаи омӯзгор ҳарчи бештар маълумоти мукаммалро ба даст оранд. Чунин шакли таълим барои фаъол гардонидани хонандагони синфҳои болоӣ шароит муҳайё карда, ба равандҳои маърифатӣ мусоидат ва ба бартараф кардани ҳисси хиҷолати онҳо замина гузошта, боварӣ ва ҷуръатро ба худ ташаккул медиҳад. Яъне, дар хонандагон ҳисси боварӣ ба худ, эътимод пайдо кардан ба рафиқон ва риштаи дӯстиро тақвият мебахшад.

Муҳаққиқ А.Г. Сухарев дар ин бора чунин андеша дорад, ки ҳаракати фаъол ба беҳтар шудани фаъолияти системаҳои асосии физиологии бадан, аз ҷумла, асаб, дилу рагҳо ва нафаскашӣ мусоидат карда, инкишофи ҷисмонӣ ва мотории дасту панҷаҳоро тақвият мебахшад.

## БА ГУРӮҲҲОИ ХУРД ҶУДО КАРДАНИ СИНФ

Чунин шакли фаъолияти педагогӣ қобилияти таълимии хонандагонро баланд бардошта, барои фаъолноккунии онҳо шароит фароҳам меорад. Дар ин шакли фаъолият омӯзгор хонандагони як синфро ба ду ва зиёда гурӯҳҳо тақсим карда, раванди машғулияти забони англисиро дар асоси саволу ҷавоб ба роҳ мемонад. Самаранокии ин шакли фаъолият аз омӯзгори ботаҷриба ва сатҳи касбияти баланддошта вобастагии калон дорад. Чунки дар гурӯҳ ҳастанд, хонандагоне, ки фаъолияти таълимиашон суст ва камфаъол мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзгорро мебояд дар бароҳмонии чунин шакли таълим-гурӯҳҳоро тавре тақсим намояд, ки дар байни онҳо ҳам хонандагони фаъол ва ҳам хонандагони камфаъол ва сустхон шомил бошанд.

Ҳангоми якҷо фаъолият кардани хонандагон дар гурӯҳ онҳо кор кардани маълумотро бомуваффақият меомӯзанд. Аз ин лиҳоз, барои самаранок кор кардани гурӯҳҳои таълимӣ аз хонандагони дорои қобилиятдошта истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки тавассути восита, шакл ва усулҳои муосири таълимӣ дар раванди ташкили дарсҳои забони англисӣ сатҳи ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги муошırати хонандагони синфҳои болоӣ баланд гардида, фаъолияти муштараки эҷодӣ, ёрии байниҳамӣ, муносибатҳои дӯстию ҳамфикрӣ, нисбат ба ҳамдигар ҳисси эҳтиром ва самимият дар онҳо пайдо мегарданд.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**рӯзноманигор**



# СУЛАЙМОН АБДУҚАҲҲОР: ОМӮЗГОР РИСОЛАТИ БУЗУРГИ ИҶТИМОӢ ДОРАД

***Суҳбат бо Сулаймон Абдуқаҳҳор - ғолиби Озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2023», омӯзгори физика ва астрономияи Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб***




**- Ба назари шумо пешаи омӯзгорӣ кай ва чӣ гуна пайдо шудааст?**

- Аз замоне, ки инсон дар рӯи Замин арзи ҳастӣ кард, барои таълиму тарбия ва вусъати ҷаҳонбиниаш шахсе лозим буд ва он кас маҳз омӯзгор ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки пайдоиши ин касб аз замони ҳастии башарият сарчашма мегирад.

**- Омӯзгор кист?**

- Омӯзгор дар ҳама давру замон барои ҳар як инсон сарчашмаи беминнати илму дониш, ақлу заковат ба ҳисоб меравад. Омӯзгор барои мо куллаи нурест, ки тамоми самтҳои пешравии касбу кори олам аз он равшанӣ маншаъ мегиранд. Муаллим, омӯзгор, устод - ин вожаҳое мебошанд, ки барои фарзанди инсон ошноию муқаддас буда, тахти ин калимаҳои арзишманд омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб таҷассум меёбад. Муаллим шахси барумандест, ки аз кӯдакӣ инсонро илму адаб омӯхта, ӯро ба воя мерасонад.

Мо набояд фаромӯш созем, ки сарманшаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, пешрафти давлатҳову кишварҳои олам аз заҳматҳои омӯзгорон вобастагии зиёд дорад. Аз оғози пайдоиши олам то имрӯз омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, тифли инсонро тарбия менамоянд, илм меомӯзонанд, то ки дар зиндагии пур аз шебу фароз роҳи дурусти хешро пайдо намоянд. Бузургон гуфтаанд: "**Муаллим муҳандиси руҳи инсон аст"**. Омӯзгор касест, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навоварист. Донистану аз худ кардани навоварию ҷамъи рафтору гуфтори неку шоиста ба осонӣ муяссар намешавад. Корест басо мушкил аз тифле, ки аз олами маънӣ хабаре надорад, инсони комиле сохтан. Омӯзгор шахси раҳнамову раҳкушо ва ҳидоятгари инсонҳост. Аз ин лиҳоз, саромади илми педагогика Ян Амос Каменский ба касби ифтихорманди омӯзгорӣ баҳои арзанда дода, чунин гуфтааст: **«Ба муаллимон вазифаи беҳтарине супорида шудааст, ки болотар аз он дар зери хуршед чизе буда наметавонад»**.

**- Аз чӣ хотир пешаи омӯзгориро интихоб намудед?**

- Аслан, муҳаббати рӯзафзун ба физика боис шуд, ки ман омӯзгор шавам. Дар давраи мактабхонӣ бо омӯзгори физика зиёд кор мекардем ва ба озмуну олимпиадаҳо омодагӣ мегирифтем. Дар олимпиадаҳои зиёде ширкат карда, ҳамеша бо дастовардҳо бармегаштам. Ин боис шуд, ки дар муассисаи таълимӣ миёни омӯзгорону хонандагон эҳтиром пайдо кунам. Мактабро бо баҳои аъло хатм карда, тибқи Квотаи Президентӣ ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси физика ва матема-

тика шомил шудам. Соли 2015 дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҷойи намоёнро ишғол намудам. Ҳар куҷое будам, аз физика ҳарф мезадаму онро муаррифӣ мекардам. Яъне, фикру зикру руҳу равонам банди олами физика буд.

**- Лаҳзаҳое буданд, ки мехостед, касби худро тарк кунед? Агар ҳа, чӣ шуморо бозмедошт?**

- Чун дар боло зикр кардам, маҳз бо завқу хоҳиши худ ин касбро интихоб карда будам, аз ин рӯ, барои рафъи душвориҳо дар ин ҷода пайваста роҳи ҳал меҷустам, вале боз вақт довари ҳамаи амалҳои мо хоҳад буд. Албатта, баъзе мавридҳо руҳдоду корҳое ҳастанд, ки инсонро маҳзуну дилгир мекунанд. Вале омилҳое ҳастанд, ки ҳама вақт маро дар роҳи интихобнамудаам устувор нигаҳ медоранд! Ин ҳамон ранҷу азоб ва машаққате, ки дар айёми донишҷӯӣ барои илмомӯзӣ ва соҳибкасб шуданам кашидаам ва илова бар ин, меҳри беканор ба касби дӯстдоштаам ҳамеша барои идомаи корам маро дилгарм мекунад. Имрӯзҳо барои беҳтар кардани фаъолиятам тамоми роҳҳоро андешида истодаам, то омӯзгори содиқ ба касби худ бошам.

**- Кадом сифатҳо барои як омӯзгори муваффақ муҳим арзёбӣ мешаванд?**

- Аз нигоҳи ман, ҳамчун як омӯзгори ҷавон, пешаи омӯзгорӣ саропо муҳаббат, адолат, садоқат, некию накукорӣ буда, аз омӯзгор ҷустуҷӯву такмилу худомӯзии пайвастаро талаб мекунад. Ҳар касе, ки ба касби омӯзгорӣ шавқ дорад ва онро сидқан дӯст медораду барои такмили донишу маҳораташ ҳамеша пайи омӯзиш аст, метавонад омӯзгори муваффақ бошад. Яъне, пеш аз ҳама, омӯзгор бояд бомуҳаббат дарс гӯяду бо шогирдон ва волидони онҳо муносибати хуб дошта бошад. Дар ҳаёт ва пешаи омӯзгорӣ худомӯзии бардавом нақши калидӣ дорад. Ӯ, новобаста ба оне, ки донандаи хуби фанни худ мебошад, бояд ҳамеша пайи омӯзиш, такмили донишу маҳорат ва маълумотнокӣ бошад, зеро наврасони имрӯз дониши хубу ҷаҳонбинии васеъ доранд. Барои омӯзгори муваффақ шудан, аввал худро фидои касби худ бояд кард.

**- Бо пайдоишу дастрасии оммавии интернет вазифаву рисолати омӯзгор бештар шуд ё баръакс?**

- Солҳои охир рушди босуръати илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки фаъолияти касбиашро ба талаботи замони нав мутобиқ намояд. Дар замони имрӯза омӯзгоре, ки дониши номукаммал дорад, хонандагонро қонеъ гардонида наметавонад. Ҳамчунин, бинобар вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз ҷавонон имкони зиёди дастрас намудани маълумот, дониш ва ақоиди гуногунро аз воситаҳои ахбори омма ва интернет доранд, ки ба ҷаҳонбинии онҳо бетаъсир намемонанд. Дар раванди бархурди тамаддунҳо, афкори гуногуни мазҳабию динӣ, экстремистию террористӣ донистани асрори илмҳои дақиқ ва табиатшиносию риёзӣ дар фаҳмиши фикрии дуруст, тафаккуру андешаи солим ва самаранок истифода бурдани технологияи муосир омили муҳим ба ҳисоб меравад. Воқеан, ин ҳолат омӯзгорро водор месозад, ки фаъолияти шогирдонро ба инобат гирифта, барои рушди тафаккури онҳо аз усулҳои муосир ва гуногуни таълим истифода барад.

**- Сарвари давлат дар Паёмҳояшон ба масъалаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои пешрафти соҳа иқдому ташаббусҳои шоиста анҷом медиҳанд...**

- Бале, дуруст қайд кардед, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои ба арсаи сиёсат қадам гузоштанашон соҳаи маорифро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатдории хеш қарор дода, аҳли маорифро дастгириҳои беназир намуданд. Хусусан, ғамхориҳои Президенти мамлакат нисбат ба ҷавонон ҳамто надорад ва натиҷаи ҳамин дастгириҳост, ки насли ояндасози Ватан дар озмунҳои дохилию байналмилалӣ ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд. Таъсиси Квотаи Президентӣ низ намунаи волои таваҷҷуҳи Сарвари кишварамон нисбат ба ояндаи ҷавонон мебошад. Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ба қадри дастгириҳои бемисли Пешвои маҳбубамон расем ва атрофи ин марди таърихсозу таърихофар муттаҳид шуда, барои ободонии Ватани азизамон талош намоем ва дар таълиму тарбияи насли наврас ҳиссаи арзандаи хешро гузорем.

**- Ба омӯзгорони ҷавон чӣ тавсияҳо доред?**

- Омӯзгорони ҷавон бояд дорои иродаи қавӣ, донишомӯзу донишдӯст, созандаву бунёдкор бошанд. Ҳамеша омӯзанд, донишу ҷаҳонбинии худро вусъат бахшанд ва дар таълиму тарбияи насли наврас саҳмгузор бошанд.

**- Ташаккур барои як суҳбати самимӣ.**

**Таҳияи Саъдӣ ҚОСИМӢ,**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор**



# САДА – ҶАШНИ ФИРӮЗ ВА НИЁИ НОМДОР




***Биҳиштам биёмад зи оташкада,***
***Чу наздик шуд, рӯзгори Сада.***
***Абулқосим Фирдавсӣ***

## Нигоҳе ба вожаи “Сада”

Дар бораи вожа ё истилоҳи “Сада” назарҳои гуногун мавҷуд бошад ҳам, онҳо ба ҳамдигар умумият дошта, бостонӣ будани ин ҷашнро тасдиқ менамоянд, масалан:

1) Машҳуртарин тафсири мардумии он - “Сада аз шумораи сад (100) гирифта шудааст ва он иборат аз 50 шабу 50 рӯз будани замони расидани Наврӯзро ифода мекунад”;

2) Ардашери Озаргушасп (“Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён”) - “Сада аз вожаи 100 омадааст ва ҳамон тавр ки ҳафта ба маънои 7 рӯз ва чилла ба маънои 40 рӯз ва даҳа ба маънои 10 рӯз ... ва панҷа ба маънои 5 рӯз аст ва ҳамчунин ангуштони дасту пойро панҷа мегӯянд ва ҳазора ба маънои ҳазор сол аст, Сада ҳам ба маънои 100 рӯз мебошад”;

3) Ҳошими Разӣ (“Ҷашнҳои оташ ва Меҳргон”) - “Сада вожаи форсист. Дар паҳлавӣ бояд ба ин шаклҳо: “сат”, “сатаг”, “садҳаг”, “садҳ” ва “сата” буда бошад. Дар арабӣ ба сурати “сазақ” ё “садақ” китобат ва талаффуз мешавад. Дар форсии миёнаю форсии бостон ва Авесто ба ҳар ҳол вожаи “сата” ба маънии “сад”, адади 100 мебошад, чунки дар форсӣ низ “сада” ба маънии “сад сол” дар баробари қарн (ё аср - Қ.С.А. ва З.С.З.) ба кор меравад”;

4) Луғатномаи Деҳхудо - “Сада, аз “сад+а” буда, луғатан, ба маънии мансуб ба шумораи 100 аст...;

5) Абурайҳони Берунӣ дар “Осор-ул-боқия” - “Сада гӯянд, яъне, сад ва он ёдгори Ардашери Бобакон аст ва дар иллату сабаби ин ҷашн гуфтаанд, ки ҳар гоҳ рӯзҳо ва шабҳоро ҷудогона бишуморанд, миёни он ва охири сол сад ба даст меояд”;

6) Инчунин, номи ин ҷашнро ба Каюмарс пайванд медиҳанд (Ғиёс-ул-луғот): “Чун дар ин рӯз адади фарзандони Одам, ки Каюмарс иборат аз он аст, ба адади сад расида, лиҳозо рӯзи ҷашн муқаррар шуда...”;

7) “Ғиёс-ул-луғот” - “лафзи сад (صد) дар асл ба сини муҳмала (سذ) аст, ки ҳоло ба сод машҳур шуда” ва "صد" муарраби “سد” нест, балки таҳти таъсири хатти арабӣ бо “ص” китобат шудааст. Пас, яқинан вожаи сада бар мабнои шумораи сад сохта шудааст;

8) Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ - Адади “сад” вожаи аслан тоҷикӣ буда, реша дар забонҳои эронии бостон дорад: форсии миёна sat, эронии бостон sata, санскрит śatá, авестоӣ sata, форсии бостон θata ва суғдӣ st;

9) Сада садумин рӯзи зимистон аст: аз ибтидои зимистон - аз 1 обон (23 октябр) то 10 бахман (30 январ) ва аз 10 бахман (30 январ) то Наврӯз (21 март) 50 шабонарӯз будааст;

10) Баъзе олимони забоншинос - “Сада дар забони форсии қадим дар шакли “садок” ва дар форсии миёна “садаг” истифода шуда, ба маънои “пайдо шудан” фаҳмида мешуд. Калимаҳои

арабии “сазақ”, “сазоқ” ва ё “саадак”, ки ҳамин маъноро ифода мекунанд, бо “сада”-и тоҷикӣ ҳамреша мебошанд”;

11) Авесто - “Сада - тулуъ кардан ва пайдо шудан”;

12) Ғиёс-ул-луғот - “Сада дар форсӣ номи ҷашне аз ҷашнҳои муғон, ки ба рӯзи даҳуми моҳи баҳман бошад ва ба замм ва ташдиди дол (яъне, судда) дар арабӣ ба маънии “остона” ва ба маънии “гиёҳ монанди чизе, ки дар рӯдаҳо ё дар рагҳо дарояд ва роҳи онро банд намояд...”;

13) Меҳрдод Баҳор (устурашинос ва авестошиноси эронӣ)

-“Вожаи авестоии “саза”, ки исми муаннас буда, ба маънои зуҳур, ошкорой ва пайдоӣ аст. Ин вожа аз решаи “санд” ба маънои “ба назар расидан” муштақ гаштааст... Бинобар ин, муҳтамалан вожаи “сада”, на бо вожаи “сад”, балки бо решаи “санд” маънои “зоҳир шудан” марбут аст ва маънои он “зуҳур, ошкорой, пайдоӣ” аст... Сада ба рамзҳои оташ, Хуршед ва рӯшноиву торикӣ иртибот буданро дар худ таҷаллӣ менамояд ва он хоси эътиқоди одамони пешин буда, дар он ормонҳои ибтидоии гузаштагон ниҳон мебошад”. Ба таъбири дигар:

**Ҷашни Сада сад маънию мазмун дорад,**
**Сад кӯҳи муроду ганҷи Қорун дорад.**
**Ҳар қатраву ҳар зарраи хокаш дар худ,**
**Дарё-дарё ҷилои Ҷайҳун дорад.**

Тибқи гуфтаҳои мантиқии Меҳрдод Баҳор Сада он ҷашнест, ки Хуршед пас аз чил рӯзи зимистон батамом зоҳир мешавад. Маҳз аз ҳамин зоҳиршавии чилрӯза тибқи оинҳои бостонӣ ниёгони мо хушҳол мешуданд ва онро ҷашн мегирифтанд, чунки пас аз он Хуршед бештар зоҳир мешуду заминро нармтар мекарду одамон ба кишту кор, ба баҳор ва ба Наврӯз наздиктар мешуданд:

**Сада сад роҳ кушояд сӯйи Наврӯз,**
**Ба рӯйи мо намояд рӯйи Наврӯз.**
**Сано гӯям ба ин ҷашни ниёгон,**
**Ки дар сармо расонад бӯйи Наврӯз.**

Ҷашни Садаро “баҳор(е) дар дили зимистон” ва ё “баҳмансада”ҳам мегӯянд.

## Сайри таърихии Сада

**Ҳастӣ нишон аз бостон,**
**Ҷашни бузурги ростон.**
**Донем таърихи туро,**
**Аз қиссаҳову достон.**

Таърихи нишонаҳои пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Хуршед ва тимсоли он-оташ мебошад, хеле қадимӣ буда, ба замони пеш аз ориёӣ ва ҳатто, аз он ҳам дуртар мерасад. Доир ба арзи ҳастӣ намудани он аввалин ахбор дар устураҳо ва адабиёти гуфторӣ ишора рафта, тавассути ин ду сарчашма ба осори навишторӣ роҳ ёфтааст.

Маҳз ҷашни Сада барои эҳтиром гузоштан ба Хуршед ва оташу рӯшноӣ асос гузошт ва боиси он гардид, ки одамони қадим ба ин муқаддасот эътиқод пайдо намоянд ва онҳоро ситоиш кунанд. Ҳадаф аз ин ситоишу ниёиш расидан ба Наврӯз ва омадани соли хуб барои кишту кор буд, ки дар давраи ибтидоӣ мақом ва ҷойгоҳи хос дошт. Ҳамин боварҳо буд, ки дар замонҳои хеле дури пеш аз мелод қавмҳои гуногуни одамӣ барои рӯзгори худ устураҳо меофариданд ва хушҳолию зиндагии баъдияшонро бо ин ҷашну маросим пайванд менамуданд, ки ҷашни Сада яке аз онҳост.

Дар бораи пайдоиши ҷашни Сада назарҳо гуногун мебошанд. Баъзе муҳаққиқон ва донишмандон онро ҷашни замони ориёӣ мепиндоранд ва иддаи дигар падидории онро пеш аз даврони ориёиҳо медонанд. Бале, ҷашни Сада марбут ба замони пеш аз ориёиҳо аст. Ин ҷашн тибқи устураҳо дар замони шоҳони асотирии Пешдодӣ, ки таърихи тахминан 6-7 ҳазор сола доранд, баргузор мешудааст.

Ҷашни Сада ҷашни чиллаи Хуршед аст. Дар дарозтарин шаб (21-22 декабр) Хуршед зоида мешавад. Хуршеде, ки дар поини поиз (тирамоҳ) мурда буд, дар зимистон бача аст (ин бача дар Сада 40-рӯза аст ва ин “кӯдаки хурдсоли 40-рӯза”-ро, ки номаш Хуршед аст, бо оташи Сада гарм мекарданд), дар баҳор навҷавон аст, дар тобистон дар авҷи қудрат аст. Дар поиз пир шуда, дар поёни поиз мемирад ва Хуршеде, ки дубора аз аввали дай (зимистон) меояд, як Хуршеди тоза ва ё як навзод аст. Яъне, мардуми замони бостон Хуршеди навзодро пас аз 40 рӯз ҷашн мегирифтанд, ки он ҳам ба сардии зими-

стон таъсир мерасонад ва ҳам ба расидани фасли гармо ва баҳору Наврӯз мусоидат менамояд:

**Ҷашни нур асту зиёву тӯю сур,**
**Ҷашни Хуршед аст, ин ҷашни Сада.**
**Давр амну мулк амну халқ шод,**
**Даври Ҷамшед аст, ин даври Сада.**

Баъдан, ба гуфтаи Меҳрдод Баҳор бошад, ҷашни Сада марбути зардуштиён нест, балки пеш аз онҳост, вале онҳо ҳоло Садаро таҷлил менамоянд. Пас аз муддате дини зардуштӣ ҷашни Меҳргон ва Наврӯзро мепазирад, вале ҷашни Садаро, ки чун ҷодуӣ мепиндошанд, вориди дин накарда буданд (чунки тибқи боварҳои мардумӣ ниёгони гузашта Садаро бо афсуну ҷоду сӯзонидани ҳайвоноту парандагон дар гулхани оташ ҷашн мегирифтанд. Тибқи ишорати Меҳрдод Баҳор аз сабаби он ки Авесто китоби динӣ мебошад ва дар он куштани ҳайвонҳо, озори парандагон, афсуну ҷоду мамнуъ аст, аз ин хотир дар он аз Сада ёд нашудааст).

Вале ба ҳар сурат пайдоиши ҷашни Сада ва устураҳои марбут ба он ба масъалаи ҷамъ шудани рӯшноӣ ва оташ вобаста мебошад ва аз таҳаввули ташаккули қавмҳои ориёӣ дарак медиҳанд, ки онҳо ин ҷашнро аз пешиниён гирифтанд ва баъдиҳо онро то рӯзгори мо расониданд.

Ҷашни Садаро дар даҳумин рӯзи моҳи баҳман (баробари 29-30 январ) баргузор мекарданд, ки аз зимистон сад рӯз (обон, озар, дай ва даҳ рӯзи баҳман) мегузашт. Ба ақидаи ориёиҳои қадим сармо ба авҷи баланди худ мерасид ва баъдан ҳаво тадриҷан ба самти беҳбудӣ, нармӣ ва гармӣ мерафт. Аз ин рӯ, барои он ки ба кишту кори онҳо зараре нарасад ва чорвоҳояшон аз сардӣ эмину нигаҳдорӣ гардад, оташро ҳамчун рамзи Ҳурмузд меафрӯхтанд, то дар он қувваҳои бадӣ сӯзанду нобуд гарданд.

Доир ба таърихи пайдоиши ҷашни Сада назарҳои дигар низ мавҷуданд, ки барои равшан шудани мақсад аз онҳо ёдовар шудан аз манфиат холӣ намебошад.

Абурайҳони Берунӣ дар асараш “Аттафҳим” доир ба ҷашни Сада чунин овардааст: **“Сада чист? Обонрӯз аст аз баҳманмоҳ ва он 10-ум рӯз бувад (10-умин рӯзи моҳи баҳман (баробар ба 29-30 январи мелодӣ) - Қ.С.А. ва З.С.З.). Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи 10-ум аст ва миёни рӯзи 11-ум оташҳо зананд ба гавз (чормағз)-у бодом ва гирд бар гирди он шароб хӯранд ва лаҳв (бозӣ)-у шодӣ кунанд. Ва низ гурӯҳе аз он бигузаранд, то ба сӯзондани ҷонварон. Ва аммо сабаби номаш чунин аст, ки аз ӯ то Наврӯз 50 рӯз аст ва 50 шаб...”.**

Баъдан, дар замони Сомониён ин ҷашн роиҷ буда, дар замони Ғазнавиён низ машҳур будааст. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва писараш Масъуд низ ин ҷашнро бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамуданд. Абдулаъзим Ризоӣ таъкид менамояд, ки номи Мардовиҷ Дайламӣ (сипаҳсолори машҳури давр-писари шоҳ Зиёр (соли 323 ҳиҷрӣ-баробар ба соли 945-и мелодӣ)) дар адабиёти зардуштӣ ба унвони беҳтарин баргузоркунандаи ҷашни Сада ба некӣ ёд шудааст (дар шаҳри Исфаҳон ва дашти Зояндарӯд аз ҷониби ин кас бузургтарин ҷашни Сада гузаронида шудааст: Ӯ дастур дода буд, ки то хору ҳезуми фаровоне аз чӯби газ, танаҳои бузурги дарахтони нахл ҷамъоварӣ намоянд, дар он ҷойҳо хайма зананд ва нишастгоҳу суфаҳо барои меҳмонон ва иштироккунандагон омода созанд. Дар ҷашн ҳазорҳо гову гӯсфандон кушта шуданд ва бо хӯроки лазиз хони ҷашнӣ ороста шуданд. Чун Офтоб дар ҳоли ғуруб даромад, навои мусиқиву созу овоз танинандоз ва рақсу тарабу дастафшонӣ шуруъ шуд ва вақте оташсӯзӣ шуруъ шуд, шахс гумон мекард, ки тамоми кӯҳ месӯзад).

Дар рисолаи «Назария ва сайри таърихии устурасозии форсӣ-тоҷикӣ»-и Раҳмонов А. доир ба таърихи пайдоиши ҷашни Сада ва устураи Ҳушанг маълумот дода, таъкид шудааст, ки як омили падид омадани «оташ» дар тафаккури асотирии мардуми эронитабор аз таассуроти одамони ибтидоӣ ба табиат сарчашма мегирад ва қисме аз онҳо дар аввал ҷанбаи парастишӣ гирифта, бо гузашти замонҳо ва иваз гардидани тафаккури эҷодию зеҳнӣ ба таркиби оину ҷашнҳои миллӣ (ба мисли ҷашни Сада ва Меҳргон ва амсоли онҳо) ворид шуда, ба маросим табдил меёбанд.

Дар ҳақиқат, устураи Ҳушанг ва пайдоиши ҷашни Сада баъдҳо хусусияти милливу маросимӣ гирифта, ба қатори дигар ҷашнҳои мардумӣ ворид шуд ва дар миёни мардуми эро-

нитабор, аз ҷумла, тоҷикон мақому манзалати хос пайдо намуд, ки аксари шоирони пешин ва сарчашмаҳои таърихӣ аз тарзи баргузорӣ ва арҷ гузоштани он аз ҷониби шоҳон ва аҳолӣ ахбори зиёде ба ёдгор мондаанд.

Арзи ҳастӣ кардани ҷашни Сада воситаи хушҳолии мардум мебошад, ки бо ин роҳ онҳо шодию хурсандӣ мекунанд, ба ҳамдигар хушӣ орзу менамоянд ва кинаву адоватро аз худ дур мекунанд. Баъдан аз болои оташ ҷаҳида, ҳамаи бадиҳову балоҳоро аз тариқи оташ, ҳамчун зуҳури аҳриманӣ аз ботинашон дур месозанд. Ин рукнҳо баъдҳо ба анъанаҳои миллӣ табдил ёфта, ташаккул меёбанд ва дар байни халқ ҷойгоҳи хосро пайдо карда, дар хотираи таърихию фарҳангияшон ворид мешаванд ва то ба имрӯз идома меёбанд.

Ҳарчанд дар ҳар давру замон бар зидди оинҳои бостонии ниёгони мо, ки пайвандгари инсон ва табиат мебошанд, шахсоне мубориза мебурданд ва мехостанд, ки ҷашнҳои бостонӣ, аз қабили Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада таҷлил нагарданд, вале боз ҳам мардум онҳоро аз ҳама балоҳо наҷот дода, то рӯзгори мо овarданд. Агарчи дар давоми қариб як аср (дар асри 20) он ба таври расмӣ ҳамчун оини хурофотӣ эълон шуда бошад ҳам, дар музофот ва ҷойҳои алоҳида ҳамчун ҷузъи маросими мардумӣ шинохта мешуд ва таҷлил мегардид. Дар баъзе деҳоти кӯҳистони Тоҷикистон ва дар байни тоҷикони Осиёи Миёна мушоҳида мешуд, ки дар айни авҷи зимистон барои нек омадани соли оянда ва зуд расидани баҳор гурӯҳе аз одамон ба дашту саҳро ё байни боғи худ хору хасу буттаву чубҳои хушки дарахтонро ҷамъ оварда, оташ афрӯхта, шодмонӣ менамуданд. Наврасону ҷавонон дар гирди ин оташ бозиву шӯхӣ ва ҳунарнамоӣ менамуданд. Ин ҳамон нишонаи ҷашни Сада аст, ки мардум онро бо эътиқод ба гузашта то замони мо оварданд:

**Сарчашмаи Наврӯзи ҷаҳонӣ Сада шуд,**
**Гулбазми баҳор гирди оташкада шуд.**
**Афзуд шукӯҳи Тоҷикистон ба фалак,**
**Бар номи Сада мудом, ки арбада шуд.**

## Ривояту устураҳо роҷеъ ба Сада

**Оташ, ки ба аҷдод муқаддас будӣ,**
**Ӯ кард парастишу биёвард суҷуд.**
**Монандаи обу хоки худ хонда азиз,**
**Пайваст ба оташ ҳамаи буду набуд.**

Ривояту устураҳо дар бораи Сада низ гуногун ва зиёд буда, ҷамъан онҳоро бад-ин тариқ метавонем, дастабандӣ кунем:

1) “Ҳушанг оташро кашф менамояд” - Ҳушанг санге ба сӯйи мор мепартояд ва санг бар санги дигар бархӯрда, оташ падидор мегардад. Падид омадани оташро ҷашн гирифтанд ва онро "Сада" номиданд;

2) “Адади фарзандони Одам” - Мегӯянд, ки Каюмарс, яъне, Одам, ки нахустин инсон буд, 100 фарзанд дошт, 50 нафари онҳо аз ҷинси зан ва 50-и дигар аз ҷинси мард. Замоне, ки онҳо ба балоғат расиданд, он рӯзро ҷашн гирифтанд ва ҳамаи онҳоро соҳиби хонаву ҷой карданд. Сипас, шоҳ фармуд, ки оташи бисёр афрӯзанд ва ҷашн гиранд. Аз ин рӯ, он ҷашнро "Сада" меноманд;

3) “Ба 100 расидани фарзандони Машӣ ва Машёна” – Тибқи ишорати баъзе сарчашмаҳо ҷамъи фарзандони Машӣ ва Машёна ба 100 мерасад. Дар рӯйи замин теъдоди инсон ба 100 мерасад ва онро ҷашн мегиранд ва "Сада" ном мениҳанд. Ба ин устура дар «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот», «Луғатномаи Деҳудо» ва манобеи дигар низ ишорат шудааст;

4) “Шаби пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок” -Ҳамон пирӯзиро ҷашн гирифта, онро "Сада" номиданд ва дар ин ҷо асосгузори Сада Фаридун муаррифӣ шудааст. Ин устура низ хеле машҳур буда, дар сарчашмаҳои гуногун дида мешавад, аз ҷумла, дар «Аттафҳим» ва бахусус, дар «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ;

5) Вазири Заҳҳок ҳар рӯз бояд ду танро кушта, мағзашонро ба морони дӯшҳои Заҳҳок медод, вале ӯ якеро наҷот мебахшид. Чун Фаридун бар Заҳҳок пирӯз шуд, теъдоди он озодшудагон ба 100 расид, яъне, наҷоти 100 тан одам аз морони Заҳҳок аст. Зинда мондани ин 100 танро ҷашн мегиранд ва ҷашни "Сада" меноманд;

6) “Пирӯзии Таҳмосб бар Афросиёб” – Ин пирӯзиро "Сада" ном ниҳоданд;

7) Чун бо гузашти 100 рӯз аз зимистони бузург сармо ба поёни авҷи худ мерасад ва баъдан суст мешавад. Ба шодии ин сустшавии сармо

ниёгони мо ҷашни Садаро барпо менамуданд;

8) Мегӯянд, ки аз ҷашни Сада то Наврӯз 50 рӯзу 50 шаб дар пеш аст, ки маҷмуан, теъдоди он шабу рӯз 100 мешавад. Ба ин сабаб, ҷашни Садаро 50 рӯз то ба Наврӯз мондан ҷашн мегирифтанд;

9) Аз рӯзи Сада то рӯзи гирдоварии ғалла дар навоҳии ҷанубии Эрон 100 рӯз фосила аст, ки аз ин сабаб, ин ҷашнро "Сада" номиданд;

10) "Рӯзи таваллуди Худои Офтоб" – Ба ҳамин муносибат гузаштагони дури мо ин рӯзро ҷашн мегирифтанд ва он Сада унвон дошт.

Пажуҳандагон ин ривояту устураҳоро аз назар гузаронида, андешаҳои худро баён намудаанд. Чунин ривоят ва устураҳо дар бораи ин ё он воқеа ва ҳодисаи замони бостон то рӯзгори мо дар шаклҳои мухталиф расидаанд. Ҳамаи ин устураҳоро баъдҳо, дар бораи Сада, ховаршиноси машҳури даниягӣ Артур Кристенсен, Ҳошим Разӣ, Меҳрдоди Баҳор ва дигарон мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Аммо А. Кристенсен дар доираи таъкиди олимони шинохта, ба мисли В. Манҳардт, Э. Вестермарк ва Е. Монгк, Ҷ. Фрэзер ва дигарон доир ба масъалаи ҷашни оташ ва муқаддас донистани он изҳори назар менамояд. Ба гуфти эшон, дар бораи ҷашни оташ дар байни пажуҳандагон ду ақида вуҷуд дошта, ки баҳси онон солҳо идома ёфтааст. Яке ин буд, ки оташ тамоми неруи зиёноварро бо афсуну ҷоду месӯзонад ва дигаре ин ки неруи бештар ба хуршед мебахшад, яъне, оташ тақлиде аз хуршед аст. Баъдҳо Ҷ. Фрэзер бо далелҳои илмӣ собит менамояд, ки оташ на танҳо тақлиде аз хуршед будааст, балки мардум ба вай эҳтиром доштаанд.

А. Кристенсен вориди ин баҳсҳо шуда, ишора бар он менамояд, ки он ба кишварҳои аврупоӣ, ки дар он ҷо сармо бештар аст, дуруст аст. Вале барои сарзаминҳое, ба мисли Эрон, ки обу ҳавои муносиб ва тобистонҳои гарм доранд, ҳосили замин, пеш аз ҳама, ба хуршед ва борон вобаста аст. Дар ин кишвар эҳсоси камбуди хуршед нест. Аз ин рӯ, дар ин кишвар неруи поксозии оташ эҳтимолан танҳо ангезаи ҷашни оташ аст. Ба гуфти В. Манҳардт оташ василаи поксозии ибтидоӣ ва аз ин ҷиҳат муассиртар аз об аст. Ба ин васила, ҷашни Сада чанд ҳафта пеш аз расидани баҳору Наврӯз аст, ки мардуми эронитабор ба ин муносибат дар кӯҳҳо, марғзорҳо оташ меафрӯзанд, то мазореъ ва чарогоҳҳоро барои тобистон пок созанд. Рӯиши фаровони гиёҳҳо ва беҳрӯзии одамиён ва ҳайвонотро таъмин намоянд. А. Кристенсен ба таври муфассал ҷашнҳои оташеро, ки дар Эрони бостон будааст ва то имрӯз нишонаҳои он дар байни мардум аст, мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин натиҷа мерасад, ки ҷашнҳои гуногун вуҷуд дошта, яке ба дигар пайванд будааст.

Хулоса, ҷашни Сада низ амсоли дигар ҷашнҳои миллӣ, аз қабили Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон таърихи қадима дошта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ таназзул, такомул ва ташаккул ёфтааст, ки ин ҳолатҳо дар сарчашма, манбаъ ва тадқиқотҳои илмии олимон ва бузургони халқи тоҷик ва дигар халқҳои олам инъикос ёфтаанд:

**Ҷашни сафову равшанӣ,**
**Ҷашни гунаҳоташзанӣ.**
**Аз рафтагони некном,**
**Мерос бар халқи манӣ...**

**Аз нав ту эҳё гаштаӣ,**
**Вирди забонҳо гаштаӣ.**
**Чун ҷашни шодию тараб,**
**Машҳури дунё гаштаӣ.**

## Вижагиҳои Сада

Ҷашни Сада дар тӯли таърих ташаккул ёфта, ба таълимоти мазҳабиву миллӣ пайванд гардида, байни халқ маҳбубият касб карда будааст. Дар замони Сомониён ин ҷашн роиҷ буда, пасон, дар замони Ғазнавиён низ машҳур будааст. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ низ ин ҷашнро бо шаҳомати хос таҷлил менамудааст. Тибқи ишоратҳои Байҳақӣ дар он рӯзгорон ҷашни Сада аз ҷониби ҳукумати замон бошукӯҳ баргузор мешудааст. Аз ҷумла, Байҳақӣ дар ин бора чунин гуфтааст: **«Ва Сада фароз омад, нахуст шаб амир бар он лаби ҷӯйи об, ки шароъйе зада буданд, биншаст ва надимон ва мутрибон биёмаданд ва оташ ба ҳезум заданд - ва пас аз он шунидам, ки қариби даҳ фарсанг фурӯғи он оташ бидида буданд - ва кабӯтарони нафтандуд бигзоштанд ва дадгон ба қорондуд ва оташ зада давидан гирифтанд ва чунон Садае буд, ки дигар он чунон надидам ва он ба хуррамӣ ба поён омад».**

Инчунин, дар "Луғатномаи Деҳхудо" баъзе вижагиҳои ҷашни мазкур бад-ин тариқ қайд шудааст: **"Номи рӯзи даҳуми баҳманмоҳ аст**

**ва дар ин рӯз форсиён ид кунанд ва чашн созанду оташи бисёр афрӯзанд ва мулуку салотини эшон мурғону ҷонварони саҳроиро гирифта, дастаҳои гиёҳ бар пойи эшон баста, оташ дар он гиёҳ зананд, то дар ҳаво бипаранд ва дар саҳро биравад ва ҳамчунин оташ дар кӯҳу саҳро зананд".**

**Сада дар замони Истиқлоли давлатӣ**
**Шукронаи ҷашни Сада имрӯз кунем,**
**Шукронаи Меҳргону Наврӯз кунем.**
**Шукронаи номи Пешво ҳар нафасе,**
**Шукронаи ин замони фирӯз кунем.**

Баъди расидан ба Истиқлоли давлатӣ дар кишварамон суннату ҷашнҳои миллӣ эҳё гардиданд, ки садсолаҳо аз назари халқ дур буданд, таҷлили баъзеяшон маҳдуд гардида буд ва қисми дигарашон ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта, танҳо дар хотираи таърихиву фарҳангии халқамон боқӣ монда буданду халос. Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ҳувияти миллӣ ва эҳё гардидани таърихи куҳан, инчунин, мурочиат ба осори пешин ва зинда намудани чеҳраҳои таърихиву фарҳангии гузаштаи халқи тоҷик ва ҷашну маросимҳои миллӣ возеҳан рӯнамо гардид, ки яке аз онҳо Сада мебошад.

Ҳоло дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони азиз шуруъ аз соли 2017 ҷашни Сада бо шукӯҳу шаҳомати хос истиқбол карда мешавад. Мардум дар гирди оташи Сада корвони шодмонӣ барпо намуда, ҳунармандон ҳунари худро намоиш медиҳанду раққосаҳову доирабадастон рақсу бозӣ менамоянд. Дар ҷашни Сада низ созҳои миллӣ, навъҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ, маҳорати пазандагии моҳир, навъҳои таомҳои суннатӣ, порчаҳои атласбофию зардӯзӣ, гулдӯзию қолинбофӣ, либосҳои миллии зимистона ва намоиши расму русумҳои миллӣ ба маърази тамошо гузошта мешавад, то ин шодмониву хурсандӣ зимистони сарди афсунгарро гусел намуда, барои бештар ҷаҳонро мунаввар намудани Хуршеди баҳорофар, омодагии кишту кор ва ояндаи дурахшони рӯзгор мадад расонад.

Ҳамзамон, мардум омодагии худро ба кишту кор нишон дода, ба ин восила, ба истиқболи Наврӯз равон шудани худро ба тамоми ҷомеа нишон медиҳанд. Деҳқонон дар ин айём ба кандан ва тоза намудани ҷӯйборҳо, мондани яхоб, пошидани неру ба замин, омода намудани тухмӣ, нигоҳубини махсуси чорво ва ҳайвоноти хонагӣ барои аз зимистон солим баровардани онҳо чораҳои махсус меандешанд.

Ҷашни Сада ба сифати як ҷашни миллию мардумӣ на танҳо барои дилхушию зиёфат баргузор мегардад, балки мададгори кишоварзон гардида, барои рушди боғдорию токпарварӣ, гулкорию гулпарварӣ, чорводорию зироаткорӣ ва дар маҷмуъ, ободкорӣ мусоидат мекунад ва минбаъд боз ҳам густариш бояд ёбад. Дар ҳақиқат, ҷашни Сада ба мисли ҷашни Наврӯзу Меҳргон ҷашни ободкорӣ ва кишоварзӣ мебошад, ки тамоми қишрҳои ҷомеа аз он дастгирӣ намуда, маросимҳои онро риоя карда, аз баргузорияш изҳори шодмонӣ мекунанд:

**Ҷашни фирӯзи Сада – ҷашни ниёи номдор,**
**Аз Ҷаму Ҳушангу аз Кайхусрав омад ёдгор.**
**Меҳргон бо меҳр меояд, Сада бо сад ниёз,**
**Аз пайи ӯ мерасад Наврӯзи фасли навбаҳор.**

Ногуфта намонад, ки дар ҷаласаи 18-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО, ки рӯзҳои 4-9-уми декабри соли 2023 дар Касанеи Ҷумҳурии Ботсвана баргузор гардид, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон се унсури фарҳанги ғайримоддӣ баррасӣ ва тасдиқ шуданд, ки яке аз онҳо номинатсияи "Ҷашни Сада" (муштарак бо ҶИ Эрон) буд (инчунин, номинатсияҳои "Донишу таҷрибаҳои анъанавии истеҳсоли матоъҳои атласу адрас" (Тоҷикистон) ва "Тазҳиб – санъати зарҳалкорӣ" (муштарак бо кишварҳои Эрон, Озарбойҷон, Туркия ва Ӯзбекистон)).

Ин амал боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ ҷашни Сада бори дигар эҳё ва зинда гардида, мардум метавонад, онро беибо пешвоз гиранд ва аз он ҳамчун ҷашни миллии халқи худ тафохур намоянд:

**Ҷашни Ҳушанг омад, ҷашни Сада муборак,**
**Бо тору чанг омад, ҷашни Сада муборак!**
**Пайки баҳору Наврӯз, бо чеҳраи дилафрӯз,**
**Хушобуранг омад, ҷашни Сада муборак!**
**Бар хонаи туву ман, файзе зи моҳи Баҳман,**
**Бас шӯху шанг омад, ҷашни Сада муборак!**

**Мураттиб: Ҳотами ҲОМИД**

## МУАММОИ «МАҲОРАТ»

**Аз боло ба поён:**

1. Қаҳрамони асари «Камони Рустам» - и Саттор Турсун. 2. Тамғаи мошини сабукрави хориҷӣ. 3. Муаллифи достони «Хусрав ва Ширин». 4. Муқобилмаънои «дур». 5. Узви инсон. 6. Дахл кардан. 10. Маҳсулоти лӯбиёӣ. 11. Санги қимматбаҳо. 14. Шакли ҷамъи «рукн». 15. Навъи харбуза. 18. ***и Шерозӣ, муаллифи достони ишқӣ. 19. Истилоҳи илми забон. 21. Муродифи вожаи «азоб». 22. Малака, истеъдод. 23. Истироҳатгоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 24. Ҳайвони дарандаи обӣ. 27. Яке аз моҳҳои тақвими григорианӣ. 28. «*** агар хушк шавад, боз асо мегардад» (Сайидо).

**Аз чап ба рост:**

1. Соми ***, қаҳрамони «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 4. Ноҳия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 7. Узви инсон. 8. Исми маъмулии занонаи тоҷикӣ. 9. Беморие пӯст. 12. Ҳаммаънои вожаи «шафқат». 13. «***и чашми содаву қади расои туст» (Лоиқ). 16. Молу мулки ба мерос монда, ки ба ворисон тақсим мегардад. 17. Сукунат, зиндагӣ кардан. 18. Соҳаи афзалиятноки ҷомеа. 20. «*** чу гӯр мегирифтӣ ҳама умр, Бингар, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт» (Фирдавсӣ). 25. Номи ҳарфи математикӣ дар формулаҳо. 26. Давлат дар қитъаи Осиё. 29. Навъи ширинӣ. 30. Миз ва ***. 31. Сиёҳ, Мурда, Азов. 32. Пйесаи Файзулло Ансорӣ. 33. Кайфият, лаззат.



### ҶАВОБИ МУАММОИ «МАОРИФ»

**Аз боло ба поён:**

1. Сар. 2. Сабу. 3. Моҳӣ. 4. Норӣ. 5. Олӣ. 6. Румӣ. 8. Омор. 12. Насим. 13. Модар. 15. Аслам. 16. Илмат. 20. Уқбо. 22. Имон. 23. Марг. 24. Абир. 25. Ораз. 27. Оҳо. 29. Оин.

**Аз чап ба рост:**

6. Рама. 7. Осло. 9. Дур. 10. Баҳор. 11. Имо. 12. Нимо. 14. Сарӣ. 17. Садо. 18. Олим. 19. Мурч. 21. АМИТ. 26. Або. 28. Акбар. 29. ООО. 30. Оҳар. 31. Амин. 32. Гуроз.

# МУНДАРИЧА


**СУХАНИ ПЕШВО**

Пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад.......................................................................................................................

**ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ**

А. РАҲМОНЗОДА: «Паёмҳои Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ рисолати таърихсозӣ доранд»..........................................................................................................................17

**КАЛОМИ РОҲНАМО**

У. НАҶМИДДИНОВА. Шинохт ва мавқеи шахсиятҳои таърихӣ дар Паёми Пешвои миллат...21

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

М. БОБОЕВА, М. БОБОЁРОВА. Нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” дар рушди маърифатии волидон...........................................24

**ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

М. МАДУМАРОВА. Ташаккули гуфтории кӯдакон: аспектҳои асосӣ ва методикаҳо..............28

**ФИЗИКА**

Х. ШАРИФОВ. Таҷрибаҳои намоишии одӣ дар раванди дарс..............................................31

**ГЕОМЕТРИЯ**

А. ШАРИФЗОДА, М. ШАРИФЗОДА. Ҳалли масъалаҳои мантиқӣ бо ёрии зарфҳо................34

**БИОЛОГИЯ**

С. САЙДАЛИЗОДА. Таъсири ионҳо ба фаъолнокии системаҳои оксидантӣ ва антиоксидантӣ дар баргҳои растании картошка..........................................................................................40

**ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ**

Н. АКБАРОВ. Методикаи таълими омӯзиши мафҳуми моделиронӣ........................................46

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

А. НУРИЛЛОЕВ, Б. ҲАЙДАРОВ. Истифодаи чистонҳо дар дарсҳои химия............................50

**ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ**

А. НАСРУДИНЗОДА. Шаклҳои гуногуни таълим ва вусъат бахшидани сатҳи ҷаҳонбинию маърифати хонандагони синфҳои болоӣ...............................................................................51

**МУСОҲИБА**

Ҳ. ТОҲИРӢ. Сулаймон Абдуқаҳҳор: Омӯзгор рисолати бузурги иҷтимоӣ дорад....................54

**СУННАТҲОИ НИЁГОН**

С. ҚОСИМӢ. Сада – ҷашни фирӯз ва ниёи номдор.............................................................57

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Маҳорат»........................................................................................62

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**М. АТОЗОДА,** муҳаррир.
**Қосимхуҷа НАЗАРОВ,** тарроҳ.
**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, таҳти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x84 ⅛.**
**Адади нашр 6930 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**
**Телефон: 225-82-39**